Ф. ШАРИФОВ, Р. МИРЗОЕВ

# ЗАБОНИ МОДАРӢ



2

ББК 81.2 тоҷик Я72
Ш–30

*Шарифов Ф., Мирзоев Р.* **Забони модарӣ.**
Китоби дарсӣ барои синфи 2. — Душанбе, 2005, 240 саҳ.

**Хонандагони азиз!**
**Китоб манбаи донишу маърифат аст, аз он баҳра баред ва онро эҳтиёт намоед. Кӯшиш кунед, ки соли хониши оянда ҳам ин китоб бо намуди аслиаш дастраси додарҳоятону хоҳарҳоятон гардад ва ба онҳо ҳам хизмат кунад.**

Ҷадвали истифодаи иҷоравии китоб

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали сол | Охири сол |
| 1 | Хасанова И. | | | | |
| 2. | Кодирова Саодат | 2-юм | 2007 2008 | нав | |
| 3 | Кодиров Абдукарим | | 2-юм | 2010 2011 | |
| 4 | Якубова Элмира | 2-юм | 2010 | нав | |
| 5 | Якубова Парвина | -2-б | | | |

6. Кенҷаева Марҷона 2-"б" 2012 2013.

Муҳаррир: ***Розиқ Ҳамидов***

Розиқова Мижгона 2013

© Шарифов Ф., Мирзоев Р., 2005

# АЗ МУАЛЛИФОН

**Бачаҳои азиз!**

Акнун шумо баъд аз хатми синфи якум як зина боло, ба синфи дуюм қадам ниҳодед. Агар имсол ҳам хубу аъло хонед, боз ҳам маърифатноктар мегардед ва дониши андӯхтаатон дар зиндагӣ ҳатман бароятон лозим мешавад.

Таманнои мо, азизон ин аст, ки ба ҳама фанҳо муносибати хуб дошта бошед ва онҳоро нағз омӯзед. Агар ба таъкиди боло риоя кунед, гуфтаҳои пайғамбар Зардушт «Пиндори нек, рафтори нек, гуфтори нек »-ро ба ҷо меоред.

Биёед маъною мазмуни ин се сухани болоро шарҳ диҳем:

**1**. «Пиндори нек» он аст, ки бояд андеша, фикру хаёл ва тасаввуроти шахс хубу солим бошад.

**2**. Маънои «Рафтори нек» ин аст, ки ҳар шахс бояд амалу рафтор ва муомилаи хуб дошта бошад, то ки ба атрофиён намунаи ибрат гардад.

**3**. Мазмуни «Гуфтори нек» он аст, ки шахс пеш аз фикри худро ба дигарон баён намудан аввал андеша (фикр) кунад, ки чӣ мегӯяд. Агар нек бошад, бигӯяд, бад бошад, худдорӣ намояд. Ӯ набояд нисбат ба дигарон амали бадро раво бинад. Баръакс, бояд хайрхоҳ ва ба ашхоси дигар нафърасон бошад.

## ЧОРЯКИ –I–

## 1. МАШҚҲОИ АМАЛӢ ОИД БА ҶУМЛА, КАЛИМА, ОВОЗ ВА ҲАРФ

### ДАРСҲОИ 1–2

### ҲИКМАТИ КИТОБ

Китоб дӯсти ҷонӣ, раҳнамои зиндагӣ аст. Китоб ақли туро ба ҷунбиш меорад. Ба дидаи ту равшанӣ мебахшад. Ҳар ки бисёр китоб хонад, нигоҳаш тағйир меёбад, нуронӣ мешавад. Бисёр хонед, бисёр медонед. Одаме, ки бисёр медонад, тавоно аст.



**Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад,**
**Зи дониш дили пир барно бувад.**

*Абулқосим Фирдавсӣ*

Таманнои мо аз шумо: баробари доно будан, бо якдигар меҳрубон бошед. Одоби одамиро риоя кунед. Аз бадон дур бошед.

Аввал рост гӯед, дуюм, ба ваъдаи додаатон вафо кунед, сеюм, коре, ки аз дастатон намеояд, ваъда надиҳед. Одами росткор ҳамеша ба сари баланд ва хотири ҷамъ зиндагӣ мекунад. Инсони некдилу хайрхоҳ бошед.

Ҳофизи Шерозӣ некномию худписандиро дар шеъраш ба ҳамдигар муқобил гузоштааст.

Нек-но-мӣ хо-ҳӣ, эй дил, бо ба-дон сӯҳ-бат мадор,
Худ-пи-сан-дӣ, ҷо-ни ман, бур-ҳо-ни но-до-нӣ бу-вад.

**Супориш:**

1. Матнро хонед. Ба талаффузи дуруст ва суръати хониш эътибор диҳед.
2. Ҳарфҳои садонокро номбар кунед.
3. Калимаҳои **некном, худписанд, хоксор** ва **қобил**-ро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.

**Машқи 1.** Матнро бори дигар хонед. Ба саволҳо ҷавоб диҳед:

1. Чаро китобро дӯсти ҷонӣ мегӯянд?
2. Чаро одам аз хондани китоб нуронӣ ва тавоно мешавад?
3. Дар росткорӣ, некдилию хайрхоҳӣ ба инсон чӣ мададгор аст?
4. Дар байни шумо бачаҳои худписанд ҳастанд?

**Супориш:** 1. Нависед ва ба зери садонокҳо хат кашед:
**роҳнамо** – роҳбар, **қиёфа** – чеҳра, **тавоно** – пурзӯр,
**фурӯтан** – хоксор, **бурҳон** – далел, исбот.

2. Ин калимаҳоро нависед: **ваъда, шеър, эътибор, дӯст, ҷамъ, некном, худписанд.**

**Машқи 2.** Ба ин калимаҳо ҳаммаъно ёбед:
**дида** – , **одам** – , **тавоно** – , **некном** – .

**Супориш:** Бо калимаҳои **меҳрубон, дӯст** ҷумла тартиб диҳед. Нақшаи ҷумлаи якумро кашед.

## ДАРСҲОИ 3–4

## ҶАВОҲИРОТИ ШОҲ

Дар замоне шоҳе ба мамлакатҳои бегона ҳамла меовард ва боигариҳои онҳоро ғорат карда бо худ мебурд.

Боре ҳангоми ҳуҷуми навбатӣ аҳволи шоҳ бад шуд. Вай ҷавоҳиротеро, ки ҳамеша бо худ гирифта мегашт, дар чоҳе гӯронд. Ба болои он чоҳ тахтасанге гузошт, дар рӯйи тахтасанг сурати наъл кашид. Шоҳ шоҳидони ин корро ба қатл расонид. Аз ин ҳодиса солҳои бисёре гузашт. Рӯзе чӯпонбачае он чоҳ ва он сандуқҳои пур аз тиллову нуқра, пур аз сангҳои гаронбаҳоро ёфт. Дар сандуқҳо тасодуфан чанд китобе ҳам буд. Падари чӯпонбача ин сарватҳоро аз назар гузаронида гуфт:

Писарам, ту сарвати бузурге ёфтӣ. Ҳамаашро ба одамон тақсим карда деҳ. Ин боигарӣ аздусар тамом мешавад. Аммо китобҳоро надеҳ. Онҳо гаронтар аз ҳама симу заранд.

**Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,**
**Дар ғамкадаи замона ғамхоре нест.**

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

**Супориш:** 1. Ҳикояро хонед. Калимаҳои **ёре**, **ғамхоре**-ро аз шеър ҷудо карда нависед ва талаффуз намоед, оҳанги онҳоро муқоиса кунед. Калимаҳои ҷаҳон, замонаро шарҳ диҳед. Гӯед, ки дар калимаҳои **хуштар, ғамхор** чанд садонок ҳаст.

**Саволҳо:**

1. Барои чӣ шоҳ дар болои тахтасанг сурати наъл кашид?
2. Чаро шоҳ шоҳидҳои ин корро ба қатл расонд?
3. Падар ба писараш чӣ маслиҳат дод?
4. Барои чӣ китобро қиматтар аз симу зар мешуморанд?

**Супориш:** 1. Калимаҳоро шарҳ диҳед: **ҷавоҳирот, гаронбаҳо, сарват.** *Намуна*: ***ниҳон*** *– пинҳон, махфӣ…*

## ДАРСҲОИ 5–6

**Машқи 1.** Шеърро рӯнавис кунед. Калимаи хуштарро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед ва шарҳ диҳед.

**Супориш:** 1. Калимаҳое фикр кунед, ки бо ивази як ҳарф маънои дигар гиранд: *хуш – хуб, тар – тор, хон – дон, …*

2. Калимаҳои аз ҷиҳати маъно муқобилро нависед:
*Хуб – бад, боло – поён, рӯз – шаб, бисёр – кам..*

**Машқи 2.** Хонед. Дар ин калимаҳо кадом ҳарфҳо иваз шудаанд:

| | | |
|---|---|---|
| **шоҳ** – шох | **он** – ош | **пур** – нур |
| **бад** – бод | **кор** – хор | **сим** – сум |
| **дар** – дор | **сол** – хол | **бар** – бор |

**Супориш:** 1. Ҳаммаънои ин калимаҳоро фикр карда ёбед:
*ҷаҳон - …. , ёр - …. , ғамхор - ….*

2. Бо истифода аз ҳарфҳои калимаҳои **тахтасанг, гаронбаҳо** калимаҳои нав созед: ***тахтасанг*** *– хат, сахт, танг, …,* ***гаронбаҳо*** *– борон, баҳор, …*

**Машқи 3.** Хонед. Дар охири ҷумлаҳо овозро паст карда ист кунед:

**Тирамоҳ фасли гуворо аст. Оғози соли таҳсил.**

**Супориш:**

1. Барои чӣ мо аввали ин калимаҳоро бо ҳарфи калон менависем? – *Тоҷикистон, Хуҷанд, Одил, …*
2. Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед: **тирамоҳ, озодӣ.**
3. Барои чӣ калимаи «озодӣ» аз се ҳиҷо иборат аст?
4. Ба ҷойи нуқтаҳо ҳарфҳои даркорӣ гузоред: *дӯс…, м…н, феъ…, б…д, ҷаҳо…*

**Супориш:**

1. Калимаҳоро нависед: *илтимос, хоҳиш, хубӣ, саломат бошед, узр, бубахшед, маъзарат мехоҳам, ёрӣ, лабайк, одат, рост, сухан, носазо, адаб, хуб, бад, озор, ташаккур.*

**Ҷон дар тани марди беадоб ларзон аст,**
**Сад ҷон бидиҳӣ, адаб харӣ, арзон аст.**
**Аз беадабӣ касе ба мақсад нарасид,**
**Гӯё ки адаб тоҷи сари мардон аст.**

2. Шеърро хонда аз ёд кунед. Дар бораи одоб сӯҳбат кунед. Барои чӣ одоб тоҷи сари мардон аст?
3. Калимаҳоро хонед ва шарҳ диҳед:

| | | |
|---|---|---|
| **дӯст** – душман | **доно** – нодон | **нек** – бад |
| **хуб** – бад | **равшан** – торик | **рост** – дурӯғ |
| **боақл** – беақл | **бино** – нобино | |

**Машқи 1.** Хушхат навиштанро машқ кунед:

*Некӣ. Хубӣ. Азиз.*

Хонед.

**Овозҳоро мо талаффуз мекунем ва мешунавем.**
**Ҳарфҳоро мебинем, менависем ва мехонем.**

— овозҳоро чӣ кор мекунем?
— ҳарфҳоро чӣ?

**Машқи 2.** Хушхат навиштанро машқ кунед.

*Оо Пп оо пп*

*Одам. Падар, одам, падар*

**Машқи 3.** Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои зарурӣ гузошта, рӯбардор намоед:

Инсон бояд …. бошад.
Ҳаким …….. хуб дорад.
Гапгардонӣ ….. бад аст.
Хушзабонӣ одати ….. аст.

Калимаҳо барои истифода: *боадаб, одат, дониши, хуб.*

## ДАРСҲОИ 7–8

### ОЛИ СОМОН, ОЛИ ТОҶИК

Оли Сомон, оли тоҷик,
Ахтари хушфоли тоҷик.
Гавҳаре аз баҳри Сомон,
Давлати навболи тоҷик.
Оли Сомон, ахтари машриқзамин ту,
Саргузашти дилнавозу дилнишин ту.
Ахтари Сомон дурахшон,
Дар Хуҷанду Рашту Хатлон.



Ёди Сомон, ёди ширин,
Дар Ҳисору дар Бадахшон.
Саргузашти моҳпора, Оли Сомон,
Мешавад рӯшан дубора Оли Сомон.

*Зулфия Атоӣ*

**Супориш:**

1. Дар бораи 9-уми сентябр – ҷашни истиқлол сӯҳбат кунед.
2. Муаллим равону бурро шеър мехонад.

**Саволҳо:**

1. Мо дар бораи доҳии халқи тоҷик Исмоили Сомонӣ чӣ медонем?
2. Шеър дар бораи кӣ навишта шудааст?
3. Ахтар, яъне ситораҳои Сомон дар куҷоҳо медурахшанд?
4. Дар бораи нишон ва парчами давлатамон чӣ медонед?

## СУРУДИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Мусиқии Сулаймон Юдаков*
*Шеъри Гулназар Келдӣ*

**Диёри арҷманди мо,**
**Ба бахти мо сари азизи ту баланд бод!**
**Саодати ту, давлати ту бегазанд бод!**
**Зи дурии замонаҳо расидаем,**
**Ба зери парчами ту саф кашидаем, кашидаем!**
**Зинда бош, эй Ватан,**
**Тоҷикистони озоди ман!**
**Барои нангу номи мо**
**Ту аз ӯмеди рафтагони мо нишонаӣ,**
**Ту баҳри ворисон ҷаҳони ҷовидонаӣ.**
**Хазон намерасад ба навбаҳори ту,**
**Ки мазраи вафо бувад канори ту, канори ту!**
**Зинда бош, эй Ватан,**
**Тоҷикистони озоди ман!**
**Ту модари ягонаӣ,**
**Бақои ту бувад бақои хонадони мо,**
**Мароми ту бувад мароми ҷисму ҷони мо!**
**Зи ту саодати абад насиби мост,**
**Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон ҳабиби мост, ҳабиби мост!**
**Зинда бош, эй Ватан,**
**Тоҷикистони озоди ман!**

**Машқи 1.** Нависед. Кадоми ин калимаҳо ифодагари хислати шумоянд: **меҳрубон, доно, меҳнатдӯст, раҳмдил, дасткушод, сахӣ, бадгап, бадҷаҳл, хоболуд, коргурез.**

**Машқи 2.** Тарзи дуруст навиштани ин калимаҳоро машқ кунед: **гурусна, кӯрпача, миннат, дастархон, хӯрок.**

**Машқи 3.** Ҷойи ҳарфи «**и**»-ро муайян карда, дар катакчаҳо гузоред:

1. Шри, 2. Риком, 3. Иктоб,
4. Иғолб, 5. Алёип, 6. Зеирнро.

## ДАРСҲОИ 9–10

## ДИЛОРОМ ВА ХИРОМОН

Буд набуд, як зан буд. Вай ду духтар дошт. Духтарон Диломому Хиромон ном доштанд.

Дилором духтари меҳрубону доно ва меҳнатдӯсту накӯкор буд. Ба хурду калон, шиносу ношинос, ҳамсояҳо мудом ёрӣ мерасонд.

Хиромон бошад баръакси Дилором, бадгапу бадҷаҳл, хоболуду бахил ва коргурезу корбезор буд.

Боре Дилором дар ҳавлӣ машғули шустушӯй буд, ки нохост аз дар кампире даромад. Кампир асозанон ба назди Дилором омада гуфт:

— Духтарам, ман аз роҳи дур омадам. Чанд рӯз аст, ки чизе нахӯрдаам, хеле гуруснаву ташнаам.

Дилором кампирро рӯйи кӯрпача шинонд, бо нону чой ва хӯроки гарм меҳмондорӣ кард. Кампир миннатдорона дуо кард:

— Хокро гирӣ, зар шавад!

Аз ҳамон рӯз Дилором хокро гирад зар мешуд.

Иди Меҳргон наздик омаду Дилором бо модару хоҳараш либоси нав ва ба дастархони идона ширинӣ

харидании шуд. Ӯ каме хокро гирифт. Хок тилло шуд...

Дилором ба бозор рафту Хиромон дар ҳавлӣ танҳою бекор менишаст. Нохост ҳамон кампири ҷандапӯш асозанон даромада гуфт:

— Духтарҷон, аз роҳи дур омадам. Хеле гуруснаву ташнаам, ягон чизи хӯрданӣ дорӣ?

— Хиромон гуфт:

— На чизи хӯрданӣ ҳасту на нӯшиданӣ. Ба роҳатон рафтан гиред. Дили кампир озурда гашт. Ӯ ба дасти Хиромон як каф тилло ниҳоду гуфт:

— Зарро гирӣ, хок гардад.

Хиромон аз дидани тилло хурсанд шуд, аммо тилло оҳиста-оҳиста ба хок табдил ёфт. Хиромон аз кардааш пушаймон шуда, хост аз кампир узр пурсад, лекин дер шуда буд.

**Савол ва супориш:**

1. Ба назди Хиромон кӣ омад ва чӣ гуфт?
2. Хиромон ба кампир чӣ ҷавоб дод?
3. Дили кампир аз чӣ озурда гашт?
4. Кампир ба Хиромон чаро дуои бад дод? Рафтору гуфтори Дилорому Хиромонро муқоиса кунед. Зарбулмасалҳо: Хонед ва аз ёд кунед:

Пушаймонӣ суд надорад,
Худкардаро даво нест,
Вайвалои пинҳонӣ.
Нек бошӣ, то дӯстат доранд.
Некӣ куну ба дарё парто.

— Хубиро чӣ хел мефаҳмед?

— Бадиро-чӣ?
— Барои чӣ некон ҳамеша хушбахту сарфарозанд?

**Машқи 1.** Ҷумлаи «Хиромон аз кардааш пушаймон шуд»-ро нависед ва гӯед, ки он аз чанд калима иборат аст. Нақшаи ҷумларо кашед ва шарҳ диҳед.

**Машқи 2.** Ба имлои калимаҳо диққат диҳед: **ҳамсоя, тилло, ҳавлӣ, пушаймон, хушбахт, сарфароз.**

**Машқи 3.** Калимаҳои ҳаммаънои **озурда**, **некӣ**-ро нависед: *озурда – ранҷида, озор, хафа, малол.*

## ДАРСҲОИ 11–12

Агар мактаб бихонӣ, бахтиёрӣ,
Нахонӣ, дар пушаймонӣ бимонӣ.

1. Нависед. Пандҳоро аз ёд кунед:

Баробарӣ – бародарӣ. Озодӣ – ободӣ. Инсон бо ростӣ бар қуллаи бузургӣ мерасад.

2. Нависед. Ба зери ҳарфи «ӣ» хат кашед: **бихонӣ, бахтиёрӣ, нахонӣ, бимонӣ, озодӣ, ростӣ, баробарӣ, бародарӣ.**

**Дар хотир доред, ки ӣ - и заданок танҳо дар охири калима меояд.**

3. Зебо навиштанро машқ кунед.

*и – ıı – и иииии*

*моҳӣ, шоҳӣ, сабзӣ, шолӣ*

**Супориш:** Боз кадом калимаҳоро медонем, ки дар охирашон ҳарфи «**ӣ**» меояд. Номбар кунед ва нависед:

Хоҳӣ, ки ҳамеша шоду хуррам бошӣ,
Ҳар ҷо ки равӣ, азизу маҳрам бошӣ,
Покиза шаву рост бизӣ, илм омӯз,
То тоҷи наберагони Одам бошӣ.

*Ҷалолиддини Румӣ*

**Супориш:**

1. Шарҳи калимаҳоро хонед:

**маҳрам** – дӯсти самимӣ, наздик; **хуррам** – хурсанд.

2. Ин пандҳо чӣ маъно доранд?

а). Некӣ, дӯстӣ, ёрӣ тӯшаи ҳаёти инсон аст.

б). Агар хоҳӣ, ки камдӯст набошӣ, кина мадор.

**Машқи 2.**

Калимаҳои **ӣ**-и заданокдорро аз шеър ёфта нависед. Шеърро аз ёд кунед. Калимаҳои «баланд» ва «ёрманд»-ро муқоиса кунед:

Ҳамон дӯстӣ ба касе кун баланд,
Ки бошад ба сахтӣ туро ёрманд.

*Абулқосим Фирдавсӣ*

**Машқи 3.**

1. Зарбулмасалҳоро нависед, шарҳ диҳед ва зери калимаҳои «**ӣ**»-дошта хат кашед:

**То ранҷ накашӣ, роҳат намебинӣ.**

2. Калимаи **намебинӣ**-ро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.

## ДАРСҲОИ 13–14

### РИВОЯТ

Рӯзе Хоҷа Аҳрори Валӣ ба зиёрати ҳазрати Мавлоно Яъқуби Чархӣ меояд. Мебинад, ки Мавлоно бо заҳмати зиёд ба тоза кардани алафҳои полиз машғуланд. Хоҷа бо азми кӯмак пинҳонӣ каромоте карданд. Полиз аз алафҳои бегона тоза шуд.

Мавлоно аз ин кор ба ҳайрат намонд. Он кас низ пинҳонӣ каромоте карда, тарбузеро пазонданд. Бо он тарбуз меҳмонро зиёфат карданд. Хоҷа Аҳрори Валӣ бехабар аз каромоти Мавлоно ва дар ҳайрат аз тарбузи дар аввали баҳор пухта чашида дар ӯ маззае пайдо накарданд. Сабабро аз Мавлоно пурсон шуданд. Он кас дар ҷавоб гуфтанд: — Бо каромот тамоми алафҳо аз полиз нест мешаванд, меваҳою ҳосили дигар низ пухта мерасанд. Вале танҳо самараи заҳмат ширин шуда метавонад на каромот.

Зарбулмасал: То кас накашад ранҷ,
Ҳосил нашавад ганҷ.

**Супориш:** Матнро хонед, мазмунашро нақл кунед. Зарбулмасал-ҳоро аз ёд кунед. Калимаи «ранҷ» ва «ганҷ»-ро муқоиса кунед. Ба ҷойи ҳарфи аввал ҳарфҳои **п**, **с** гузоред.

**Машқи 1.** Ҷумлаҳоро хонед:

Парчам нишони миллат аст. Карнай асбоби мусиқӣ мебошад. Чой таъми хуб дорад.

**Супориш:** 1. Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед:

**карнай, сурнай, чой.**

2. Нависед: Рӯй – рӯ, мӯй-мӯ, ҷой-ҷо, ҷӯй-ҷӯ, пой-по.

**Машқи 2.** Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои мувофиқ гузоред: ... шоир аст. ... алафи ... аст. ... ба шикор рафт. ... ба дом афтод. ... аз байни деҳа ҷорист.
*Калимаҳо:* **Пайрав Сулаймонӣ, ҷойкаҳак, худрӯй, сайд, сайёд, ҷӯй.**

## ДАРСҲОИ 15 – 16

### ОТАШ ЧИЗИ МУҚАДДАС АСТ

Зардуштиён оташро муқаддас медонистанд. Аз болои оташ ҷаҳидан, шаби тӯй гулхан афрӯхтан аз зардуштиён ба мо мерос мондааст. Оташ мисли офтоб гармӣ ва ҳарорат мебахшад.

Дар бағали кӯдак гузоштани нон ба хотири он аст, ки нон рӯйи оташро дидааст. Бинобар ин нон гӯё шабонгоҳ кӯдакро аз ҳама гуна офат эмин нигоҳ медорад.

**Супориш: муқаддас** – пок; **афрӯхтан** – даргирондан; **офат** – зиён, дард; **шамъ** – чароғ,…

**Машқи 1.** Матнро хонед, мазмунашро нақл кунед. Ба имлои ин калимаҳо эътибор диҳед: *анъана, муқаддас, шамъ, тӯй, гулхан.*

**Супориш:** 1. Ба ҷойи нуқтаҳо ҳарфҳои даркорӣ гузоред: Муқад…ас, ан…ана, шам…., а…зо.

**Машқи 2.** Калимаҳои **оташ, бобоён, авлодон**-ро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед. Садоноку ҳамсадоҳои ин калимаҳоро номбар кунед.

## ДАРСҲОИ 17 – 18

### ДАР ОДОБ НАРМ БУДАН

Ба тундиву тезӣ одат макун, аз нармдилӣ холӣ мабош. Лекин якбора чунон нарм мабош, ки аз хушиву нармӣ бихӯрандат ва низ чунон дурушт мабош, ки ҳаргиз дасти навозиш ба сарат наоранд.

Бо ҳама одам созиш кун, бо созиш аз дӯсту душман мурод ҳосил тавон кард.

Ҳар касро бадӣ маёмӯз, ки ба омӯхтан дуввумӣ бадӣ кардан аст.

Агарчи бегуноҳ касе туро биёзорад, ту ҷаҳд кун, ки ӯро наёзорӣ, ки камозорӣ сифати инсонпарварист. Ва асоси одамгарӣ камозорист.

*Унсурулмаолии Кайковус*

**Луғат:** **созиш** – муомила, сулҳ
**тундӣ** – шитоб, бадҷаҳлӣ
**дурушт** – дағалӣ, сахтгирӣ
**маёмӯз** – ёд мадеҳ

**Супориш:** Ба саволҳо ҷавоб диҳед:

1. Кайковус чаро тезӣ накарданро таъкид кардааст?
2. Бо дӯсту душман созиш кардан чӣ маънӣ дорад?
3. Барои чӣ беозорро ҳурмат мекунанд?

**Муомилаю муросо, сулҳу созиш гарави оромию осудагии инсон аст.**

**Супориш:** Навиштанро машқ кунед:




**Машқи 1.** Матни «Дар одоб нарм будан»-ро бори дигар хонед, бо калимаҳои **тундӣ, тезӣ, дӯстӣ, дурушт** ҷумла созед.

**Супориш:** 1. Ба калимаҳои сутуни чап калимаҳои муқобилмаъноро аз сутуни рост ёфта нависед:

| | |
|---|---|
| сулҳ | шом |
| субҳ | некӣ |
| тезӣ | душманӣ |
| дӯстӣ | ҷанг |
| бадӣ | оромӣ |

**Машқи 2.** Калимаҳоро хонед ва ба ҳамин монанд калимаҳоро мустақилона ёбед:

| | | | |
|---|---|---|---|
| **бар** – дар | **мушт** – мушк | **тар** – сар | **бахт** – бахш |
| **тир** – сир | **торик** – борик | **хат** – хар | **кат** – кас |

**Машқи 3.** Ба ҷойи нуқтаҳо ҳарфҳои мувофиқро гузоред ва нависед:

| | | |
|---|---|---|
| ....ор | ки...об | ҳа... |
| ....у | маҳ...об | ка... |
| ...алх | оф...об | соа... |
| ...анбӯр | шоҳ...ут | шиф... |

**Бозӣ:** Аз ҳарфҳои ин катакчаҳо калима созед:

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| о<br>*<br>р | ш<br>с *<br>а | *<br>а<br>х | о<br>и б<br>* к | б<br>* х<br>а | н<br>у к<br>* а | ч<br>* ф<br>у |

# ДАРСҲОИ 19–20

## АЗ ДӮСТИ ТАМАЪКОР ДУР БОШ

Дӯсти хоси худ бош. Агар ҳазор дӯст бошад ҳам, туро аз ту касе дӯсттар набувад. Дӯстро ба фароххиву тангӣ озмой. Дӯсте, ки душмани туро душман надонад, он кас ошност на дӯст. Дӯст онро дон, ки туро дӯст дорад. Аз дӯсти тамаъкор дур бош. Дӯстии вай бо ту ба хотири чизест на ба ҳақиқат. Бо одамони кинадор ҳаргиз дӯстӣ макун. Мардуми кинадор дӯстиро намепарваранд. Кина ҳаргиз аз дили кинадор берун наравад. Ҳамеша огоҳ бош аз кору аз ҳоли ин тоифагон.

*Унсурулмаолии Кайковус*

**Супориш:** 1. Ба ин саволҳо ҷавоб диҳед:
а). Пеш аз ҳама ту бояд дӯсти кӣ бошӣ? б). Дӯстро кай озмоиш бояд кард? в). Аз чӣ хел дӯст бояд дур бошӣ?
2. Калимаҳоро нависед:
**фарохӣ**–фаровонӣ, дорандагӣ, **тангӣ**–қашшоқӣ, бебизоатӣ, **тамаъкор**–гуруснаҷашм, хасис, **кинадор**–бадхашм, дилсиёҳ.
3. Навиштанро машқ кунед:

ӯ – ӯ ӯӯӯӯ

ӯсма, гулӯ...

**Машқи 1.** Шеърро беғалат нависед, ба зери калимаҳои «ӣ» ва «ӯ»-дор хат кашед.

Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон,
Бартар аз дидори рӯи дӯстон.

*Абӯабдулло Рӯдакӣ*

**Супориш:** 1. Калимаҳои ҳаммаънои **дӯст, шодӣ, ҷаҳон**-ро ёбед, бо ин калимаҳо ҷумлаҳо созед. 2. Калимаҳои **бартар, болотар**-ро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед ва садонокҳои онҳоро гӯед.

**Машқи 2.** Калимаҳоро нависед: **ӯсма, анбӯр, рӯй, дӯст, гулӯ, занбӯр, гӯш.**

**Супориш:**
1. Бо истифода аз калимаҳои **анбӯр, занбӯр** ҷумла созед.
2. Ба имлои ин калимаҳо эътибор диҳед: **шӯҳ-рат, тӯҳ-фа, рӯҳ, нӯҳ, мӯъ-ҷи-за, Мӯъ-та-бар, шӯъ-ла, Мӯъ-мин.**
3. Чаро ҳарфи аввали калимаҳои **Мӯъ-та-бар, Мӯъ-мин** калон навишта шудаанд?

**Машқи 3.** Ба ҷойи нуқтаҳо ҳарфи **ӯ** гузоред: **д...занда, Фир...за, к....ча, р....з, н....л, г....ш, з....р, т....тӣ, Гулр..., абр..., нак...., фур...., дилҷ..., хушр....**

**Супориш:** 1. Аз ҳарфҳои ин калимаҳо калимаҳои нав созед: **ахбор**, бо, хабар, ...; **тӯҳфа**, ҳафта, ....
2. Калимаҳоро аз чапу рост хонед: **табобат, шаш, оро, нон.**
3. Хонед, муқоиса кунед:

**хӯрд** – хурд **гӯл** – гул **бӯр** – бур **кӯш** – куш

## ДАРСҲОИ 21 – 22

## ОДОБИ САФАР КАРДАН

Агар пурсанд, ки барои чӣ сафар бояд кард, бигӯй: барои се чиз: зиёрати бузургон, имтиҳони худ ва ёфтани

дӯстон.

Агар пурсанд, ки фоидаи сафар чист, бигӯй: фоидаи сафар бисёр аст, аммо фоидаи некӣ ин аст: сиҳатӣ. Сабаби сиҳатӣ тағйир додани ҳавои манзил аст. Дуюм, расидан ба зиёрати оромгоҳи бузургон ва мавзеъҳои таърихӣ. Сеюм, нест кардани танбалӣ, ки аз нишастан дар як ҷо пайдо шавад. Чаҳорум, барҳам додани ғаму ғусса, ки дили инсон дар сафар кушода гардад. Панҷум, осоиши умр, ки дар сафар умри инсон ба осонӣ гузарад. Шашум, омӯзиши илм, ки дар сафар беҳтар дар ёд монад. Ҳафтум, одоб омӯхтан аз шахсони гуногун. Ҳаштум, бо шахсони мӯътабар ҳамсӯҳбат шудан. Нӯҳум, худро дар азобу душвориҳои сафар санҷидан. Даҳум, ба қадри мусофирон расидан.

*Унсурулмаолии Кайковус*

**Супориш:**

1. Аз матн истифода карда ба ин саволҳо мухтасар ҷавоб диҳед: а). Барои чӣ сафар мекунанд? б). Фоидаи сафар чист? в). Чӣ тавр ғаму ғуссаро аз дил бояд бадар кунӣ? г). Дар куҷо бештар худро месанҷед?
2. Матнро хонед, калимаҳои «**ӣ**»-«**ӯ**»-дорро нависед: дӯстон,...
3. Калимаҳоро нависед: **мӯътабар** – соҳиби эътибор ва обрӯ; **мавзеъ** – ҷой, макон; **осоиш** – ором, роҳат.

**Машқи 1.** Ибораҳоро хонед ва шарҳ диҳед:

1. Зиёрати бузургон.
2. Оромгоҳи бузургон
3. Мавзеи таърихӣ
4. Шахсони мӯътабар.

**Супориш:**

1. Ҳаммаънои калимаҳои **ғусса, некӣ, одоб, қобил**-ро нависед. Бо калимаҳое, ки дар матн буданд, ҷумла гӯед: ғусса – ғам, ...

2. Калимаҳоро хонед, хулоса бароред. Шумо чӣ гуна хислатҳо доред? Хислатҳои некро дар сутуни рост ва бадро дар сутуни чап нависед: *беозор, мард, беадаб, некхоҳ, ботамиз, боадаб, некном, боҳиммат, танбал, худписанд, мардумозор, дурӯғгӯй,...*

**Супориш:** 1. Имлои ин калимаҳоро машқ кунед: **Яхё, чӯяк, чӯянда, соя, доя, ях, яхдон.**
2. Дуруст навиштани калимаҳоро машқ кунед: *якум, яхоб, тарбия, Шамсия, ҳамсоя, мураббия, ҳадя, ҳидоят, соябон.*

**Машқи 2.** Ба ҳиҷоҳо ҷудо кардани калимаҳоро машқ кунед. Чаро баъзе калимаҳо ба ҳиҷоҳо ҷудо карда нашудаанд?

Ях-об, чӯ-як, чӯ-янда, ях, як, соя, доя, са-ёра, чӯ-ян-да, ҳам-соя, му-ра-бия, ҳа-дя.

## ДАРСҲОИ 23–24

### ВАТАН

Ватан, ватан, ватан, ватан,
Манам ба ту тани ба тан.
Қасам, агар, каси туям.
Ҳасан, агар, хаси туям.
Вуҷуди туст аз ду тан
Тани замину ҷисми ман.
Ману туям ҳамбадан,
Ватан, ватан, ватан, ватан.

*Бозор Собир*

**Луғат:** **вуҷуд** – ҳастӣ, мавҷудият.
**ҳамбадан** – як чиз, ягона, яклухт.

**Савол ва супориш:**
1. Дар шеър сухан дар бораи чӣ меравад?

2. “Манам ба ту тани ба тан” чӣ маъно дорад?
3. Шеърро аз ёд кунед.

**Машқи 1.** Ба ҷойи нуқтаҳо ҳарфи **ю** гузоред, хонед:
...суф, Қа…м, ду…м, се…м, и…н, и…л, …нучқа.

**Машқи 2.** Аз ҳарфҳои парокандаи катакчаҳо калима созед:

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| су | ғю | қа | дм | Ай |
| фю | ра | юм | ую | бю |

**Машқи 3.** Рақамҳоро хаттӣ нависед:
1, 2, 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9, 10.

## ДАРСҲОИ 25–26

### РИВОЯТ

Марде зери девор мехобид. Нафаре ӯро бедор карда гуфт: – Бархезу бигрез, ки девор ин замон фурӯ афтад. Дарвоқеъ девор ҳамон лаҳза фурӯ рехт. Мард гуфт: – Эй бародар, ту кистӣ, ки чунин некӯие бар ман кардӣ? Гуфт: – Шайтонам. Мард дар тааҷҷуб бимонду гуфт: – Пас, сирри амали ту чӣ буд? Шайтон ҷавоб дод: – Ҳар касе зери ин девор мемонд, ҷойи ӯ биҳишт буд.

**Супориш:** Аз рӯйи мазмуни матн нақл нависед. Нақшаи нақл:
1. Кӣ хоб буд?
2. Ӯро кӣ бедор кард ва чӣ гуфт?
3. Мард чаро дар тааҷҷуб монд?
4. Шайтон чӣ ҷавоб дод?

**Машқи 1.** Навиштанро машқ кунед:

*е е е ееееееееее*

*елим ем...*

**Супориш:** Имлои калимаҳои зеринро машқ кунед: *баланд, бурд, баъд, мӯйсафед, мард, меорад, мехӯрад, мегардад, мебардорад, меравад, раванд, медиҳад.*

**Машқи 2.** Дар ин калимаҳо ҷойи ҳарфҳои «д», «т»-ро муайян кунед: *ома…, хӯр…, гӯсфан…, хурсан…., калон…., шӯҳра…, кор…, кар…., ас…, боф…., коф…, ҷас….*

**Машқи 3.** Хонед. Калимаҳоро ба қатори ҳаммаънои худ гузоред: *дунё, дӯст, чӯпон, олам, хунук, офтоб, сард, шодӣ, ҷаҳон, бародар, даҳмарда, хуршед.*

*Намуна*: дунё – олам, ….

**Супориш:** Имлои калимаҳоро машқ кунед: *фурӯ, некӯ.*

## ДАРСҲОИ 27–28

### АСПИ ИСКАНДАРИ МАҚДУНӢ

Асп аз зумраи чорпоёни вафодор аст. Вай дар ҳаёти инсон нақши бузург дорад. Асп то охири умр ба соҳибаш аз самими сидқ хизмат мерасонад. Аз ҳамин вафою сидқу самимияташ асп ягона ҳайвонест, ки бо номи он шаҳрҳо номгузорӣ шудааст. Ҳамон тавре ки Рахш ба Рустам хизмат карда буд, бодпои Искандари Мақдунӣ – Бутефал низ то охирин лаҳза ҳамтақдири соҳибаш ва дар хизмат ҳозир будааст. Бутефал дар муҳориба бо ҷанговарони

ҳиндустонӣ аз шиддати корзори тӯлонию бетанаффус мурд. Дар мавзеи сар ба хок гузоштаи аспаш Искандар шаҳр бунёд кард ва номашро Бутефал гузошт.

**Супориш:** Мазмуни матнро нақл карда, номи аспҳои Рустаму Искандарро фаромӯш накунед.

**Машқи 1.** Нависед. Калимаҳои дар аввал, мобайн ва охирашон ҳарфи «е»-дорро ба се сутун ҷудо кунед: *теппа, меҳнат, бел, сел, мева, себ, душанбе, шанбе, якшанбе, чоршанбе, панҷшанбе, хеле, дер, боре, бале, шабе.*

**Машқи 2.** Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои мувофиқро аз машқи боло интихоб карда нависед:

Мо шаҳрро аз болои .... тамошо кардем. ...кунӣ, роҳат бинӣ. Дар боғи мо ... ширин бисёр аст. .... рӯзҳои охири ҳафтаанд.

**Машқи 3.** Ба ҷойи нуқтаҳо овозҳои даркорӣ ёфта нависед: *Б....л, с....л, м....ва, б....д, б....ҳор, б...ҳосил, ...лим, ...м, шанб...., душанб...*

## ДАРСҲОИ 29 – 30

## МУКОФОТИ АМАЛ

Ҳикоят мекунанд, **ки марде** дар яке аз рӯзҳои тобистон дар саҳрое роҳ гум кард. Ӯ ташна шуду аспи худро ба ҳар тараф меронд, то об пайдо кунад ва гулӯи аз ташнагӣ хушкшудаашро тар созад. Ногоҳ аз дур нишонаи об ба чашмаш намоён шуд. Аспро ба он тараф ронда ба об расид. Худро аз асп ба поин партофта об нӯшиду нафас рост кард. Чун бархост асп дур рафта буд. Бо ҳазор мушкилӣ аспро дастгир карда ба худ гуфт:

— Бояд дар ин ҷо аз барои савоб мехе занам, то шахси дигаре мисли ман овора нашуда, аспи худро бандаду бо дили пур об нӯшад. Сипас, дар назди чоҳ мехе кӯфту роҳашро давом дод. Баъди ӯ марди дигаре, ки об меҷӯст, пои пиёда ба чоҳ наздик шуд. Чун нишонаи обро аз дур дид, шитоб намуд ва пояш дар мех бархӯрду ба замин афтид. Баъди об нӯшидан ба назди мех омаду боз касе мисли ман дар ин мех пешпо нахӯрад гӯён мехро канда партофт. Худованд дуи инҳоро, - тамоми корҳояшон аз нияташон вобастагӣ дорад, - гуфта ҷаннатӣ гардонд.

Пушаймон нагардад кас аз кори нек,
Наҷӯтар зи некӣ чӣ чиз аст нек.

*Асадии Тӯсӣ*

**Супориш:** 1. Ин ҷумлаҳоро ба дафтаратон нависед: а). То тавонед, некӣ кунед. б). Барои савоб ба мардум об диҳед. в). Роҳ созед. г). Кӯпрук бунёд кунед. д). Дарахт сабз намоед. е). Аз роҳи мардум сангу хореро дур созед.

2. Шеърро аз ёд кунед. Мазмуни онро бо ҳикояти «Мукофоти амал» муқоиса кунед.

**Сангу хоке, ки зи роҳи дигарон бардорӣ,**
**Дар дили хок туро боғу баҳоре бошад.**

3. Навиштанро машқ кунед:

*ё ё ё ёёёёёёёёёё*

*ёздаҳ, ёрмандӣ*

**Машқи 1.** Хонед, ба имлои калимаҳо диққат диҳед: **ёвон, сайёд, дунё, ёрӣ, саёҳат, лӯбиё, ёд, ҳушёр, осиё, Ёқуб, тайёра, фарёд.**

**Машқи 2.** Калимаҳоро шарҳ диҳед ва нависед: Аз калимаҳои **нек** ва **савоб** истифода карда, номи ҳикояти «Мукофоти амал»-ро дигар кунед.

1. **Накӯӣ** – хубӣ, нағзӣ, кори хайр
2. **Тавоно** – зӯр, боқувват
3. **Сахтӣ** – душворӣ, мушкилӣ
4. **Арҷманд** – боқадру қимат, бо иззату эҳтиром
5. **Некном** – касе , ки бо корҳои нек номаш машҳур шудааст.
6. **Савоб** – хуб, нек, фоидабахш.

**Супориш:** Ин пандҳоро нависед ва аз ёд кунед. Кадоме аз ин пандҳо ба мазмуни ҳикояи «Мукофоти амал» мувофиқ аст?

1. Обод намудани диёр нишонаи ҷавонмардист.
2. Аз кори нек баракат меёбеду умратон хуш мегузарад.
3. Некии дигаронро қадр кардан низ аломати саодатмандии инсон аст.

## ДАРСҲОИ 31 – 32

## МУАЛЛИМ

Муаллим! Чӣ сухани пурмаъни. Ӯ шахсест, ки илму адаб меомӯзонад, роҳи бахту саодат ва ҳаётро нишон медиҳад. Муаллим мураббӣ ва раҳнамо аст.

Бузургони халқамон гуфтаанд:

**Ҳаққи устод аз падар беш аст,**
**В-аз падар устод дар пеш аст.**



**Расад ҷон бар лаби бечора устод,**
**Ки то ҳарфе ба шогирде диҳад ёд.**

Муаллим ба мо хондан, навиштан, фикр карданро ёд дода, моро бо китоб, ки ганҷи бебаҳо ва дӯсти бовафо аст, ошнову дӯст мегардонад. Минбаъд ин дӯсти ғамхор моро бо оламу одам шинос мекунад ва мо ҳам оламро мефаҳмем ва ҳам худро мешиносем.

**Супориш:**

1. Калимаҳоро нависед: ***тавсиф*** *– васф, таъриф;* ***ҳидоят*** *– роҳи рост нишон додан, роҳнамоӣ кардан;* ***саодат*** *–*

*хушбахтӣ, некбахтӣ;* ***беш*** *– бисёр, зиёд*

**Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,**
**Шавад тира аз бехирад рӯзгор.**

2. Дар васфи муаллим ин шеър ва ду байт шеъри дар боло хондаатонро аз ёд кунед. Бо калимаҳои **омӯзгор, устод, хирадманд** ҷумла тартиб диҳед.

Навиштанро машқ кунед.




**Машқи 1. Бозӣ**

| | | |
|---|---|---|
| шоҳ+тут=? | сад+барг=? | хар+буз+а=? |
| хуш+бӯй=? | Чой+хо+на=? | офтоб-рӯ+я=? |

**Машқи 2.** Калимаи муқобилмаъноии «тоза» «ифлос» аст. Менависем: тоза – ифлос. Шумо калимаҳои муқобилмаънои **«дур»**, **«шитоб»**-ро ёфта нависед: шитоб - …

**Машқи 3.** Матни «Муаллим»-ро хонед, бо калимаҳои **эҳтиром, саодат, арзанда, мӯътабар, васф** яктоӣ ҷумла тартиб диҳед.

## ДАРСҲОИ 33–34

### МЕҲРНОМА

Ташаккур бар ту бодо, устодам,

Ман аз ғамхорият бисёр шодам.
Туро як умр хоҳам кард таъзим,
Ки бар ман додаӣ бо сидқ таълим.
Зи ту омӯхтам дарси шуҷоат,
Зи ту омӯхтам азму рафоқат.
Зи ту омӯхтам ман росткорӣ,
Зи ту омӯхтам ман устуворӣ.
Ба номи ту бувад ин меҳрнома,
Кунад умри ту чун дарё идома.

*Нарзулло Тиллоев*

**Супориш:** Калимаҳоро нависед:
**сидқ** – аз таҳти дил, сидқан омӯхтан
**шуҷоат** – далерӣ, ҷасурӣ, нотарсӣ
**рафоқат** – дӯстӣ, ҳамдилӣ
**устувор** – маҳкам, мустаҳкам
**меҳр** – муҳаббат

**Савол ва супориш:** Шеърро хонед, аз ёд кунед. Кадом хислатҳои муаллиматон ба шумо маъқул аст, гӯед.

**Машқи 1.** Навиштанро машқ кунед.




**Бозӣ.** Кӣ тезтар ҳарфи **ҷ**-ро ба ҷойи нуқтаҳо гузошта мехонад: **ан...ир**, **...адвал**, **...ав**, **пан...**, **мав...**, **...ӯяк**, **Карим...он**, **ху...ра**. ...ба кунаму узре хоҳам ва молҳое, ки

**Машқи 2.** Шеъри «Меҳрнома»-ро бори дигар хонед, калимаҳоро шарҳ диҳед: **ташаккур, азм, идома, таъзим.** *Намуна*: ***ташаккур*** *– раҳмат, миннатдор, арзи шукр.*

## ДАРСҲОИ 34 – 35

## УМРИ АСОСӢ

Нақл мекунанд, ки Искандари Зулқарнайн дар аснои кишваркушоияш ба шаҳре расид. Ин шаҳр обу ҳавои гуворо ва дарахтони сермева дошт, ки мислашро пештар Искандар надида буд. Вақти тамошои ин шаҳр Искандар ба қабристони он шаҳр гузар кард ва ба навиштаҷоти рӯйи гӯрҳо таваҷҷӯҳ намуд. Дар як гӯр як солу дар дигаре панҷ сол, дар сеюмӣ чор сол навишта буданд. Аз ин ҳол дар ҳайрат афтода гуфт: — Ин ҷо чӣ сир бошад?

Барои ба ин саволаш ҷавоб ёфтан Искандар одамони мӯътабари шаҳрро ба назди худ хонд ва ҳақиқати ҳолро пурсон шуд.

Онҳо гуфтанд:

— Дар шаҳри мо умри зиёд он миқдоре аст, ки дар сӯҳбати олимону ҳакимон ва омӯхтани илм сарф шавад. Аз ин рӯ, ҳар касе, ки аз мо бигзарад, ҳисоб мекунанд, ки чӣ қадар умрашро сарфи сӯҳбати олимон кардааст. Ҳамин миқдорро мо умри асосӣ меҳисобем.

Ин суханон ба Искандар таъсир кард. Баъд аз он ӯ тамоми олимон ва ҳакимонро ба даргоҳи худ ҷамъ овард[illegible]а, ҳар рӯз аввал аз сӯҳбати онон баҳра мебурду

Ташаккур бар ту бодо[illegible]ст.

**Супориш:** Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

**Машқи 1.** Шарҳи ин калимаҳоро нависед:
**беканор** – аз ҳад афзун, васеъ, беҳудуд
**эҳё** – аз нав зинда гардонидан, барқарор намудан
**олам** – дунё, ҷаҳон, ....
**муҳайё** – тайёр, омода

**Машқи 2.** Матни «Умри асосӣ»-ро бори дигар хонед ва калимаҳоеро, ки ҳарфи «**ъ**» доранд, нависед.

**Супориш:** 1. Навиштанро машқ кунед.

ъ ъ ъ ъ ъ ъ ъ

2. Хонед. Маънои калимаҳоро гӯед:

| | |
|---|---|
| суръат – сурат | даъво – даво |
| баъд – бад | таъна – тана |
| аъзо – азо | маън – ман |

*Муқоиса*: **суръат** – ҳаракати ашё,... **сурат** – расми чизе, ашё,...

## ДАРСҲОИ 36 – 37

### БИРАВ, ЗИ ТАҶРИБАИ РӮЗГОР БАҲРА БИГИР

Як подшоҳи золим буд. Рӯзе дар тахт нишаста буд, ки шахси ҳайбатноке аз дар даромад. Подшоҳ пурсид: — Ту кистӣ ва туро кӣ ба хонаи ман роҳ дод? Он мард гуфт: — Ман он касам, ки ҳеҷ дарбоне боздошта наметавонад ва аз сиёсати ҳеҷ подшоҳ наметарсам. Подшоҳ каме андеша карду гуфт: — магар ту Азроилӣ? Гуфт: — Оре. Подшоҳ ӯро зорӣ кард. Маро як рӯз мӯҳлат деҳ, то тавба кунаму узре хоҳам ва молҳое, ки

дар хазина ниҳодаам, ба соҳибонаш баргардонам. Азроил ба подшоҳ гуфт: - Рӯзҳои зиёде дар ихтиёрат буд, акнун аз шумори умри ту чизе намондааст.

Подшоҳ пурсид: — Акнун маро ба он ҷаҳон мебарӣ, пеши ман чӣ хоҳад омад? Азроил гуфт: — ғайр аз кирдори ту чизе пешат нахоҳад омад. Инро гуфта ҷони ӯро гирифт.

**Супориш:**

1. Матнро ба нақшҳо ҷудо карда хонед, мазмунашро нақл кунед.
2. Ба ин саволҳо хаттӣ ҷавоб нависед: а). Оқибати кори бад чӣ мешавад? б). Аз мазмуни ҳикоя чӣ ибрат гирифтан мумкин?

**Машқи 1.** Ин ҷумлаҳоро нависед ва гӯед, ки кадом инсон ин хел хислатҳо дорад?

1. Ба ваъдаам вафо накардам.
2. Рози дигаронро фош кардам.
3. Шукри неъматро ба ҷо наовардам.
4. Дар амонат хиёнат кардам.
5. Сер будаму аз ҳоли гурусна бехабар мондам.

**Супориш:** 1. Шарҳи калимаҳоро хонед:

**ҳайбатангез** – хавфнок, бадхашм, бадафт
**андом** – қаду баст, чеҳра, зоҳир
**кирдор** – кор, амал
**накӯ** – хуб, нағз

**Машқи 2.** Калимаҳоро нависед ва гӯед, ки кадомаш хоси шумо аст? – *ҳасад, хашм, оқил, раҳмдил, беозор, нек, ғайбат, хиёнат, бадгумон, сабр, шитоб.*

**Супориш:** 1. Калимаҳоро нависед ва онҳоро дар ҷумлаҳои худ истифода баред:

*ҳасад – рашк, ….* *хиёнат – бевафо, …*

## ДАРСҲОИ 38 – 39

## НАЙРАНГҲОИ ШАЙТОН

Аз рӯзи пайдоиши одам Шайтон душмани одамизод гашт. Шайтон барои мағлуб кардани имони инсон ҳилаву найрангҳои зиёде ба кор мебарад.

Инак чанде аз онҳо:

**1. Ҳирс ва ҳасад.**

Ҳасад дар дили инсон тухми душманӣ мекорад. Ҳасуд наметавонад аз муваффақиятҳои шахси дигар хурсанд гардад.

**2. Тамаъ.**

Чашмгуруснагӣ инсонро чунон паст месозад, ки ӯ ба хотири ба даст овардани чизе ғуломи касе гашта, гапшунав мешавад. Шайтон инсонро тамаъкор карда ба чунин хорӣ мерасонад.

**3. Шитоб.**

Шайтон доимо кӯшиш мекунад, ки инсонро саросемаву бесабр кунад. Дар саросемагӣ ва шитоб кас ба фикри солим фурсат наёфта, ба доми васваса ва фикри бад гирифтор мешавад.

**Супориш:** 1. Матнро хонед, нақл кунед. Калимаҳоро маънидод кунед: *имон, нуқсон, ҳасад, ҳақир, тамаъ, васваса, фақирӣ, хайр, хасис, саховат, макр, найранг.*

2. Шарҳи калимаҳоро хонед:

**ҳирс** – чашмгуруснагӣ, **ҳасад** – бахилӣ.

**Машқи 1.** Аз ҳарфҳои калимаҳои **меҳрубон, парвариш** истифода карда калимаҳои нав созед:
**меҳрубон** – бо, Бурҳон, меҳр, ....
**Парвариш** – пар, шир, риш, ...

**Машқи 2.** Ба саволҳо ҷавоб диҳед:
1. Чӣ гуна одамро хасис мегӯянд?
2. Шахси саховатманд чӣ?
3. Меҳрубон мегӯянд, боз чӣ гуфтан мумкин аст?
4. Наҷот чӣ?

**Супориш:** 1. Ба калимаҳо ҳаммаъно ёбед: **шахс, меҳрубон, инсон, хайр, чашм, сабо, хубӣ.**
*Намуна*: **хубӣ** – некӣ, ...

## ДАРСҲОИ 40 – 41

## 2. ҲАРФҲОИ САДОНОК

**Ҳарфҳои садонок инҳо мебошанд:**
**а, о, у, ӯ, и, ӣ, э, е, ё, ю, я**

**Супориш:** Шеърро нависед, гӯед, дар ҳар ҳиҷо чанд садонок ҳаст?

Чу шеъ-ри Рӯ-да-кӣ зе-бост,
Чу му-си-қӣ фа-раҳ-афзост.
Дар ол-ам аз ҳа-ма ши-рин,
За-бо-ни мо-да-рии мост...

### ДАРАХТЕ, КИ МЕВАИ ҲАЁТБАХШ ДОРАД

Подшоҳе китобе меҳонад, ки дар он навишта шудааст. Дар Ҳиндустон дарахте ҳаст. Касе меваи ин дарахтро хӯрад, вай на пир мешавад, на мемурад.

Подшоҳ намояндаи худро ба Ҳиндустон равон мекунад. Ин одам тамоми Ҳиндустонро ҷустуҷӯ карда, дарахтро намеёбад. Хулоса, ӯ ноумед шуда мехоҳад ба Ватанаш баргардад.

Дар Ҳиндустон як олими бузург зиндагӣ мекард. Мард пеш аз баргаштан ба Ватанаш мехоҳад аз олим дуое гирад. Вай ба хонаи олим меравад. Баъди зиёрати олим, аз бебарории сафараш шиква мекунад. Олим механдад ва мегӯяд: Эй бародар, бидон, ки ин дарахт илм аст. Бирав, аз дарахти илм баҳра бигир, дониш омӯз, то дар зиндагӣ ба ту меваи ширин диҳад.

Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм,
Қуфлкушои ҳама дарҳост илм.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

**Супориш:**
1. Подшоҳ аз хондани китоб чиро мефаҳмад?
2. Вай ба намояндаи худ чӣ фармон медиҳад?
3. Он шахс аз сафари бебарор ноумед шуда назди кӣ меравад?
4. Олим ба ӯ чӣ мегӯяд?
5. Чаро илмро дарахти ҳаётбахш мегӯянд?

**Супориш:** 1. Шеърро аз ёд кунед.
2. Калимаҳоро нависед, дар зери садонокҳо хат кашед: *дарахт, мева, ҳаёт, подшоҳ, маъно, олим.*

**Машқи 1.** Ба ин саволҳо бо 1-2 калима ҷавоб диҳед:
1. Ҷавон ноумедиҳои худро ба кӣ баён кард? – Ба олим.
2. Чӣ дарахти ҳаётбахш аст? –
3. Илм тоҷи сари чӣ аст? –
4. Чаро илм қуфлкушои дарҳост? –

**Супориш: 1.** Садонокҳоро аз калимаҳои **ҷустуҷӯ, бузург, сухан, дониш** ёбед ва онҳоро аз рӯйи тартиб гӯед. **2.** Бо истифодаи садонокҳо калима созед: а, о, ӯ, у, ӣ, и, э, ё, е, ю, я.

*Намуна*: анор, олу, ….

**Машқи 2.** 1. Ҳаммаънои ин калимаҳоро ёбед: **ҷаҳон, бузург, зебо, дарахт, олим, дӯст.**

*Намуна*: ***ҷаҳон*** – дунё, …

2. Аз калимаҳои боло истифода карда ҷумлаҳо созед.
3. Муқобилмаънои ин калимаҳоро ёбед: **пир, тез, ширин, хурд, баланд.**

*Намуна*: ***ширин*** – талх, …

## ДАРСҲОИ 42–43

## 3. ҲАМСАДОҲОИ ТАКРОР ДАР КАЛИМА

**Дар баъзе калимаҳо ҳамсадоҳо такрор мешаванд. Заррина, қуттӣ, лаззат, аввал, таваллуд.**

**Машқи 1.** Ба ҷойи нуқтаҳо ҳамсадоҳои мувофиқ гузоред: *Қис…а, Қаҳ….ор, Хур…ам, мураб…ӣ, муал…им, пил…а, ав…ал.*

**Супориш:**

1. Чаро Қаҳҳор ва Хуррам бо ҳарфи калон навишта шудаанд?
2. Имлои калимаҳоро машқ кунед: *алла, қулла, теппа, пилла, фаввора, диққат, бутта, талаффуз, бурро, Садриддин.*
3. Дуруст навиштани калимаҳоро машқ кунед:

**хат** – кори хаттӣ, **фан** – фанни забон, **ҳал** – ҳалли масъала.

## НАСИҲАТИ ПАДАР
### (Афсона)

Буд набуд, як деҳқоне буд. Деҳқон токзори калоне дошт. Вай ҳар сол ангури онро фурӯхта, зиндагиашро мегузаронд. Рӯзе аз рӯзҳо деҳқон касал шуда, ба бистари бемории афтод ва писари ягонаашро ба наздаш даъват карда гуфт:

— Писарам, аз афташ, вақти вафоти ман расидааст. Ман ба ту як насиҳат мекунам. Дон, ки аз меҳнат тилло ҳосил мешавад. Ту ин насиҳати маро нағз дар хотир дор, дар байни токзори мо дӯ хумчаи тилло ҳаст. Ту онҳоро фақат дар фасли тирамоҳ ёфта метавонӣ.

Баъд аз чанде деҳқон аз олам чашм пӯшид. Аз байн чандвақт гузашту фасли тирамоҳ ҳам расид. Писари деҳқон каландро гирифта, бехи токҳоро кофт, аммо чизе наёфт. Соли дигар токҳои ангур аз ҳарвақта дида зиёдтар бор оварданд. Писари деҳқон онҳоро бо пули зиёде фурӯхт. Соли оянда ҳам ҳамин ҳодиса рӯй дод. Деҳқонбача ин сол ангурро бо пули зиёде фурӯхта бошад ҳам фикраш ба хуми тилло банд буд.

Рӯзе ба наздаш як рафиқи қадрдони падараш омад. Писари деҳқон ба ӯ ҳодисаро нақл кард. Рафиқи падараш ин гапро шунида қоҳ-қоҳ зада хандид ва гуфт:

— Писарам, тиллои падарат гуфтаро ёфтӣ-ку?!

— Не, ман аз токзор ягонто ҳам тилло наёфтам, - гуфт писари деҳқон.

— Барои чӣ ту дурӯғ мегӯӣ? Набошад, ин қадар боигариро аз кучо ёфтӣ?

— Ман ин боигариро аз меҳнати ҳалоли худам ёфтам.

— Ту барои ҳосили зиёд гирифтан не, балки барои ёфтани тилло ҳамин қадар кор кардӣ. Падарат бисёр одами боақл буданд. Барои ҳамин он кас ба ту «Аз меҳнат тилло ҳосил мешавад» гуфтаанд, - гуфт рафиқи падараш.

**Супориш:**

1. Калимаи **бор**-ро шарҳ диҳед.
2. Вобаста ба мазмуни матн саҳнача ташкил кунед.
3. «Меҳнати ҳалол» аз «ҳаром» чӣ фарқ дорад?
4. Ҷумлаи «Аз меҳнат тилло ҳосил мешавад» чӣ маънӣ дорад?

**Машқи 2.** Матнро бори дигар хонед, калимаҳоеро, ки ҳамсадоҳои такрор доранд, нависед.

**Супориш:** Бо истифода аз калимаҳои **токзор, фасл, тирамоҳ** ҷумла созед.

*Намуна*: сол аз чор фасл иборат аст: тобистон, тирамоҳ, зимистон, баҳор.

## ДАРСҲОИ 44–45

## ВАТАН

Хоки Ватанам сурмаи чашмони ман аст,
Рӯи Ватанам оинаи рахшони ман аст.
Нури Ватанам офтоби тобони ман аст,
Меҳри Ватанам дар дили ҷӯшони ман аст.
Манро Ватанам тарбия бисёр намуд,
Фарзанди ба худ неку вафодор намуд.

Дарвозаи иқбол ба рӯям бикушод,
Пас хизмати ӯ хитоби виҷдони ман аст.
Як санги Ватан ба кӯзаи зар надиҳам,
Гарди рухи ӯ ба фунту доллар надиҳам.
Як қатраи оби ӯ ба Кавсар надиҳам,
Зеро, ки Ватан азиз аз ҷони ман аст!

*Ашӯр Сафар*

**Луғат:** **фунт, доллар** – пули хориҷӣ
**оби Кавсар** – номи чашмаи Биҳишт

**Машқи 1.** Шеър аз чанд банд иборат аст? Ҳар банд чанд сатр (мисраъ) дорад? Ҷумлаи якуми банди дуюмро нависед.

**Супориш:**

1. Ҳамсадоҳои ҷумларо ҳисоб кунед.
2. Кадом ҳамсадо дар сохтани калимаҳо бештар истифода шудааст?
3. Садонокҳои ҷумларо ҳисоб кунед ва бо тартиб нависед.

**Машқи 2.** Имлои эҷодӣ.

Бикушод, дарвозаи, иқбол, ба рӯям.

**Супориш:**

1. Чаро шоир ***хоки Ватан***-ро ба **сурмаи чашм, оинаи рахшон, офтоби тобон, кӯзаи зар ва ба қатраи оби Кавсар** монанд кардааст? Шеър аз чанд сатр (мисраъ) иборат аст?
2. Ибораҳои **сурмаи чашм, оинаи рахшон, офтоби тобон, қатраи оби Кавсар**-ро шарҳ диҳед.
3. Ба калимаҳои **нур, меҳр, вафо, азиз** калимаҳои ҳаммаъно ёбед.

   *Намуна*: Азиз, мӯътабар, …
4. Хониши ифоданоки шеър.

5. Банди якуми шеърро бурро хонед ва мазмуни онро нақл кунед.

6. Бо истифода аз калимаҳои супориши сеюм ҷумлаҳоро тартиб диҳед.

**Машқи 3.** Банди сеюми шеърро рӯйнавис кунед.

**Супориш:** Шеър ва луғатҳояшро аз ёд кунед.

## ДАРСҲОИ 46–47

## 4. АЛИФБО ВА ТАРТИБУ НОМИ ҲАРФҲО

**Ҳарфҳои калон (А, Б, В, Г, …) ва хурд (а, б, в, г, …) мешаванд. Ҷойгиршавии ҳарфҳо ва овозҳо. Дар алифбои забони тоҷикӣ 35 ҳарф мавҷуд аст.**

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Аа | Бб | Вв | Гг | Ғғ | Дд | Ее | Ёё | |
| а | бе | ве | ге | ғе | де | йе | йё | |
| Жж | Зз | Ии | ӣ | Йй | Кк | Ққ | Лл | Мм |
| же | зе | и | ӣ | йи | ке | қе | ле | ме |
| Нн | Оо | Пп | Рр | Сс | Тт | Уу | Ӯӯ | Фф |
| Не | о | пе | ре | се | те | у | ӯ | фе |
| Хх | Ҳҳ | Чч | Ҷҷ | Шш | ъ | Ээ | Юю | Яя |
| Хе | ҳе | че | ҷе | ше | ъе | э | йу | йа |

**Супориш:**

1. Тартибу номи ҳарфҳоро аз ёд кунед.
2. Талаффузи ҳарфҳоро машқ кунед.

**Машқи 1.** Бо тартиби ҳарфҳо номи ҳамсинфони худро нависед:

А. Анвар, …  Б. Барот, ….

**Супориш:** 1. Ин номҳо бо кадом тартиб ҷойгир шудаанд? Айнӣ, бобо, Воҳид, гул, ғайрат, дил, Эмом, Ёдгор, ёр.

**Машқи 2.** Калимаҳоро аз рӯйи тартибу номи ҳарфҳо нависед: Оина, барф, Воҳид, ҷорӯб, ғӯза, Ҳомид, Ятим, лӯбиё, ситора, чанор, шамол, анор.

*Намуна*: анор, барф, …

**Супориш:**

1. Чаро баъзе номҳои боло бо ҳарфҳои калон навишта шудаанд?
2. Калимаҳои ду сатри (мисраи) шеъри Ашӯр Сафар «Ватан»-ро аз рӯйи тартиби ҳарфҳо нависед:

Хоки Ватанам сурмаи чашмони ман аст,
Рӯи Ватанам оинаи рахшони ман аст.

*Намуна*: аст, Ватанам, …

## ДАРСҲОИ 48 – 49

### ТОҶИКИСТОН

Ҳар куҷо будам, набудам,
Ман ҳамон фарзанди деҳқони туям.
Дар хаёли реги кӯҳсори ту ман ғам мехӯрам.
Аз барои сабзаю хори ту ман ғам мехӯрам.
Аз гулӯям нагзарад нони ту бе ғамҳои ту,
Бе ғами ту ман нанӯшам об аз дарёи ту
… Аз ту ман сарват намехоҳам,
Ватан ҳастӣ, бас аст,
Бо хасу хорат баробар зиндагӣ кардан бас аст.

*Бозор Собир*

**Супориш:**

1. Шоир худро фарзанди кӣ мешуморад?
2. Шоир аз чӣ бештар ғам мехӯрад?

3. Чаро хасу хори Ватан аз сарват дида ба шоир афзалтар аст?

**Супориш:**

1. Ба саволҳо бо 2-3 калима ҷавоб нависед.
2. Тоҷикистон Ватани кӣ аст? – тоҷикон.
3. Ба тоҷикон чӣ азиз аст? –
4. Сарват азиз аст, ё пораи хоки Ватан? –
5. Ба шумо ҳастии чӣ бештар зарур аст? –

**Машқи 1.** Номи мева ва сабзавотҳои Ватанамонро бо тартиби алфавит нависед.



**Супориш:**

1. Боз кадом номи меваю сабзавотро медонед, илова кунед.

2. Номи умумии ашёҳоро бо тартиби алфавит нависед: *мурғ, зоғ, мусича, пиёз, карам, бед, чинор, арча, кирм, малах, саг, гӯсфанд, асп, шер, фил.*

**Машқи 2.** Чор мисръаи шеърро хонед, калимаҳоро аз рӯйи тартиби алифбо нависед.

*Намуна*: аз, бе, Ватан, ...

**Супориш:**

1. Ба имлои ин калимаҳо эътибор диҳед. Калимаҳои **хаёл, гулӯ**-ро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.
2. Номи модар ва хешу таборатонро номбар кунед.

## ДАРСИ 50

## ШЕРАК

Тахминан дуним ҳазор сол пеш аз ин урдуҳои ғоратгар ба мамлакати осудаи мо ҳуҷум карданд. Аҷдодони халқи тоҷик ба душмани ғоратгар сахт муқобилият мекарданд. Озодии мамлакат дар зери хавф монда буд.

Дар ин вақт ба урдугоҳи душман Шерак ном чӯпоне омад. Башараи вай пур аз захм буд. Шерак гуфт: — «Маро аз ватанам зада ҳай карданд. Акнун аз онҳо интиқоми худро мегирам. Ман аскарони шуморо бо пайроҳаи номаълум мебарам ва ин мамлакатро ба осонӣ гирифта метавонед».

Душманон пешниҳоди Шеракро қабул карданд ва аз пайи Шерак равона шуданд...

**Луғат:**

**урду** – лашкар
**муқобилият** – зиддият
**хавф** – хатар

Хонед, накл кунед.

Чаро пешниҳоди Шеракро қабул карданд?

**Машқи 1.** Сарҳати аввали матнро хонед, калимаҳоро аз рӯйи тартиби алфавит нависед.

*Намуна:* ғоратгар, душман, ҳуҷум,...

**Супориш:** 1. Калимаҳои **Шерак, чӯпон, Ватан**-ро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед. Садонок ва ҳамсадоҳоро номбар кунед.

2. Ба калимаҳои додашуда калимаҳои ҳаммаъно ва муқобилмаъно ёфта нависед: *душман, чӯпон, захм, интиқом, аскар.*

*Намуна:* захм – яра, дӯст – душман.

## ДАРСИ 51

## ҲИЛАИ ШЕРАК

... Пас аз ҳафт рӯзи роҳи пуразобу машаққат онҳо ба дашти беобу гиёҳе расиданд. Аскарон ҳамагӣ ташна ва гурусна буданд. Маҷоли роҳ рафтан намонда буд: на ба пеш рафта метавонистанд, на ба қафо. Дар ин дашти бепоён аз гуруснагӣ ва ташнагӣ мурдан мумкин буд. Душманон тадбири Шеракро пай бурданд, вале акнун фоидае надошт. Шеракро оварданд. Шерак ба рӯйи душманон нигариста далерона гуфт:

— Шумо барои ғулом кардани ҳамватанони ман омадед. Ман пеши ин хатарро гирифтанӣ шудам ва ба ҷое овардам, ки шумо дар ин ҷо аз гуруснагӣ ва ташнагӣ саросар ҳалок хоҳед шуд.

Шерак барои аз азоб халос кардани халқ қаҳрамонона ҳалок шуд, аммо чандин ҳазор аскарони ғоратгарро ба ҳалокат расонд.

*Аз таърихи мухтасари халқи тоҷик*

**Савол ва супориш:**

1. Шерак бар зидди душман чӣ ҳила кард?

2. Гуфтаҳои Шеракро аз матн ҷудо кунед ва бори дигар бо овози баланд хонед.

3. Кадом хислатҳои Шерак ба шумо писанд омад?

**Машқи 2.** Аз матн калимаҳоеро ёфта рӯнавис кунед, ки дар охири он ҳарфи «**т**» омада бошад.

*Намуна*: ҳалокат, …

**Супориш:** Калимаҳои **маъно, мақсад**-ро шарҳ диҳед.

**Супориш:**

1. Аввал номи ҳайвоноти хонагӣ, баъд номи ҳайвоноти ваҳширо номбар кунед.



2. Номи онҳоро бо тартиби алфавит нависед.

3. Нависед, ки аз шир чиҳо тайёр карда мешавад.

4. Ҳарфҳои калимаҳои **шир** ва **шер**-ро муқоиса кунед ва бо онҳо яктоӣ ҷумла нависед.

ДАРСҲОИ 52–53

## 5. ҲИҶО. БА САТРИ ДИГАР ГУЗАРОНИДАНИ ҲИССАИ КАЛИМА

### ТОҶИКИСТОН

Аҷаб бой асту зебо кӯҳсорат,
Пур аз дурр кӯҳсори обшорат.
Ба саҳроҳот ҳамчун бахти халқам,
Шукуфта пахтаҳои нукраворат.
Шавӣ сарсабзу хуррам дар баҳорон,
Мисоли боғу бӯстон баъди борон.
Ба тобистон чи ширин меваҳоят,
Ки ҷон роҳат кунад аз лаззати он!
Ба зиннат тирамоҳат ҳам баҳор аст,
Баҳори бехазонам, Тоҷикистон!
Ту озод ҳастию ман зинда бо ту,
Азизӣ мисли ҷонам, Тоҷикистон.

*Абдусалом Деҳотӣ*

**Супориш:**

1. Нависед: **ганҷ** – хазинаи тилло, **кон** – ҷое, ки канданиҳои фоиданокиеризаминӣ зиёд аст, **дурр** – марворид, санги қиматбаҳо.

2. Шумо дар бораи ду фасли сол – баҳору тирамоҳ чӣ медонед?

3. Калимаҳои **хуррам, лаззат**-ро нависед ва гӯед, ки кадом ҳарфҳо такрор омадаанд.

**Машқи 1.** Шеърро, ки калимаҳои он ба ҳиҷоҳо ҷудо карда шудааст, хонед.

**Ба зин-нат ти-ра-моҳ-ат ҳам ба-ҳор аст,**

**Ба-ҳо-ри бе-ха-зо-нам, То-ҷи-кис-тон!**
**Ту о-зод ҳас-ти-ю ман зин-да бо ту,**
**А-зи-зӣ мис-ли ҷо-нам, То-ҷи-кис-тон!**

Ҳар калимаи сатри якум чанд ҳиҷо дорад?
Дар ҳар ҳиҷо чанд овози садонок ҳаст?

**Калимаҳо ба ҳиссаҳо ҷудо мешаванд. Ҳиссаҳои калимаҳоро ҳиҷо меномем. Ҳиҷоҳо дар калима якбора талаффуз мешаванд.**
Са-до-нок, ба-ҳор, мо-дар, си-то-ра.

**Машқи 2.** Калимаҳои байти зеринро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.

Ман Ватанро ошиқи дилдодаам,
Ман ба ҳар кори Ватан омодаам.

*Гулчеҳра Сулаймонӣ*

**Супориш:** 1. Калимаҳои **омода, Ватан**-ро шарҳ диҳед:
*Намуна*: **омода** – тайёр, тайёр будан ба коре…
2. Бо калимаи **Ватан** ҷумла нависед ва нақшаи онро кашед.

## ДАРСҲОИ 54 – 55

## ХОКИ ВАТАН

Ҷавонони деҳа аз марди кӯҳистоние, ки аз байни деҳа мегузашт, пурсиданд:

— Ба харатчӣ бор дорӣ? Ба мо намефурӯшӣ?

— Барои харидани ин чизи ман на тиллоҳоятон мерасаду на нуқраҳоятон.

— Чист он чиз, ки бебаҳо будааст?

— Ватанам.

— Ватан ба хар бор аст! – қоҳ-қоҳ хандиданд

ҷавонон.

— Канӣ-канӣ ватанатро нишон деҳ!

Марди кӯҳистонӣ даҳони халтаро кушод ва ҷавонон дар он хоки муқаррариро диданд.

— Ҳамааш ҳамин? Сарватат ҳамин аст?

— Ҳа, ин хоки кӯҳистони ман.

**Саволҳо:**

1. Ҷавонон чӣ пурсиданд?
2. Мард чӣ ҷавоб дод?
3. Чаро ҷавонон хандиданд?
4. Ҷавонон чаро сарватро дида дар тааҷҷуб монданд?
5. Ватани шумо куҷост?

**Супориш:** 1. Сархати охирини матнро нависед, ба аломатҳои китобатӣ эътибор диҳед. 2. Калимаҳои **аввалин, тилло, муқаррарӣ, модар**-ро таҳлили овозӣ кунед ва ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед. 3. Бо истифода аз ҳарфҳои калимаи **ҷавонон**, калимаҳои нав созед.

*Намуна*: ҷавонон: нав, …

**Дар калима чанд садонок бошад, ҳамон қадар ҳиҷо ҳаст:** па-дар, ба-ро-дар, То-ҷи-кис-тон.

**Машқи 1.** Калимаҳоро нависед:
**сарват** – боигарӣ, **ашк** – оби дида, **савганд** – қасам, **мерос** – чизҳои арзандае, ки баъди сари касе ба дигарон боқӣ мемонад.

**Супориш:** Дар калимаҳои **тааҷҷуб, аввал, нукра** чанд садонок ва чанд ҳамсадо ҳаст.

**Машқи 2.** Хонед ва гӯед, ки барои чӣ мо ин калимаҳоро ба чор гурӯҳ ҷудо кардем?

1. Калимаҳои якҳиҷодор: мо, кӯҳ, роҳ, ...
2. Калимаҳои дуҳиҷодор: Ва-тан, де-ҳа, ...
3. Калимаҳои сеҳиҷодор: кӯҳ-ис-тон, мо-да-рам, ...
4. Калимаҳои чорҳиҷодор: та-ла-ба-гон, ...

**Супориш:** 1. Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед: *мерос, қасам, сарват, хок.*
2. Ба имлои ин калимаҳо эътибор диҳед: *боигарӣ, аввал, тааҷҷуб, кӯҳистон.*

## ДАРСҲОИ 56 – 57

### КАРАШМА ВА КАЛТА
(Ҳикоя)

Дар ҳавлии деҳқоне як села мурғон зиндагӣ мекарданд. Онҳо хеле серғавғою серҳаракат буданд. Хурсандию хушбахтӣ, ташвишҳои зиндагии худро бо ҳамин ғавғояшон ифода мекарданд... қо-қо, қу-қу, кут-қудус....

Миёни села мурғе буд зебо, оқил ва ором. Вай бо ҳамин хислатҳояш аз дигар паррандагон фарқ мекард. Ӯ аз бартариҳои худ, зебоию доноиаш намефахрид, хоксор буд. Номи ин мурғ ба худаш мувофиқ – Карашма буд. Ин номро ба вай барои зебоиаш гузошта буданд.

Вақтҳои охир Карашма аз ғавғою доду фарёди мурғони дигар, хусусан аз кашмакашу занозанию моҷарои бардавоми хурӯсакони ҷавон асабӣ мешуд, сараш дард мекард ва ҷойи хилват мекофт. Оқибат тоқати Карашма тоқ шуд. Вай ноаён ба ҳавлии ҳамсоя гузашт, то ки каме роҳат кунад. Ҳамин ки Карашма ба

ҳавлии ҳамсоя даромад, як саги алои зеборо дид ва ба вай салом дод.

— Ассалому алайкум, саги доною зирак. Номи ман Карашма аст, аз ҳавлии ҳамсоя омадам.

— Ваалайкум бар салом, ман туро медонам, ту Карашма ҳастӣ. Биё ба хонаи ман, натарс, хуш омадӣ. Ман ба ту чӣ хизмат карда метавонам, бигӯй? Ман мурғонро озор намедиҳам, хусусан туро, ки боодоб ва оқил ҳастӣ. Ҳа, номи ман Калта аст.

— Калтаи хушманду далер, оё ягон ҷойи хилват дар ҳавлии Шумо ҳаст? Ман мехоҳам дар он ҷо тухм



гузорам, чӯҷа барорам.

— Албатта ҳаст, биё рафтем, дар кунҷи торики оғил ик аробачаи кӯҳна чанд сол аст, ки бекор хобидааст…

Карашмаю Калта ҳамроҳ ба кунҷи оғил рафтанд. Дар ҳақиқат он ҷо арбоачае буд. Онро зуд Калта ба дандонаш газида чапаю ростакунон аз чизҳои зиёдатӣ холӣ кард. Даруни он каме алафи покиза андохта ҷойи хоби Карашмаро омода сохт.

**Савол ва супориш:**

1. Матнро хонед, мазмунашро нақл кунед.
2. Чаро мурғро Карашма меномиданд?
3. Барои чӣ Карашма ба хонаи ҳамсоя рафт?
4. Калта номи чист? Номи саги шумо чист?
5. Калта Карашмаро чӣ хел қабул кард?

**Машқи 1.** Матнро бори дигар хонед, калимаҳои ду-се ҳиҷодорро нависед.

*Намуна*: **Ка-раш-ма**, …

**Супориш:** Ба имлои ин калимаҳо эътибор диҳед: **чӯҷа, албатта, тухм, оғил, кунҷ, пок, покиза, хурӯс.**

**Машқи 2.** Ҳиҷоҳои дуюм ва сеюми ин калимаҳоро илова кунед: То…, Ӯ…, ха…, ҳо…, Ба …., Бу-хо…, Ху…, На….

**Савол:** Чаро аввали номи одамон, шаҳрҳо ва лақаби ҳайвонҳо бо ҳарфи калон навишта шудаанд?

**Машқи 3.** Ба ин калимаҳо ҳаммаъно ёбед: *азиз, азим, осон, кӯшиш, доно, тоза, Ватан, дӯст.*

**Супориш:** Аз ҳарфҳои калимаи **Самарқанд** калимаҳои нав созед:

*Намуна*: Самарқанд: сар, …

## ДАРСҲОИ 58–59

### ХУРСАНДИИ СЕЛАИ МУРҒОН

Карашма аз ин ғамхориҳои Калта хеле миннатдор шуд, ҳатто аз чашмонаш ашки шодӣ равон гардид.

Карашма дар кунҷаки оғил пинҳонӣ зиндагӣ мекард. Калтаи ҳушманду меҳрубон ҳар рӯз аз аҳволи Карашма хабар мегирифт, ба вай баъзе чизҳои хӯрданӣ меовард. Рӯзе ногоҳ назараш ба даруни аробача афтод. Дид, ки дар он ҷо Карашма тухм кардааст. Вай хурсандона Карашмаро табриккунон гуфт:

— Карашмаҷон, хеле хуб, ки тухм кардаӣ, муборак шавад!

— Баланд гап назан, ки соҳибат омада ин тухмҳоро нагирад. Ман чӯҷа баровардани ҳастам. Биё, шуморем, ки чанд тухм шудааст.... Як, ду, се, чор, панҷ... ҳамагӣ бист тухм. Хеле хуб, акнун Калтаи далер ба ман халал нарасон, ман бояд бист рӯз болои ин тухмҳо хобида онҳоро гарм кунам, баъд чӯҷаҳо мебароянд. Ту гоҳ-гоҳ маро хабар гир, обу дон биёр, ки ман аз гуруснагӣ беҳол нашавам.

Карашма бист шабу рӯз болои тухмҳо хобида онҳоро гарм кард. Рӯзи бисту якум, вақте ки Калта ба аёдати Карашма омад, Карашма ӯро ишорати нишастан кард. Чашмони Карашма аз хурсандӣ медурахшиданд. Дар зери болҳои гармаш ӯ ҷунбишеро ҳис кард. Аввал чӯҷаяки якум оҳиста болҳои модарашро тела дода сар баровард, баъди лаҳзае чӯҷаи дуюм, сеюм, чорум... ва зери болҳои Карашма як хушҳолию ҳаракати форам сар шуд. Ҳамаи бист чӯҷа аз тухм баромада буданд. Ин

ахзаро Калта тамошо карда ба шавқ омад ва ак-аккунон Қарашмаро бо ин ғалабааш, бо ин шодиаш табрик кард. Онҳо аз ин дӯстӣ ва ин воқеаи нек хеле шод буданд. Қарашма ба Калта миннатдории беандоза изҳор карда, аз вай маслиҳат ва ёрӣ хост, ки чӣ тавр чӯҷаҳоро ба ҳавлии худашон, пеши ёру дӯстонаш, ки шояд ёд кардаанд, барад. Калта гуфт, баъди як соат аҳли хонаводаи соҳибаш якеҳо ба мактаб, дигарҳо ба кори саҳро мераванд. Баъд ман туро бо чӯҷаҳоят ба ҳавлиатон мебарам.

Калта зуд аробачаро бо дандонаш газида мисли аввала чаппаю роста кард, алафҳои кӯҳнаю пӯстлохи тухмҳоро ба замин рехт. Ба даруни аробача ҳамроҳи Карашма онҳо каме алафи тоза партофтанду чӯҷаҳоро боз ба аробача савор карданд. Карашма ҳам дар аробача нишаста чӯҷаҳояшро зери болҳояш гирифт.

Калта гуфт, ана вақти рафтан ҳам расид. Калта ба пеши аробача гузашта, онро бо дандонҳои боқуввату тезаш гирифта, ба сӯйи ҳавлии Карашма равон шуд…

Вақте ки онҳо ба ҳавлӣ даромаданд, селаи мурғон Карашмаю чӯҷаҳоро дида, ғавғою нидоҳои хурсандӣ бароварданд, ки замину замон ба ларза даромад. Аз ҳама пеш хурӯси Сарвар бовиқор наздик омада Карашмаро ба оғӯш кашида бӯсид ва табрик кард… Ҳама аз ин ғалабаи Карашма ва ёрии дӯсташ Калта шод буданд.

Ҳамон дӯстӣ ба касе кун баланд,
Ки бошад ба сахтӣ туро ёрманд.

*Файзулло Шарифов*

**Савол ва супориш:**

1. Хонед, мазмуни матнро нақл кунед.
2. Муносибати Карашма ва Калта чӣ хел аст?
3. Карашма болои тухмҳо чанд рӯз хоб кард?
4. Агар Калта ба Карашма обу дон намеовард, чӣ мешуд?
5. Селаи мурғон аз чӣ хурсандӣ карданд?
6. Мисраъҳоро аз ёд кунед. Дӯстӣ чӣ хубӣ дорад?
7. Чаро саршавии ин калимаҳо бо ҳарфҳои калон навишта шудаанд? *Калта, Карашма, Сарвар.*

**Машқи 1.** Аз ҳиҷоҳои зерин калима созед:

хо – на, ла, ма

дӣ, лӣ, на – шо

**Машқи 2.** Ба калимаҳои **пинҳон, шодӣ, рӯз, наздик** калимаҳои муқобилмаъно ёбед.

*Намуна*: **рӯз** – шаб

Шеърро аз ёд кунед.

Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст,
Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро.

*Ҳофизи Шерозӣ*

## ДАРСҲОИ 60 – 61

**Машқи 1.** Хонед. Агар калима дар сатр нағунҷад, он вақт ҳиссаи онро ба сатри поён мегузаронем. Дар вақти ба сатри дигар гузаронидан хатча (—) мегузорем:

Дар меҳмонӣ бо – там – кин бошед. Дар сари дас – тархон ба чор тараф нигоҳ накунед.

**Машқи 2.** Нависед. Қоидаи ба сатри поён гузаронидани иссаи калимаро риоя кунед:

Таом ё меваро саросема нахӯред. Луқмаро калон агиред. Бо даҳони пур аз хӯрок гап назанед. Ба таом йб намонед, ба дили соҳибхона сахт мерасад.

**Супориш:**

. Ба сатри дигар гузаронидани ҳиссаи калимаҳоро машқ унед: *хона, хонанда, саросема, луқма, таом, соҳибхона.*

*Намуна*: хонан-да ё ин ки хо-нанда.

. Ҳаммаънои ин калимаҳоро ёбед: *таом, луқма, гап, айб, ил.*

**Калимаҳои якҳиҷоӣ аз як сатр ба сатри дигар гузаронида намешаванд.**
*Масалан*: об, ош, аз, мо, най, хуб, ….

**Машқи 4.** Аввал хонед, баъд нависед, маънои пандҳоро арҳ диҳед.

1. Меҳ-нат бе ро-ҳат нест.
2. Сан-ги ваз-нин-ро об на-ме-ба-рад.

# ЧОРЯКИ – II –

## ДАРСҲОИ 1–2

### ПАНДИ ДЕҲҚОНИ ПИР

I. Касе намедонад ин воқеа кай руй додаст. Муҳимаш он аст, ки дар ҳақиқат рӯй додааст.

Ҳангоми омодагӣ ба ҳуҷум душманон дур аз шаҳр марди деҳотии пиреро вохӯрданд. Онҳо хостанд иродаи ӯро озмоянд, то қудрату матонати аҳли ин кишварро фаҳманд.

Сардори аҷнабиён деҳқони пирро наздаш хонда чунин гуфт:

— Ман туро ҳамагӣ як рӯз ранҷ медиҳам. Яъне туро полон мезанаму савор мешавам, ту мисли хар ҳанг мезанию медавӣ. Ҳамааш ҳамин. Ба ивази ин ранҷи якрӯза ту тамоми умр озод ва серу пур хоҳӣ буд. Чӣ гуфтӣ?

**Луғат:** **омодагӣ** – тайёрӣ
**ирода** – сидқ, ихлос, ихтиёр
**озмудан** – санҷидан, имтиҳон кардан
**матонат** – устуворӣ, маҳкамӣ
**кишвар** – Ватан, мамлакат
**аҷнабӣ** – хориҷӣ
**ранҷ** – азоб, ситам, шиканҷа
**полон** – ҷил, пӯшиши болои ҳайвони боркаш

**Супориш:** 1. Матнро ифоданок хонед. Аз матн суханони сардори аҷнабиёнро ҷудо кунед, нависед: *ранҷ – азоб.*

**Дар вақти аз як сатр ба сатри дигар гузаронидани ҳиссаи калима ҳарфи «ъ» бо ҳиссаи пеш аз худ ё ав-вал мемонанд.** *Суръ-ат, масъ-ала, яъ-не.*

2. Калимаҳои **эътибор, шӯъла, тулӯъ** ва **маълумот**-ро маънидод кунед.

II. ... Деҳқони пир каме ба андеша меравад ва баъд чунин мегӯяд:

— Ман ҳоло орзуи як умр озод будан надорам. Як умр озод буданам ба як рӯз озод буданам вобаста аст. Он як рӯз имрӯз аст!

Аҷнабиён ҳайрон мешаванд.

— Мо чизе нафаҳмидем, - мегӯянд онҳо. – Чаро ту маҳз имрӯз озод будан мехоҳӣ?

— Агар ман имрӯз озод бошам, бо шумо лоақал чанд лаҳза меҷангам! – бо заҳрханда мегӯяд деҳқони пир.

Аҷнабиён ба деҳқони пир раҳм намекунанд, ӯро мекушанд ва рӯзи дигар ба шаҳр ҳуҷум меоранд. Аммо ба мақсад намерасанд. Дар муҳорибаи дурударози шадид шаҳриён ғолиб меоянд. Онҳо сардори аҷнабиёнро асир мегиранд!

Ҳангоми пурсуҷӯ сардори асирафтода ба шаҳриёни ғолиб чунин мегӯяд:

— Нисфи лашкари маро дирӯз як деҳқони пир нобуд карда буд! ... Агар вай рӯҳи онҳоро намешикаст, мо имрӯз мағлуб намешудем.

*Азизи Азиз*

**Супориш:** калимаҳои **ҳақиқат** ва **шубҳа**-ро маънидод кунед.

**Агар ҳиҷои якуми калима аз як ҳарф иборат бошад, он дар сатри боло танҳо гузошта намешавад.**

| **Дуруст:** | **Нодуруст:** |
|---|---|
| Ода – мон | О – дамон |
| Ориф – ҷон | О – рифҷон |
| Али – ҷон | А – лиҷон |

**Агар ҳиҷои охири калима аз як ҳарф иборат бошад, он ҳам ба сатри дигар гузаронида намешавад.**

| **Дуруст:** | **Нодуруст:** |
|---|---|
| Лут – фия | Лутфи – я |
| во – қеа | воқе – а |
| тан – ҳой | танҳо – й |

**Машқи 1.** Калимаҳоро бо ҳиҷоҳо ҷудо кунед: *Ҷаббор, Ғаффор, содда, таваллуд, наққош, салла, бурро, иззат.*

**Машқи 2.** Калимаҳое нависед, ки ҳамсадоҳои такрор дошта бошанд. Аз як сатр ба сатри дигар гузаронидани ҳамаи онҳоро бо хатча (—) дефис нишон диҳед.

*Намуна*: **Ғалла – ғал - ла**, …

Дар калимаҳое, ки ду ҳамсадо паси ҳам омадаанд, ҳамсадои аввал бо ҳиҷои аввал дар сатри якум монда, ҳамсадои дуюм бо ҳиҷои дуюм ба сатри дигар гузаронида мешавад:

- - - - - - - - - - - - - - - - - - ҳис-
са - - - - - - - - - - - - - - - -ал –
ла - - - - - - - - - - - - - - - -қув –
ва

**Машқи 3.** Бо калимаи **наққош** ҷумла нависед.

## ДАРСҲОИ 3–4

## 6. КАЛИМА. НОМИ АШЁҲО

### ЗИЁРАТИ ОЛИМ

Марде олимеро дар деҳае ба дӯстӣ гирифта буд. Ҳар доим ба зиёрати ӯ мерафт. Рӯзе он мард ба зиёрати олим мерафт, ки Ҳақ Таъоло фариштаеро ба сурати одамӣ бар сари роҳи ӯ фиристод, то аз ӯ савол кунад, ки куҷо меравад. Он мард ҷавоб дод, ки ба зиёрати фалон олим меравам.

Фаришта пурсид: — ба вай ҳеҷ хешие дорӣ? Гуфт: — Не. Боз пурсид: — Ба вай ягон кори зарур дорӣ? Гуфт: Не. Фаришта боз савол кард: — Пас барои чӣ меравӣ? Мард гуфт: — Ман олимро дӯст медорам ва аз барои худо ба зиёрати вай меравам.

Он фаришта гуфт: — Бидон, ки ман фариштаам. Башорат бод туро, ки Худованд бинобар муҳаббати ту ба он олим туро биёзмуд. Ҳар касе олимро зиёрат кунад, гӯё анбиёро зиёрат кардааст.

**Луғат:** **башорат** – хабари хуш
**Анбиё** – пайғамбарҳо, набиҳо, фиристодагони худо.

**Савол ва супориш:**

1. Мард ҳар дам ба деҳа ба зиёрати кӣ мерафт?
2. Фаришта ба ӯ чӣ савол дод?
3. Мард чӣ ҷавоб дод?
4. Фаришта чӣ гуфт?
5. Зиёрати олим ба кас чӣ мартаба меорад?

**Машқи 1.** Шеърро хонед, аз чанд калима иборат будани онро гӯед.

**Ҳар киро нест адаб,**
**Лоиқи сӯҳбат набувад.**

**Супориш:**

1. Ба саволҳо шифоҳӣ ҷавоб диҳед:

а). Бо бачаҳои боодоб шумо чӣ тавр муомила доред?

б). Барои чӣ шоир «Ҳар киро нест адаб, лоиқи сӯҳбат набувад», гуфтааст?

в). Кадоме аз рафиқонатонро шумо аз ҳама боодоб мешуморед?

2. Ба имлои ин калимаҳо эътибор диҳед: *дӯстӣ, зиёрат, муҳаббат, гӯё, шеър.*

**Машқи 2.** Сархати охири матнро нависед. Калимаҳои ҷумлаи охирро ҷудо кунед ва маънои онҳоро гӯед.

**Ҷумлаҳо аз калимаҳо иборатанд. Калимаҳо дар ҷумла алоҳида навишта мешаванд.**

**Машқи 3.** Хонед, калимаҳои банди якум ва дуюмро гӯед.

Кист он кас, ки шири софашро
Ба шумо аз ҷигар расонду чашонд?
Баҳри осоиши шумо аз хоб
Хест, гаҳвораи шумо ҷунбонд?
Шустушӯ карда дасту пойи шумо,
Аз муҳаббат ба ҷойи пок нишонд?

*Садриддин Айнӣ*

**Супориш:**

1. Ба калимаҳои **осоиш, пок** калимаҳои ҳаммаъно ёбед.
   *Намуна*: ***осоиш*** – оромӣ, …
2. Пандҳоро хонед, аз ёд кунед.
   I. Нони бемеҳнат ҳаром аст.
   II. Луқмаи худро ҳалол карда хӯрдан беҳтар аст.
3. Калимаҳоро нависед, ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед, садонокҳоро номбар кунед: *луқма, ҳалол, оромӣ, хӯр.*

## ДАРСИ 5

### НАФЪИ САНЪАТ

Санъат ба дили инсон нур мебахшад, ӯро ба сайри оламӣ маънӣ мебарад. Бо ёрии санъат одам неку бадро фарқ мекунад ва хираду таҷрибаҳои бисёри инсонӣ ҷамъ мекунад.







**Супориш:** Матнро рӯбардор намоед ва калимаҳои неку бадро бо якдигар муқоиса кунед.

**Панди бузургон**

**1. Ба зиёд нӯшидан ва хӯрдан қалби худро макуш.**

**2. Қалби худро бо гуруснагӣ сайқал бидеҳ.**

**3. Чор амал касро беқадр кунад:** ***дурӯғ, ғайбат, суханчинӣ, қасами дурӯғ.***

**Луғат:** **қалб** – дил
**сайқал** – ҷило, ҷило додан
**чор амал** – чор фаъолият, кору кирдор, феъл

**Супориш:** Пандҳоро аз ёд кунед.

**Машқи 1.** Пандҳоро бори дигар хонед. Калимаҳои нафаҳмидаатонро нависед, бо ёрии луғат шарҳ диҳед.

**Супориш:**

1. Калимаҳои панди 1 ва 2-ро шуморед.
2. Тарзи дуруст навиштани калимаҳои **хӯрдан, нӯшидан, гуруснагиро** машқ кунед.
3. Бо калимаҳои «**хӯрдан**» ва «**нӯшидан**» ҷумла созед.

**Машқи 2.** Калимаҳои парокандаро истифода бурда ҷумла созед: *бош, боадаб, нагӯй, суханҳои бемаънӣ, ҳамсӯҳбатро, миёни, ҳаргиз, набур, ӯро, гӯш, то, охир, гапи.*

*Намуна*: Баодоб бош, …

**Машқи 3.** Нависед. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои мувофиқ гузоред: … духтари боодоб аст. Ӯ дар …аълохон мебошад. Дугонаҳояш аз вай … мегиранд. Шахси баодобро ҳама дӯст…

**Супориш:** Панди «Қалби худро ба гуруснагӣ сайқал деҳ ва бо гуруснагӣ ва ташнагӣ бар нафси худ ғалаба кун»-ро маънидод кунед.

## ДАРСҲОИ 6–7

### ДАР ОДОБИ СӮҲБАТ

Бо мардуми нодон сӯҳбат макун, хусусан бо нодоне, ки худро доно мешуморад. Сӯҳбат бо хирадмандон кун. Аз сӯҳбати онҳо шумо некном мегардед. Сӯҳбати неконро қадр кун ва фаромӯш макун. Зиёнкор мабош. Зиёнкорӣ ба шумо ранҷ оварад.

*Унсурулмаолии Кайковус*

**Супориш:** 1. Ба саволҳо бо 1-2 калима ҷавоб диҳед:

а). Бо кӣ сӯҳбат набояд кард? – *Бо нодон*

б). Бо кӣ бояд сӯҳбат кард? –

в). Сӯҳбати неконро чӣ бояд кард? –

г). Зиёнкорӣ ба шумо чӣ меоварад? –

2. Калимаҳоро нависед: **кирдор** – *кор, амал, рафтор;* **зиёнкор** – *зараровар;* **пиндор** – *фикру хаёл.*

3. Пандро аз ёд кунед.

**Бо мардуми доно ва хушфеъл ҳамсӯҳбат бошед. Сӯҳбати некон давлат аст.**

**Машқи 1.** Ба ин саволҳо ҷавоб диҳед:

1. Дар боғ чӣ ҳаст? Дар дарё чӣ?
2. Дар осмон чӣ ҳаст?
3. Дар кӯҳ чӣ ҳаст?

**Супориш:** 1. Номи гиёҳҳоро ба дафтар нависед, баъд ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед: а). Дар синф чиҳо ҳастанд? б). Дар болои мизатон чӣ? в). Номи либосҳоро номбар кунед.

*Намуна:* Миз, курсӣ, ...

2. Ба саволҳо ҷавоб диҳед:



Ин кӣ аст?



Ин чӣ аст?



Ин чист?



Ин чист?

**Машқи 2.** Аз рӯйи расмҳо номи одамон ва ашёҳоро нависед. Ба онҳо саволҳои «**кӣ**?», «**чӣ**?» гузоред.

   

**Супориш:** Ин иборахоро нависед, аз ёд кунед.

1. **Мардуми нодон** – одамони нодон, гӯл, камақл
2. **Сӯҳбати некон** – сӯҳбати одамони хуб, меҳрубон
3. **Мардуми хушхӯ** – мардуми хушфеъл, хушодоб, боодоб.

## ДАРСҲОИ 8–9

### ЗАБОНИ МО – ҶАҲОНИ МО

Ҳар кас бояд забони модарии худро хуб донад. Беғалат гап занад. Фикрашро равону бурро ва ифоданок баён карда тавонад.

Ҳар як миллат забони худашро дорад ва он барояш азиз аст. Аз ин рӯ мо ҳақ надорем, азизонам, ки забони ягон халқ ё қабиларо масхара кунем, таҳқир намоем, айб гузорем.

Забони тоҷикӣ – забони хеле бой мебошад. Вай дар ҷаҳон машҳур аст. Бо забони мо китобҳои зиёде навишта шудаанд.

Бинобар ин кӯшед, ки забони модариатонро хуб донед. Шеъру сурудҳоро ҳар чӣ зиёдтар аз худ кунед. Зинда бод, забону миллати тоҷик!

**Супориш:** 1. Матнро хонед. Гӯед, ки дар он дар бораи забони тоҷикӣ чӣ гуфта шудааст?

2. Дар васфи забони тоҷикӣ мо кадом шеърро аз ёд карда будем.

Ҳар кӣ ба забони худ сухандон гардад,
Донистани сад забон осон гардад.

Забони модариро пос доред,
В-аз модар варо мерос доред.

**Супориш:** 1. Калимаҳоро нависед, ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоред: *сухан – гап, одоб – ахлоқ, дида – чашм, шахс – кас.*

Чӣ? – чашм, …

2. Бо истифода аз ҳарфҳои калимаи **азизонам** калимаҳои нав созед: *модар*: дар, …

**Машқи 1.** Калимаҳоро муқоиса кунед: *гарму хунук, пасту баланд, азизу меҳрубон, шабу рӯз, субҳу шом.*

**Супориш:**

1. Калимаҳои **азиз, меҳрубон**-ро истифода карда, ҷумла созед.
2. Калимаҳои **субҳ, пешин, чошт, шомро** маънидод кунед.

*Намуна*: ***пешин*** – нимрӯзӣ, …

**Машқи 2.** Матни «Забони мо – ҷаҳони мо»-ро бори дигар хонед, калимаҳоеро, ки ба саволҳои «*кӣ?*», «*чӣ?*», «*чиҳо?*», «*киҳо?*» ҷавоб мешаванд, навишта гиред.

*Намуна:* Кӣ-халқ, чӣ?-забон, киҳо?-одамон, чиҳо?-китобҳо.

**Супориш:**

1. Ба ин калимаҳо саволҳои мувофиқ гузоред: **гап, сухан, ақл, дониш, одам, инсон, ҷаҳон, дунё, одамон.**
2. Бо истифода аз ҳарфҳои калимаи **сухандон**, калимаҳои нав созед. *Намуна:* **сухандон** – хон, …
3. Ҳаммаънои ин калимаҳоро ёбед: ***забон, ҷаҳон, хуб, зиёд, зӯр.***

*Намуна:* ***забон*** – лафз, сухан.

## ДАРСҲОИ 10–11

### ҲИКОЯТ

Кабки дарие дар домани кӯҳе қаҳ-қаҳ мезад. Бози шикорӣ чун кабки дариро дид, дилаш ба муҳаббати ӯ моил гашт.

Пас оҳиста – оҳиста ба кабк моил шуд ва кабкро назар бар вай афтод ва ҳазаркунон худро ба шикофи санге расонид. Боз аз ҳаво пеши он сӯрох нишаста гуфт:

— Эй кабк, имрӯз ба воситаи қаҳ-қаҳи ту кушоише дар дили ман падид омад ва хиромидани дилфиребм ту маро сайд кард. Умед аст, ки минбаъд аз ман тарсону ҳаросон набошӣ ва ба сӯйи ман майл намоӣ.

Кабк овоз дод, ки «Эй қаҳрамони комгор, даст аз



ин бечораи меҳнатзада боздор, ҳар гоҳ, ки обу оташ ба ҳам якҷоя шаванд, ману ту рафиқ шуда метавонем».

Аз «Калила ва Димна»

**Супориш:**

1. Матнро хонед, мазмунашро нақл кунед.
2. Шарҳи калимаҳоро хонед ва баъд нависед: **комгор** – ба орзуи худ расидан, хушбахт; **назар** – нигоҳ, дидан; **кабки дарӣ** – як намуди кабкҳои кӯҳӣ; **ҷониб** – тараф, сӯй; **майл** – хоҳиш; **падид** – намоён шудан, пайдо гаштан; **хиромидан** – зебо роҳ рафтан; **дилфиреб** – зебо …

**Машқи 1.** Ба ин саволҳо ҷавоб нависед:

1. Боз ба кабк чӣ гуфт?
2. Кабк ба боз чӣ ҷавоб гардонд?

**Машқи 2.** Ин ибораҳоро шарҳ диҳед: *сари кӯҳ, қуллаи кӯҳ, болои кӯҳ.*

**Супориш:**

1. Калимаҳоро нависед: *майл, минбаъд, хушбахт, сайд, шикорӣ, ҷониб, муҳаббат.* Ҳиссаи калимаи **муҳаббат**-ро ба сатри дигар гузаронед.
2. Шарҳи калимаи **хирад**-ро хонед:

**Хирад парваридан**: ақл ба кор бурдан, аз рӯйи ақл кор кардан.

**Машқи 3.** Матнро хонед ва тарзи қироати муколамаро ёд гиред:

Эй кабк, …
Эй қаҳрамони комгор, …

**Супориш:** Шеърро аз ёд кунед.

Кунад ҳамҷинс бо ҳамҷинс парвоз,
Кабӯтар бо кабӯтар, боз бо боз.

**Супориш:**

Ин калимаҳоро нависед, зери садонокҳо хатча кашед:
**маънӣ, таъсир, ёрӣ, дурӯғ, ростгӯӣ, боодобӣ, хайрхоҳӣ.**

**Машқи 1.** Номҳоро хонед:
Абдуллои Қодирӣ, Зарринаи Фаррухзод, Салими Хатлонӣ.

**Супориш:**

1. Гӯед, ки чаро номи одамон бо ҳарфи калон навишта шудаанд?
2. Мустақилона номҳои ҳамсинфҳоятонро бо тартибе нависед, ки номи Ватани мо пайдо шавад.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Тоҷӣ | Исмат | Сафар | Оқил | Ориф |
| Камол | Таҳмина | Нигина | Ҷовид | Инобат |

**Машқи 2.** Расмҳоро аз назар гузаронед, ба кӯдакон ном гузоред, яктоӣ ҷумла тартиб диҳед.



**Машқи 3.** Ном, номи падар ва ҷойи истиқомати худро нависед.

Ҷумларо ин тавр сар кунед: Номи ман …

# ДАРСҲОИ 16–17

## АСП

Падарам галабон аст. Ман ҳар замон ба ӯ ёрӣ мерасонам. Қариб ҳамаи аспҳои гала лақаб доранд: Қашқа, Ҷеран, Рахш, Саманд, Холдор, Даванд, Йӯрға.

### СӮҲБАТ

— Касби падари писарбача чӣ будааст?
— Падари писарбача галабон будааст.
— Лақаби аспҳоро гӯед?
— Аспҳо лақабҳои Қашқа, Ҷеран ва ғайра доранд.
— Ба бача кадом асп маъқул?
— Саманд.
— Ба тойча чӣ ном гузоштаанд?
— Бодпо.

**Машқи 1.** Ин лақабҳоро нависед: *Зирак, Қашқа, Калта, Мошон, Бӯйгир, Хайбар, Пахта, Барфак, Зардак, Мала, Алопар, Чипор, Паланг, Карашма.*

**Супориш:** Се ҷумла нависед, ки дар онҳо лақаби сагҳо бошанд.

*Намуна*: Зирак саги бовафо аст, …

**Машқи 2.** Ба ин ҳайвонҳо лақаб гузоред.



**Супориш:** Ном ва лақаби ҳайвонҳои медонистаатонро нависед.

Шири Қашқа серравған аст.

**Аввали лақаби ҳайвонҳо бо ҳарфи калон навишта мешавад:** Мошон, Рахш, ….

**Машқи 3.** Дар мавзӯи «Дӯстони мо» ҳикояча нависед ва дар он калимаҳои **Рустам, Сӯҳроб, Саёҳат, Хайбар** ва **Рӯбоҳро** истифода баред.

## ДАРСҲОИ 18 – 19

### ТАҶЛИЛИ ҶАШНИ САДА

Ҷашни Сада яке аз идҳои миллии халқи тоҷик аст. Ин идро рӯзи панҷуми бахманмоҳ гузаштагони мо ҷашн мегирифтанд. Мувофиқи солшумории имрӯза ин рӯзҳо ба 24, 25, 26 моҳи январ рост меоянд. Ҳангоми ҷашнгирии ин ид рӯзҳои сахти зимистон мегузаранд. Мардум шодмонӣ мекунанд. Аввалин нишонаҳои баҳор аён мегарданд. Оҳиста – оҳиста сармо ба гармо мубаддал мегардад. Дар натиҷа раъду барқҳои дилошӯб ба амал меоянд. Табиат чеҳраи худро ороста, арӯси сол, яъне баҳор фаро мерасад. Мардум либосҳои идона ба бар карда якдигарро ба оғози рӯзи нек муборакбод мегӯянд.

Дар ҷашни Сада халқи тоҷик ҳар гуна таомҳои миллӣ мепухтанд. Суруду таронаҳо хонда рақсу бозӣ мекарданд. Ва ҳар хел мусобиқаҳо мегузарониданд.

**Луғат:** **таҷлил** – қайд кардан, ид кардан.

**Супориш:**

1. Матнро хонед, сархати охири онро нависед ва ба зери калимаҳое, ки ба саволи «чӣ?» ҷавоб мешаванд, хат кашед.
2. Шарҳи калимаҳоро нависед ва ба хотир гиред:

**шодмонӣ** – шодӣ, хурсандӣ, хушҳолӣ
**дилошӯб** – дилрабо
**ороста** – ороиш, зебу зиннат
**оғоз** – саршавии рӯзи нав
**ҷашн** – ид

**Супориш:**

1. Бо калимаҳои дилхоҳатон 1-2 ҷумла созед.
2. Маънои ҷумлаи «**Табиат чеҳраи худро ороста, арӯси сол, яъне баҳор фаро мерасад**»-ро шарҳ диҳед.

**Машқи 1.** Номи умумии ин калимаҳо чӣ аст?
Гов, асп, саг, буз, гӯсфанд.

**Калимаҳое, ки номи умумӣ доранд, бо ҳарфи хурд навишта мешаванд:** кӯҳ, шамол, ситора, …

**Машқи 2.**

**Имло**

Мо дар Тоҷикистон зиндагонӣ мекунем. Пойтахти ҷумҳурии мо шаҳри Душанбе мебошад. Душанбе шаҳри зебо аст. Аз байни шаҳр дарёи Варзоб мегузарад.

1. Шумо дар кадом ҷумҳурӣ зиндагонӣ мекунед?
2. Номи пойтахти ҷумҳурии мо чист?
3. Гӯед, ки шумо дар кадом шаҳр, ноҳия, деҳа зиндагӣ мекунед?

**Номи хоси одамон, мамлакатҳо, шаҳрҳо, кӯҳу дарёҳо бо ҳарфи калон навишта мешаванд.**
*Монанди*: Салима, Пӯлодӣ, Вахш, Хуҷанд, Душанбе, Ҳисор, Сарбанд, …

**Машқи 3.** Хонед:

1. Номи шаҳрҳо: Душанбе, Роғун, Хоруғ, Норак, Кӯлоб, Хуҷанд, …

2. Номи ноҳияҳо: Ҳисор, Файзобод, Мӯъминобод, Вахш, Истаравшан, …

3. Номи деҳаҳо: Ҷавқосой, Роҳатӣ, Қалъаи баланд, Навобод, Испечак, …

4. Номи мамлакатҳо: Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон, Ӯзбекистон, Бразилия, …

5. Номи дарёҳо: Вахш, Луҷоб, Кофарниҳон, Волга, Сурхоб, Зарафшон, Ому, …

**Ба одам саволи «Кӣ?» ва ба ҳама ашёҳои дигар саволи «Чӣ?» гузошта мешавад.**
Кӣ? – коргар. Кӣ? – Ориф. Чӣ? – ангур. Чӣ? – кафтар.

## ДАРСҲОИ 20 – 21

## ДОНИШМАНДИ БУЗУРГИ ТОҶИК

Ба таваллуд шудани олими ҷаҳонӣ – Абӯалӣ ибни Сино зиёда аз 1000 сол пур шудааст. Абӯалӣ ибни Сино файласуф, табиатшинос, табиб ва шоир буд. Абӯалӣ қариб 300 китоби илмию бадеӣ навиштааст.

Китоби машҳури Абӯалӣ ибни Сино «Алқонун» солҳои зиёде китоби дарсии духтурони Аврупо буд. Ин китоб зиёда аз 30 маротиба чоп шуда бошад ҳам, боз қиматбаҳою ноёб ҳисоб мешавад. Ибни Сино дар «Алқонун»-и худ сохти бадани одамро пурра нишон дода, барои бартараф кардани дардҳои гуногуни беморон 785 хел дору тавсия намуда буд.

10 аср аз давраи ҳаёти донишманди бузурги мо – Абӯалӣ ибни Сино гузаштааст, аммо то ҳол ном ва

мероси илмии ӯ ифтихори на танҳо халқи тоҷик, балки ҳамаи халқҳои ҷаҳон мебошад.

**Супориш:**

1. Калимаҳоро нависед: *таваллуд, Абӯалӣ, пурра, ноёб.*
2. Аз рӯйи мазмуни матн ҳикояча нависед.

*Нақшаи ҳикояча*:

1. Абӯалӣ кӣ буд?
2. Барои чӣ ӯ ифтихори ҳамаи халқҳост?

**Машқи 1.** Ба дафтаратон саволҳои **кӣ? киҳо? чӣ? чиҳо?**-ро навишта, намунаи зеринро давом диҳед.

Кӣ? – Абӯалӣ, …

Киҳо? – одамон, …

Чӣ? – китоб, …

Чиҳо? – китобҳо, …

**Супориш:**

1. Аз ҳарфҳои калимаи **табиатшинос** истифода карда калимаҳои нав созед: *табиатшинос* – соат, шин, …
2. Муқобилмаънои ин калимаҳоро ёбед:

қимат —

бисёр —

пур –

баланд –

**Машқи 2.** Ба саволҳои зерин ҷавоб нависед:

1. Шумо дар кадом ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунед?
2. Кадом шаҳрҳоро шумо дидаед?
3. Кадом дарёҳои Тоҷикистонро медонед?
4. Номи аъзоёни оилаатонро нависед.

**Супориш:** Калимаҳоро таҳлил кунед, садонокҳоро ба ёд оред: **донишманд, бузург, тоҷик, қиматбаҳо, табиатшинос.**

**Машқи 3.** Хонед, шарҳ диҳед:

**Ҷумъа** – ҷумъа

**Вафо** – вафо

**Ғайрат** – ғайрат

**Лоиқ** – лоиқ

**Содиқ** – содиқ

**Иқбол** – иқбол

**Супориш:** 1. Ба маъноҳои калимаи лоиқ эътибор диҳед:

а). Лоиқ китобхон шудааст.
б). Ӯ лоиқи таҳсин аст.

2. Барои ин калимаҳо ҳаммаънояшонро ёбед, ки аз ҳарфи аввали онҳо ҳаммаъноии калимаи Ватан пайдо шавад: *бузург, одам, раҳм, муддат, паймон, халос.*

## ДАРСҲОИ 22–23

### ПИСАРИ НӮШЕРВОН
(Ҳикоят)

Писари Нӯшервон Ҳурмуз аз падараш роҳи адолатпешагиро омӯхта буд. Ӯ ашхоси некро гиромӣ медошт ва бадонро расво менамуд.

Рӯзе рикобдори ӯ ба боғ рафта бе иҷозати боғбон як хӯшаи ангурро канда қасди хӯрдан кард. Боғбон пеши аспи рикобдорро гирифта гуфт: Ҳаққи ангурро бидеҳ, вагарна пеши подшоҳ рафта арз хоҳам кард.

Он хизматгор ҳарчанд пул медод, боғбон розӣ намешуд. Дар охир хизматгори шоҳ ҳазор динор дода, аз даъвои боғбон халос шуд. Як хӯшаи ангурро, ки як динор ҳам арзиш надошт, аз тарси сиёсати шоҳ ба ҳазор динор харид. Оре, агар сиёсати подшоҳ набошад, ҳар гуна ҷинояткорон даст ба бедодӣ зада, зиндагии мардумро талх месозанд. Мардуми фитнаангез аз тарси ҳайбати шоҳ аз бадкирдориҳо даст кашида, худро аз ҷиноят нигоҳ медоранд.

**Саволҳо:**

1. Ҳурмуз кадом ашхосро гиромӣ медошт?
2. Он хизматгори ба боғи деҳқон даромада чӣ кор кард?
3. Боғбон пеши аспи ӯро гирифта чӣ гуфт?
4. Хӯшаи ангурро хизматгор ба чанд динор харид?

5. Агар сиёсати подшоҳ набошад, ҷинояткорон чӣ кор мекунанд?

**Супориш:** Калимаҳоро нависед:
**ашхос** – одамон, шахсҳо
**гиромӣ** – азиз, шахси ба қадру қимат, иззатманд.
**Рикобдор** – касе, ки лаҷоми аспи шоҳ ё одами давлатмандро гирифта, ӯро савор мекунад ва худаш пиёда меравад.

**Машқи 1.** Ҳикояти «Писари Нӯшервон»-ро хонед, калимаҳоеро ҷудо карда нависед, ки ба саволҳои **«кӣ?»**, **«чӣ?»** ҷавоб шаванд.
*Намуна:* Кӣ? – **Нӯшервон**, ...
Чӣ? – **боғ**, ...

**Супориш:**
1. Калимаҳоро нависед: **омӯхт, хӯша, хӯрд, қасд, даъво, сиёсат, иҷозат, бардкирдор.**
2. Ин калимаҳоро шарҳ диҳед: **қасд, арз, динор, ҷиноят, адолат, гиромӣ, фитна.**
*Намуна*: ***динор*** – пули тилло.

**Машқи 2.** Ҳикоятро бори дигар хонед, калимаҳоеро, ки бо ҳарфи калон навишта шудаанд, ба дафтаратон нависед.
*Намуна:* Ҳурмуз, ...

**Супориш:**
1. Бо калимаҳои зерин кадом калимаҳо ҳаммаъноянд? – **некӣ, шодӣ, озод, шикоят.**
2. Ба ин саволҳо бо як калима ҷавоб гӯед:
а). Кӣ пеши аспи рикобдорро гирифт? – боғбон.
б). Кӣ як хӯшаи ангурро ба ҳазор динор харид? –
в). Чӣ гуна одамон аз сиёсати шоҳ метарсиданд? –

**Машқи 3.** Пандҳоро нависед, аз ёд кунед.
1. Бадхоҳи касон ҳеҷ ба мақсад нарасад.
2. Дӯстон оинаи якдигаранд.

**Супориш:** Аз ҳикоят суханони боғбонро ёбед, нависед.
*Намуна:* Ҳаққи ангурро...

## ДАРСҲОИ 24–25

### КИТОБ

Ҳамнишине беҳ аз китоб махоҳ,
Ки муҳосиб бувад гаҳу бегоҳ.
Роҳатафзои ҷону роҳати дил,
Ҳарчи дилхоҳи туст аз ӯ ҳосил.
Инчунин ҳамдами латиф кӣ дид?
Ки на ранҷе диҳад на ранҷонид.

*Ҳусайн Воизи Кошифӣ*

Луғат: **муҳосиб** – хамсӯҳбат
**роҳатафзо** – роҳатрасон, фоидаовар
**ҳамдам** – рафиқ, хамнафас, ёр
**латиф** – хуш, зебо

**Савол ва супориш:**

1. Дар бораи китоб чиҳоро медонед?
2. Шеъри Ҷомиро дар бораи китоб ба ёд биёред.
3. Шоир китобро ба чиҳо монанд кардааст?
4. «На ранҷе диҳад на ранҷонид»-ро маънидод кунед.

**Супориш:**

1. Кор бо калимаи «**роҳат**», роҳатафзо – фоидаовар, форам, …
2. Бо калимаи «роҳат» ҷумла гӯед.
3. Мисраи «Роҳатафзои ҷону роҳати дил» чӣ маъно дорад?

**Машқи 3.** Саволҳои «**кӣ?**» ва «**чӣ?**»-ро навишта ба онҳо аз шеър калимаҳои мувофиқ ёбед.

*Намуна*: Чӣ? – китоб, ….

**Супориш:** Бо калимаҳои **китоб, бахт, ҳамдам** ҷумла тартиб диҳед ва нависед.

## ДАРСҲОИ 26-27

### ТОҶИКИСТОНАМ

Қаъри заминат кони гуҳар аст,
Рӯи заминат маъвои зар аст,
Халқи матинат соҳибҳунар аст,
Тоҷикистонам! Тоҷикистонам!
Аз Вахши заррин то кӯҳи Помир,
Аз оби Ому то соҳили Сир,
Барноӣ дорад ин кишвари пир!
Тоҷикистонам! Тоҷикистонам!

*Наримон Бақозода*

**Супориш:** 1. Шарҳи калимаҳоро нависед:

**маъво** – макон, манзил;
**матин** – устувор, маҳкам;
**гуҳар** – санги қиматбаҳо.
**қаъри замин** – зери замин;
**барноӣ** – ҷавонӣ;

2. Ин ибораҳоро маънидод кунед: *Кони гуҳар. Вахши заррин. Кишвари пир. Халқи матин.*

3. Аз шеър калимаҳоеро, ки бо ҳарфи калон навишта шудаанд, нависед ва ба онҳо савол гузоред. Гӯед, ки онҳо номи чиҳоро ифода мекунанд.

*Намуна*: Чӣ? – Сир, ...

**Машқи 1.** Номи ин ашёҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед ва савол гузоред: **пиёз, помидор, картошка, тарбуз, бодиринг, себ, анор, олуболу, олуча, ғелос, зардолу, тут. чормағз, бодом, писта, хурмо, лиму.**

*Намуна*:

**полиз** – тарбуз, ...; **сабзавот** – пиёз, ...; **мева** – гелос, ...

**Машқи 2.** Ин машқро мисли машқи 1 иҷро кунед: **саг, бум, модагов, хирс, мурғ, шер, паланг, гурба, гунҷишк, фил, гӯсфанд, буз, шағол, зоғ, оҳу, уқоб, асп.**

*Намуна:*

*Паррандагони хонагӣ* – мурғ, …
*Паррандагони ваҳшӣ* – уқоб, …
*Ҳайвоноти хонагӣ* – модагов, …
*Ҳайвоноти ваҳшӣ* – рӯбоҳ, …

**Машқи 3.** Номи умумии ашёҳоро муайян кунед:
мурғ, зоғ, кафтар, мусича – …
саг, гӯсфанд, буз, фил, асп – …
бед, чормағз, анор, чинор – …
пиёз, укроб, гашнич, райҳон – …
себ, нок, биҳӣ, ангур – …
кирм, малах, пашша, мӯрча – …
*Намуна:* Себ, нок, биҳӣ, ангур – **мева**

**Супориш:** Бо истифода аз ибораҳои **шаҳри Душанбе, дарёи Вахш, кӯҳи Помир** ҷумла тартиб диҳед. Нақшаи яке аз ҷумлаҳоро кашед.

## ДАРСҲОИ 28–29

### РУСТАМ БА ҶАҲОН ЯК БОР МЕОЯД
(Ривоят)

Рӯзе Алӣ аз ғазо омада истода худ ба худ гуфт:

— «Ман шери Худо ҳастам, дар ҷаҳон аз ман зӯр нагузаштааст». Бо ҳамин фикр ба хона омад.

Муҳаммад гуфт:

— Ё Алӣ, ту имрӯз рустамона кор кардӣ.

Алӣ аз ин гап камтар ранҷид.

Муҳаммад фаҳмид, ки ин гап ба дили Алӣ сахт расид, гуфт:

— Ту рафта ба даруни фалон кӯҳ исто, Рустам ба зиёрати ту меояд, қувваташро ба ту мебахшад.

Алӣ аспи Дулдулро савор шуда, ба дараи кӯҳ рафта нишаст. Ногоҳ се кӯҳ бо ҳам омад. Алӣ инро дида тарсиду Дулдулро савор шуда гурехта ба хона омад.

Муҳаммад дид, ки ранги Алӣ паридагӣ, пурсид:

— Ба ту чӣ шуд?

Алӣ воқеаро нақл кард. Муҳаммад гуфт:

— Ҳамон се кӯҳ: — кӯҳи поён Рахши Рустам, кӯҳи миёна гурзи Рустам, кӯҳи боло худи Рустам буд. Рустам ба саломи ту омада, қувваташро ба ту бахшиданӣ буд.

Алӣ гуфт:

— Ин тавр бошад, боз гашта равам?

Муҳаммад гуфт:

— Рустам ба ҷаҳон як бор меояд.

**Саволҳо:**

1. Алӣ бо кадом фикр ба хона омад?
2. Муҳаммад ба Алӣ чӣ гуфт?
3. Чаро Алӣ аз суханони Муҳаммад ранҷид?
4. Муҳаммад ба Алӣ чӣ маслиҳат дод?
5. Чаро Алӣ гурехта ба хона омад?
6. Алӣ ба Муҳаммад чӣ нақл кард?
7. Алӣ чаро аз кори кардааш пушаймон шуд?

**Машқи 1.** Ба саволҳо ҷавоб нависед.

Оҳангар чӣ асбобҳо дорад? – **путк**, …
Номи ашёҳои хонаатонро гӯед? – **дег**, …
Номи ашёҳои синфатонро гӯед? – **бӯр**, …
Асбобҳои деҳқонӣ кадомҳоянд? – **бел**, …
Номи гулҳоро гӯед? – **лола**, …
Асбобҳои дуредгарӣ кадомҳоянд? – **арра**, …
Аз сабзавот чиҳоро медонед? – **сабзӣ**, …

**Машқи 2.** Аввал ба саволҳои «**кӣ?**», баъд ба саволҳои

**«чӣ?»** ҷавоб нависед:

Кӣ коргар аст?
Кӣ шеър мехонад?
Кӣ ба китобхона рафт?
Чӣ бо суръати баланд мепарад?
Чӣ овози форам дорад?

**Супориш:** Ривояти «Рустам ба ҷаҳон як бор меояд»-ро бори дигар хонед, калимаҳоеро, ки ба саволҳои **«кӣ?»**, **«чӣ?»** ҷавоб мешаванд, нависед:

Рустам, Алӣ – Кӣ?, ….
асп, кӯҳ, гап, кор – чӣ?, …

## ДАРСҲОИ 30–31

## СОКИНОНИ АЗИМТАРИНУ ХУРДТАРИНИ САЙЁРА

Сокинони азимҷуссатарини рӯйи Замин динозаврҳо буданд. Онҳо 140 миллион сол пеш дар сайёраи мо зиндагонӣ кардаанд. Барои муқоиса овардан лозим аст, ки инсоният ҳамагӣ 2 миллион сол аст, ки дар рӯйи замин зиндагӣ мекунад. Аз рӯйи бозёфтҳои бостоншиносон муқаррар кардан мумкин аст, ки динозаврҳо то 100 тонна вазн доштаанд ва бо суръати то 60 км/соат ҳаракат мекардаанд.

Хурдатарин сокинони сайёра ҳашарот ба шумор мераванд. Онҳо то 80 фоизи ҳайвонотро ташкил менамоянд. Онҳо тақрибан 400 миллион сол аст, ки арзи вуҷуд доранд.

Ҳашарот ягона мавҷудоти зиндаест, ки бе доштани сутунмӯҳра парвоз мекунад. Суръати болзании ҳашароти болдор аз 300 болзанӣ дар як дақиқа (шапалакҳо), то 50000-ро (хомӯшакҳо) ташкил

менамояд. Пашшаҳои ғингосӣ метавонанд ба пешу ақиб парвоз намоянд ё дар ҳаво муаллақ биистанд.

Ҳашарот дар ҳама ҷойи замин – дар қишр, сатҳи болой, рӯйи обу зери об, дар ҷангалзору саҳро, шаҳрҳову деҳот ва хонаҳои одамон зиндагӣ мекунанд. Аз тамоми лашкари бешумори ин ҷонваракон хатари несту нобудшавӣ танҳо ба баъзе намудҳои шапалак таҳдид мекунаду халос. Намудҳои боқимондаи ҳашарот бо вуҷуди мубориэаи беамони одамизод бар зидди баъзеи онҳо (масалан, нонхӯрак, пашшаву хомӯшак) нияти кам шудану аз байн рафтанро надоранд.

**Луғат:**

**динозавр** – як навъ ҳайвони азимҷуссаи аҳди қадимтарин.

**сайёра** – рӯйи замин.

**бозёфт** – кашфиёт, чизи наве ихтироъ кардан.

**бостоншинос** – таърихшинос.

**Супориш:** Хонед, нақл кунед, ба саволҳо ҷавоб диҳед:

1. Динозаврҳо чӣ гуна ҳайвон будаанд?
2. Онҳо дар рӯйи замин чанд сол пеш зиндагонӣ кардаанд?
3. Одамон чӣ?
4. Хурдарини сокинони сайёра чиҳоянд?
5. Ҳашарот дар куҷоҳо зиндагӣ мекунад?
6. Ибораҳои **«лашкари бешумор»**, **«мубориэаи беамон»**-ро шарҳ диҳед.

**Машқи 1.** Ҷумлаи чоруми матнро нависед. Динозаврро бо мошин, поезд ва фил муқоиса кунед. Ба ин ашёҳо савол гузоред.

*Намуна:* Чӣ? – динозавр, …

Калимаҳоро шарҳ диҳед: **бостоншиносон, сокин, ҳашарот, болзанӣ, қишр, сатҳ, ҷангал, саҳро, динозавр,**

ҳашарот.

*Намуна:* ***бостоншиносон*** – таърихдонон, ...

**Машқи 2.** Ба саволҳо ҷавоб нависед:

1. Динозаврҳо чӣ гуна ҳайвон будаанд?
2. Дар рӯйи замин динозаврҳо чанд сол пеш зиндагонӣ кардаанд?
3. Одам дар рӯйи замин чанд сол аст, ки зиндагӣ дорад?
4. Ҳашароти зараровар кадомҳоянд?

**Супориш:** Дар бораи **шер, фил, мӯрча** ва **пашша** як ҷумлагӣ нависед.

## ДАРСҲОИ 32 – 33

## АДАБ БО ПАДАРУ МОДАР

Фарзанд бояд падару модарро ҳурмат кунад. Барои чизу моли дунё бо онҳо баҳсу мунозира накунад. Хизмат, ки кард, миннат накунад. Ба рӯйи онҳо ба қаҳр нигоҳ нанамояд. Вақте ки ӯро даъват кунанд, зуд ба хизмати онҳо бирасад. Бо онҳо бо рӯйи кушод ва чеҳраи шод мулоқот намояд. Ҳар коре фармоянд, ки ба зарару зиёни кас набошад, иҷро кунад. Дар мулоқот бо онҳо овоз баланд накунад. Бе иҷозати онҳо ба сафар наравад, дар талаби хушнудии онҳо бошад.

**Машқи 1.** Матнро хонед. Мувофиқи нақша мазмуни онро нависед.

*Нақша:* 1. Бо кӣ баҳс накунем?
2. Хоҳиши падарро чӣ хел бояд иҷро кард?
3. Дар мулоқот бо падару модар ба чӣ бояд эътибор дод?
4. Падару бобоятон ба шумо чӣ насиҳат мекунанд?

**Супориш:** Шарҳи калимаҳоро хонед:

**мубоҳиса** – дар бораи чизе баҳс кардан.

**миннат** – ба касе некӣ карда онро ба ёди вай овардан.

**мулоқот** – вохӯрӣ, якдигарро дидан, сӯҳбат, сухан гуфтан.
**зиён** – зарар.
**хушнуд** – хурсанд, шод, розӣ.
**ризо** – қонеъ будан, қаноатманд будан, розӣ будан.

**Машқи 2.** Хонед, мазмуни матнро нақл кунед. Калимаҳоеро, ки ба саволҳои **«кӣ?»** ва **«чӣ?»** ҷавоб мешаванд, нависед.

*Намуна*: Кӣ? – падар, …          Чӣ? – дунё, …

**Супориш:** Нависед, ба имлои калимаҳо эътибор диҳед: **даъват, аввал, миннат, ӯро, баҳс, гиёҳ, бӯй, ҷӯйбор.**

**Машқи 3.** Нависед:

**Дилбар** – хушрӯй, табъи дил
**Наргис** – чашм, як навъи гул
**Парвин** – ситора, номи сайёраи осмон.
**Зебо** – хубрӯй, дилкаш, базеб.
**Саодат** – бахт.
**Латофат** – покӣ, покизагӣ, маъқул.

**Супориш:**
1. Чаро номи духтарон бо ҳарфи калон навишта шудааст?
2. Ду-се ҷумла тартиб диҳед, дар ҷумлаҳоятон номи духтаронро истифода баред.
3. Номи модар, хоҳар ё апаатонро истифода карда ҷумла созед.

## ДАРСҲОИ 34 – 35

## ДӮСТИ ҲАҚИҚӢ КИСТ?

Ба гуфтаи Ҳусайн Воиз, агар дӯсти содиқу вафодор ва ҳақиқӣ ба дастояд, ба вай чунин рафтор кардан лозим аст:

Кас бояд аз чунин дӯст молу чизро дареғ надорад. Ба ӯ ҳамин қадар чиз диҳад, ки ҳоҷаташ барояд. Розу сирри ӯро ба касе нагӯяд. Айбашро ба мардум нагӯяд,

вале ба худи ӯ гуфтан лозим аст, ки аз пайи ислоҳи он шавад. Суханашро бо диққат гӯш кунад. Бар суханони вай эътироз накунад, айб начӯяд. Дар ғайби ӯ ҳурматашро нигоҳ дорад. Агар лозим шавад, ба ӯ насиҳат кунад, аммо бе дуруштиву дағалӣ ва бе сухани сахт. Ба ӯ хизмат нафармояд, ба шодиаш шодӣ кунад, дар ғамаш малӯл бошад. Аввалин шуда ба вай салом диҳад. Дар миёни сухани вай сухан накунад. Ҳар чизеро, ки бо худ намеписандад, ба вай ҳам раво набинад. Бо душманони ӯ дӯстӣ ва бо дӯстонаш душманӣ накунад.

Ҳусайн Воиз дар зиндагӣ мақоми дӯстиро хеле баланд dониста, дар олам ҳеҷ саодатеро ба ёри некӯ баробар намедонад.

Эй дӯст, бирав, ба ҳар чӣ дорӣ,
Ёре бихару ба ҳеҷ мафрӯш.

**Савол ва супориш:**

I. Ба саволҳо ҷавоб гӯед:
1. Дӯсти ҳақиқӣ кист?
2. Дӯстӣ чӣ гуна қоидаҳо дорад?
3. Қоидаҳоро нависед, аз ёд кунед.
4. Одоби дӯстиро дар синф амалан иҷро кунед.

II. Шеърро аз ёд кунед.

**Луғат:** **дареғ** – ҳайф.
**хоҷат** – эҳтиёҷ, зарурат.
**эътироз** – норозигӣ, рад кардан.
**дурушт** – дағал, нохуш.
**малӯл** – хафа, ғамгин, зиқ.

**Машқи 1.** Калимаҳоро хонед ва интихобан аз онҳо ҷумла созед: *мукофот, тӯҳфа, ҳадя, вафо, айб, насиҳат, дағалӣ, сухан, салом, ҳурмат.*

*Намуна:* Барои дӯст китоб беҳтарин тӯҳфа аст.

**Супориш:** Ин калимаҳоро нависед: **айбҷӯ, мӯҳтоҷ, тӯҳфа, ҳадя, ҳайф, аввал, малӯл.**

**Машқи 2.** Ба ин калимаҳо ҳаммаъно ёбед: *дӯст, вафо, шодӣ, олам.*

**Супориш:** Ба калимаҳои **рафиқ, ҷаҳон** ҷумла созед, дар ҷумлаатон ба зери калимаҳои ба саволи **«кӣ?», «чӣ?»** ҷавобшаванда, хат кашед.

**Машқи 3.** Дар хона оид ба мавзӯи «Паррандагон – дӯстони мо» иншои мухтасар нависед.

Иншоро ин тавр сар кунед: Дар табиат паррандагони гуногун мавҷуданд.

**Супориш:** Ин шеърро аз ёд кунед:

Дӯст он набвад, ки дар неъмат занад
Лофи ёрию бародархондагӣ.
Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст,
Дар парешонҳолию дармондагӣ.

*Саъдӣ*

## ДАРСҲОИ 36 – 37

## ОДОБИ СУХАНГӮӢ

Бо лутф сухан гӯед. Дар вақти сухан гуфтан туршрӯй не, балки хандону шукуфон бошед. Сухан судманду форам набошад, онро ба забон наоред. То аз шумо напурсанд, сухан нагӯед. Дар сухан гуфтан овоз баланд накунед. Дар сухангӯӣ ба чапу рост нигоҳ накунед. Дар рӯйи шунаванда сухани сахт нагӯед. Барои он ки пушаймон нашавед, аввал фикр карда, баъд сухан

гӯед. Бисёр сухан нагӯед, ки нишонаи камақлист.

**Саволҳо:**

1. Ҳангоми сухан гуфтан ба чӣ эътибор додан лозим?
2. Барои он ки дар сухан гуфтан пушаймон нашавед, чӣ бояд кард?
3. Бисёр сухан гуфтан нишонаи чӣ аст?

**Супориш:**

1. Матнро хонед, ба саволҳо ҷавоб диҳед.
2. Шарҳи калимаҳоро хонед, дар хотир нигоҳ доред:

**лутф** – сухани зебо, пурмазмун; **форам** – ширин;
**туршрӯ** – бадқавоқ, норозӣ; **судманд** – фоиданок;
**қатъ** – суханро буридан, кандан.

**Машқи 1.** Калимаҳоро нависед: **рӯй, лутф, табассум, аввал, қатъ, судманд.**

**Супориш:**

1. Аз калимаҳои **лутф, табассум** истифода бурда ҷумла созед.
2. Калимаҳоро муқоиса кунед:

*баланд* – паст, *кам* – зиёд, *ширин* – талх, *сахт* – нарм.

**Машқи 2.** Ҳикоятро хонед, мазмунашро шарҳ диҳед. Гӯед, ки ҷавоби Бузургмеҳр ба шумо маъқул аст?

Як гурӯҳи олимони Ҳинд дар бораи сифатҳои Бузургмеҳр сӯҳбат мекарданд. Дар охири сӯҳбат айбашро наёфта, касе аз олимон гуфт: Дар сухан гуфтан бисёр меистад. Шунавандаро бисёр мунтазир мекунад. Кас ба сухан гуфтан интизорӣ мекашад.

Бузургмеҳр шунид ва гуфт:

Андеша кардан, ки чӣ гӯям, беҳ аз пушаймонӣ, ки чаро гуфтам.

**Машқи 3.** Нақшаи ҷумлаи «Бузургмеҳр шунид ва гуфт»-ро кашед.

## ДАРСҲОИ 38 – 39

## ОДОБИ ТАОМ ХӮРДАН

Одоби таом хӯрдан аз инҳо иборат аст:

Аввал луқмаи ҳалол пайдо кардан ва баъд шукри вайро ба ҷо овардан лозим аст. Пеш аз таомхӯрӣ даст шустан ва ба дасти рост хӯрдан. Хӯрокро аз пеши худ хӯрдан. Дар луқмаи касе нигоҳ накардан. Луқмаи аз даст афтодаро пок карда хӯрдан. Дар вақти хӯрдани таом такя накунед ва гап назанед ва баъд аз таом хӯрдан даст шӯед.

Одоби ҳурмати таом он аст, ки вақти хӯрдан сарро нахоред, биниро пок накунед. Дар даҳон таом бошад, бо касе гап назанед.

Ҳикмати таом хӯрдан ин аст, ки луқма хурд гирифта шавад; онро хуб хоед; бисёр нахӯред; агар сер бошед, дигар нахӯред.

**Супориш:** 1. Шарҳи калимаҳоро хонед:

**луқма** – як миқдор хӯрданӣ, ки дар даҳон меғунҷад.
**пок** – тоза, соф, беолоиш.
**таом** – хӯрок, чизи хӯрданӣ.
**ҳаким** – доно, соҳиби ҳикмат, олим.
**ошомидан** – нӯшидан, хӯрдан.

2. Калимаҳоро нависед: **Эҳтиёт, беайб, таом, хӯр, ошомидан**.

**Машқи 1.** Матнро бори дигар хонед, калимаҳои ба саволи «**кӣ?**», «**чӣ?**» ҷавоб шавандаро нависед.

*Намуна*: Кӣ? – инсон, …
Чӣ? – таом, …

**Супориш:**

1. Бо истифода аз ин калимаҳо ҷумлаҳо созед: **эҳтиёт, таом, риоя, луқма.**

*Намуна:* Одоби таом хӯрданро риоя кунед.

2. Калимаи муқобили **доно нодон** аст. Шумо калимаи муқобили **шитоб**-ро ёфта нависед:

**Доно** – нодон. **Шитоб** –

**Машқи 2.** Ба ин калимаҳо ҳаммаъно ёбед:

**ташвиш**, .... **ҳаким**, ....

**ҳикмат**, .... **адаб**, ....

*Намуна*: **ташвиш** – парешонӣ, ноорромӣ.

**ҳикмат** – дониш, хирад, тадбир.

**Супориш:** 1. Ба калимаҳои машқи 2 савол гузоред.

Кӣ? – ҳаким, ...

Чӣ? – адаб, ...

2. Аз ҳарфҳои калимаи **донишманд** истифода карда, калимаҳои нав созед.

*Намуна*: Донишманд – дандон, ....

**Машқи 3.** Ҷавоби саволҳоро аз мазмуни матн ёфта нависед:

1. Пеш аз таом хурдан чӣ кор кардан лозим?
2. Одоби хурмати таом хӯрдан чист?
3. Луқмаи ҳалол хӯрдан чӣ маъно дорад?

**Супориш:** Дар мавзӯи одоби таом хӯрдан саволу ҷавоб кунед.

## ДАРСҲОИ 40–41

## ХИСЛАТҲОИ ХУБИ ИНСОН

Бо меҳнати ҳалоли худ зиндагӣ кунед. Ҳунари худро хор накунед. Ӯро дӯст доред. Бе нуқсону фиреб кор кунед. Ба халқ некӣ кунед. Касеро ғайбату тӯҳмат накунед. Ба ҷойи нопок наравед. Илм омӯзед. Хоксору фурӯтан бошед.

Одоби сухан гуфтан, нишастан, таом хурдан, об нӯшидан, салом карданро риоя кунед. Сӯҳбат бо некон кунед. Ҳасади касеро нахӯред. Ба молу чизи одамон ҳарисӣ накунед. Эҳтироми устод, падару модарро ба ҷо оред. Одоби рафтор дар кӯча, шаҳр ва деҳотро риоя кунед.

**Супориш:** Аз рӯйи мазмуни матн иншо нависед.

*Нақшаи иншо*:

1. Хислатҳои хуби инсон.
2. Ҳурмати падару модар ва муаллим.
3. Одоби байни мардум.

2. Калимаҳоро нависед ва савол гузоред: *нуқсон, фиреб, некӣ, тӯҳмат, ҳурмат, риоя, кӯча, омӯзед.*

**Машқи 1.** Матнро хонед. Гӯед, ки чӣ гуна одам хислатҳои нек дорад? Барои соҳиби хислатҳои нек шудан чӣ кор кардан лозим аст?

**Супориш:** 1. Ба ин калимаҳо савол гузоред ва шарҳ диҳед: **инсон, халқ, кор, одоб, устод, падар, модар, кӯча, шаҳр, деҳот.**

2. Бо ифодаҳои **саъю кӯшиш, иззату эҳтиром, илму адаб** ҷумла тартиб диҳед ва нависед.

3. Хонед.

## ОДОБИ ШОГИРДӢ

Шогирд бояд росткор бошад. Аз сидқи дил ба устоди худ хизмат кунад. Ба ҳеҷ кас ҳасад набарад. Бахилӣ накунад. Бо ҳамдарсони худ тифоқ бошад. Бо зӯрӣ ва дониши худ мағрур нашавад. Аз шикаст хӯрдани рақибаш дилхушу хурсанд нагардад.

**Супориш:** 1. Ин калимаҳоро нависед: **шогирдӣ, бахилӣ, зӯрӣ, мағрур, тифоқ, дилхуш.**

2. Калимаҳоро таҳлил кунед: **росткор, тифоқ, мағрур, дилхуш, шогирд**.

**Машқи 3.** Агар касе аз шумо пурсад, ки дар кучо мехонед ва чӣ хел мехонед, чӣ ҷавоб медиҳед? Ҷавоби худро аввал даҳонӣ баён кунед, баъд хаттӣ нависед.

Ҷумларо ин тавр сар кунед: Ман дар ....

## ДАРСҲОИ 42 – 43

## ГУНҶИШК

Рамаи гӯсфандон аз кӯҳ поён мефаромад. Банохост аз осмон уқобе парида омаду барраеро бардошта бурд. Гунҷишкаке ин воқеаро мушоҳида мекард. Ӯ ба худ гуфт: Чаро ман ҳам уқоб барин накунам. Барра чӣ гӯсфанди калонро бардошта мебарам. Гунҷишк парида баландтар баромад, қанотҳояшро ғунча карда, худро поён андохт. Кор бо ҳамин анҷомид, ки гунҷишк омада ба шохи гӯсфанд зад ва ҷо ба ҷо мурд.

**Супориш:**

I. Хонед. Аз рӯйи мазмуни матн нақл нависед.

*Нақшаи нақл*:

1. Уқоб чӣ кор кард?
2. Гунҷишк аз амали уқоб ба чӣ хулоса омад?
3. Амали гунҷишк ба чӣ анҷомид?

II. Пандҳоро хонед:

1. Аввал андеша, баъд гуфтор.
2. Коре, ки аз дастатон намеояд, накунед.
3. Одами боандеша ҳамеша ба сари баланд зиндагӣ мекунад.

**Супориш:**

1. Шакли танҳои ин калимаҳоро ба шакли ҷамъи онҳо муқоиса кунед: **кӯча, мактаб, олим, муаллим, чароғ.**

*Намуна*: ***чароғ*** – чароғҳо.

2. Шакли ҷамъи ин калимаҳоро худатон нависед:

| | |
|---|---|
| китоб - … | меҳмон - … |
| бача - …. | роҳ - …. |
| рӯз - …. | хат - … |

**Машқи 2.** Хонед:

**равшанӣ** – муқобили **торикӣ.**
**хуб** – муқобили **бад.**
**хирад** – муқобили **бехирад.**
**бофарҳанг** – муқобили **бефарҳанг.**
**пок** – муқобили **нопок.**

**Супориш:** Нишонаҳои боодобӣ ва беодобиро дар рафтору кирдори худатон ва рафиқонатон муайян кунед.

## ДАРСҲОИ 44–45

## МЕҲРИ ДЕҲА

Ман деҳаи хурдакаки худро хеле дӯст медорам. Деҳаи моро аз чор тараф кӯҳҳои осмо… сарбафалаккашида печонидаанд. Баҳору т… деҳаи мо назаррабост. Ҳама ҷой бо қолини с… дарахтон ғарқи гулу мева. Кӯҳу ёла ҳам… шохсорон навои кабку булбул ба гӯш ме… деҳа дарёи пурмавҷи Зарафшон ҷори… софу зулол дорад…

Кӯҳу дамани деҳи мо боз ҳам …ум, кӯҳҳои Сангистон растаниҳои доруворӣ…ум, Мо, бачагон, ҳамин ки моҳҳои май-…дум, кӯҳҳо баромада, растаниҳои шиф…ндум,

Ин ганҷинаи бебаҳои деҳа… гандум, ҳам мо кӯшиш мекунем, ки ин … гандум.

нобуд нашаванд. Мо тамоми фасли сол ин растаниҳоро эҳтиёт ва парвариш мекунем. Пеш аз гулкунӣ ва нопухта кандани гулу гиёҳҳоро мо қатъиян манъ кардем. Вақти ҷамъоварӣ ҳеҷ гоҳ гиёҳҳоро бо реша намеканем.

**Супориш:**

1. Чаро деҳаатонро дӯст медоред?
2. Кадом растаниҳои доруворириро медонед?
3. Чаро нопухта кандани гиёҳҳо қатъиян манъ аст?

**Супориш:** 1. Шарҳи калимаҳоро хонед:

**наво** – садо, овоз, нағмаи кабку булбул, навои танбӯр.
**даман** – домани кӯҳ, майдон.
**ганҷ** – санги қимматбаҳо, зар.
**шифо** – растаниҳои давоӣ, даво.

2. Ин калимаҳоро нависед ва имлои онҳоро шарҳ диҳед: *Кӯҳҳо, осмонбӯс, назаррабо, рӯйпӯш, ҷамъ, кӯшиш, эҳтиёт, гиёҳ, қатъиян, манъ, кабк.*

**Машқи 1.** Ибораҳоро нависед ва шарҳ диҳед: **кӯҳҳои**
Супори **қолини сабз, ғарқи гул, навои булбул, оби софу**
I. Хонед. **аниҳои шифобахш, ганҷинаи бебаҳо.**
*Нақшаи на*
1. Уқоб чӣ кор ка **ифобахш** ва **ганҷина**-ро ба ҳиҷоҳо ҷудо
2. Гунҷишк аз ама о ба ёд оваред, дар нақша ғунҷонед.
3. Амали гунҷишк б и наздикмаъноро ба қатори худ гузоред:
II. Пандҳоро хон **, офтоб, инсон, дунё, ҷаҳон, сард,**
1. Аввал андеша, баъ **рафиқ, хушрӯ.**
2. Коре, ки аз дастато
3. Одами боандеша ҳа саволҳо ҷавоб нависед:

**Супориш:** кистонро медонед?

1. Шакли танҳои ин калимаҳ
кунед: **кӯча, мактаб, олим;** хшро медонед?

4. Аз паррандаҳо чӣ?

**Машқи 3.** Дар хона дар мавзӯи деҳаи (маҳаллаи) м
нависед.

Нақшаи иншои «Деҳаи ман»:

1. Деҳаи мо.
2. Машғулияти бачаҳо.
3. Кадом гиёҳҳои шифобахшро медонед?
4. Ҷамъоварии растаниҳои шифобахш.

Нақшаи иншои «Маҳаллаи ман»:

1. Маҳаллаи мо.
2. Барои зебоии маҳалла чӣ корҳо кардед ва мекунед?
3. Атрофии мактабатонро чӣ гуна обод кардед?
4. Кадом китобҳоро мехонед?

он»

## ДАРСҲОИ 46–47

### НОНИ ГАНДУМ

I

Нон бувад чун ҷони одам,
Қуввату дармони одам,
Зеби дастурхони одам,
Иззату меҳмони одам,
Мепарастам нони гандум,
Хӯшаи пурдони гандум.

II

Ранҷи деҳқон аст гандум,
Ганҷи деҳқон аст гандум,
Файзи даврон аст гандум,
Номи мардон аст гандум,
Мепарастам нони гандум,
Хӯшаи пурдони гандум.

нобуд
эҳтиёт в
кандани
ҷамъова

С    ори
1. Ча
2. Ка
3. Ча

на

III

Дар баҳорон мекашад сар,
Сабзааш чун нӯги ханҷар,
Хӯшааш чун зулфи духтар,
Донааш ҳамранги ахтар,
Мепарастам нони гандум,
Хӯшаи пурдони гандум.

IV

Орди гандум беҳ аз зар,
Дар сафедӣ шири модар,
Кулчааш чун рӯи дилбар,
Бахри ободии кишвар,
Боз аз сар, боз аз сар,
Мепарастам нони гандум,
Хӯшаи пурдони гандум.

*Ҷумъа Қувват*

**Савол ва супориш:**

1. Шеърро ифоданок хонед ва гӯед, ки дар он сухан дар борaи чӣ меравад?
2. Чаро шоир гандумро аз зар боло гузоштааст?
3. Деҳқон барои чӣ ранҷ мекашад?
4. Шоир нони гандумро ба чӣ муқоиса кардааст?

Аз замин нонрезаҳоро чида мемолам ба чашм,
Нони гарми меҳнатиро дида мемолам ба чашм.

*Мирзо Турсунзода*

**Машқи 1.** Шаш мисраи шеъри «Нони гандум»-ро интихобан нависед ва ба зери номи ашёҳо хат кашед.

**Супориш:** Иборaҳои **ҷони одам, дармони одам, зеби дастурхони одам, ҳамранги ахтар**-ро шарҳ диҳед.

**Машқи 2.** Калимаҳоро хонед:

**дармон** – дору, даво, илоҷ.
**иззат** – эҳтиром, ҳурмат.
**ранҷ** – меҳнат, заҳмат.
**ганҷ** – хазинаи тилло, зар.
**файз** – фаровонӣ, ҳосил.
**даврон** – замон, вақт.
**ханҷар** – корди дудама.
**ахтар** – ситора.
**зар** – тилло.

**Машқи 3.** Дар мавзуи «Нон ҳам нон, нонреза ҳам нон» ҳикояча нависед. Ҳикояро ин тавр сар кунед:

Рӯзе ман …

## ДАРСҲОИ 48-49

### ЗАНБӮР ВА ФАРОШТУРУК

Мегӯянд, ки замоне мор подшоҳи рӯйи замин будааст ва ба занбӯр фармудааст, ки ба ҳамаи махлуқони рӯйи замин нешзада фаҳмад, ки гӯшту хуни кадоми онҳо бамазза аст, то ки баъд подшоҳ онро хӯроки худ қабул кунад.

Рӯзе занбӯр супориши подшоҳро иҷро карда рафта истода буд, ки ар роҳ бо фароштурук вохӯрд.

— Ҳа, занб ир - гуфт фароштурук, - куҷо ин қадар шитоб мекунӣ а ч

— Назди уру шоҳ хабар мебарам.

— Чӣ хаб ба х

— Медо хона ушту хуни инсон бисёр бамазза будааст, бар аргӯшак подшоҳамон хеле мувофиқ аст.

Фарош атро харобу …

— Канӣ, боз як бор такрор кун, - гуфт.

— Ҳамин ки занбӯр такрор кард, фароштурук бо думи қайчимонандаш забони занбӯрро бурида партофт ва ӯ гунг шуд. Вақте ки занбӯр ба пеши мор-подшоҳ омад, ғингос мезаду чизе гуфта наметавонист.

Аз ҳамон замон фароштурук дар хонаи одамон лона месозад ва одамон вайро муҳофизат мекунанд.



**Савол ва супориш:**

1. Ҳикояро хонед мазмуни онро нақл кун...
2. Подшоҳи рӯйи замин мор ба занбӯр ч...армо... ш дод?
3. Занбӯр дар бозгашт бо кӣ рӯ ба рӯ шу... *Ми*...
4. Фароштурук баъди фаҳмидани нияти ба... ...бӯр ... кор кард?
5. Чаро одам фароштурукро муҳофиза... «Ноа...

...ёхо ха...

**Машқи 1.** Ҳаммаънои ин калима... ... ...нависед: **замон, супориш, инсон, хеле. ...им, дармо...**

*Намуна*: ***инсон*** – одам. ...ар-ро шарҳ д...

**Машқи 2.** Бо калимаи фароштурук ҷумла созед.

**Машқи 3.** Пандро рӯбардор намоед ва ба калимаҳои **Луқмон** ва **адаб** саволҳои мувофиқ гузоред:

Луқмонро гуфтанд, ки адаб аз кӣ омӯхтӣ?

Гуфт: — Аз беадабон. Ҳар чӣ аз эшон дар назар писанд наомад, аз феъли он парҳез кардам.

*Саъдӣ*

**Луғат:** **эшон** – онҳо.
**парҳез** – худдорӣ.
**феъл** – одат, кирдор.

## ДАРСҲОИ 50 – 51

### АЗ ҲАМА ЗӮР
### (Афсона)

Буд набуд, як харгӯшак буд. Харгӯшак доною зирак буд ва ҳамеша хушу хуррам рӯз мегузаронд. На аз гург метарсид, на аз паланг, на аз шеру на аз рӯбоҳ. Аммо даррандаҳо ҳамеша пайт мепоиданд, ки харгӯшакро ба чанги худ даровардa нӯши ҷон кунанд.

Вале ин кори осон набуд. Харгӯшак аз касеву чизе наметарсид. Вай ҳамеша чӣ кор кардану чӣ гуфтанашро хуб медонист.

Шаб буд. Барфи лак-лак меборид. Шамоли тунд мевазид. Шеру хирс, гургу паланг, рӯбоҳу шағол гурусна монда, худро ба чор тарафи беша мезаданд, то ягон чиз ёфта, шиками гуруснаи худро ором кунанд. Ана дар ҳамин шаб онҳо як-як ба хонаи харгӯшак омаданд. Аввал рӯбоҳ омад. Вай дари хонаи харгӯшакро кӯфта гуфт:

— Ҳой, харгӯшак, дарро кушо, ки камтар гарм шавам, вагарна хонаатро харобу худатро як луқмаи хом мекунам!

Харгӯшак бошад, гуфт:

— Меҳмон дорам, оғо!

— Кист меҳмони ту? – ба ғазаб омада пурсид рӯбоҳ.

Харгӯшак ҷавоб дод:

— Меҳмони ман гург аст!

Номи гургро шунида рӯбоҳ гурехта рафт.

Вале дере нагузашта худи гург омад.

— Ҳой тирмизак – гуфт вай – канӣ дарро кушо, камтар гарм шавам!

— Маъзарат, - гуфт харгӯшак, ман имшаб меҳмон дорам. Хонаи ман барои се тан танг аст, оғо.

— Кист меҳмони ту? – ғазаболуд дӯғ зад гург.

— Шершоҳ! – ҷавоб дод харгӯшак.

Номи шерро шунида, гург тарсид, нафасаш гашт. Вай ҳатто аз харгӯшак узр пурсиду оҳистакак рафт.

**Саволу супориш:**

1. Хонед ва мазмуни афсонаро нақл кунед.
2. Харгӯшак чӣ тавр зиндагӣ мекард?
3. Даррандаҳо нисбати харгӯшак чӣ ниятҳои бад доштанд?
4. Кадом даррандаҳо пайи ҳам дари харгӯшакро кӯфтанд ва иҷозати шабгузаронӣ пурсиданд?
5. Ҳар кадом бо чӣ сабаб аз таги дари харгӯшак мерафтанд?
6. Ҷумлаи «Барфи лак-лак меборид»-ро шарҳ диҳед.

**Машқи 1.** Сархати охиринро рӯбардор кунед. Зери номи ҳайвонҳо хат кашед, савол гузоред.

**Машқи 2.** Калимаҳои **шершоҳ** ва **харгӯшак**-ро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.

**Машқи 3.** Гургу шер ҳайвонанд, уқобу кабӯтар парранда мебошанд. Паррандаю ҳайвонҳоро бо як калима чӣ мегӯем?

## ДАРСҲОИ 52–53

Вале як поси шаб дари хонаи харгӯшак боз кӯфта шуд. Ин дафъа худи шер омада буд. Вай дари хонаро лагадкӯб карда, фарёд зад:

— Ҳой гӯшдароз, дарро кушо, ки камтар гарм шавам, вагарна…

Харгӯшак натарсид, вай риштаи сухани шерро бурида гуфт:

— Ман як меҳмони олиқадр дорам, ҳазрат! Хонаи ман барои се тан басо танг аст!

Шер бошад, ранҷида, дар ғазаб шуд ва харгӯшакро дашном дода гуфт:











— Меҳмони ту кӣ будааст?

Бигӯ, ки дафъ шавад, барои ман ҷо холӣ кунад!

— Меҳмони ман ҳазрати одам аст, - ҷавоб дод харгӯшак – Вай ба бешаи мо барои шикор омадааст. Як камони думила ҳам дорад…

Номи одамро шунида ҳанги шер канд. Вай дигар лом нагуфт ва думашро ходакунон гурехта рафт.

Лекин хурсандии харгӯшак дер давом накард. Вай банохост ба ёд овард, ки агар ин лаҳза худи одам омада, дари хонаи ӯро бикӯбад, чӣ кор мекунад, чӣ мегӯяд?

Дар ҳақиқат аз одам зӯртар кист?

**Саволу супориш:**

Мазмуни афсонаро аз аввал ба хотир биёред ва баъд ба саволҳо ҷавоб гардонед:

1. Харгӯшак ба шер чӣ ҷавоб дод?
2. Чаро шер аз шунидани калимаи одам ба воҳима афтод?
3. Барои чӣ хурсандии харгӯшак дер давом накард?
4. Харгӯшак то саҳар фикр кард, вале намедонист, ки аз одам зӯртар кӣ бошад. Шояд шумо, бачаҳо, донед? Биёед, ба харгӯшак ёрӣ расонед.

**Машқи 1.** Ба калимаҳои **харгӯшак**, **шер** ва **одам** савол гузоред ва ба онҳо яктоӣ ҷумла тартиб диҳед. Миқдори калимаҳоро дар ҷумлаҳо ба нақша мувофиқ намоед.

1. ___ ___ ____ __ .
2. ___ ___ ____ ___.
3. ___ ___ ___ ___ ___ __?

## ДАРСИ 54

## ИМЛО ВА ҶАМЪБАСТ

## ЧОРЯКИ – III –

# 7. ҲАРАКАТ ВА АМАЛИЁТИ ОДАМОН ВА АШЁҲО

## ДАРСҲОИ 1–2

### ФОИДАИ САФАР

Донишмандон саломатӣ ва сиҳатии ҷисмро ба табдили бӯду ҳаво вобаста медонанд. Тибби имрӯза низ инро эътироф мекунад. Инсон ҳар гоҳ дар як макон сокин бошад, сусту заиф шуда, ба беморӣ гирифтор мешавад. Фоидаи саёҳат, зиёрати ҷою маконҳои муқаддас, сӯҳбат бо аҳли илму маърифат андӯҳи рӯзгорро аз сар дур месозанд. Кас агар сафар карда, мусофириро аз сар гузаронида бошад, ғарибию ғарибонро беҳтар мефаҳмад. Дар сафар баъзе шартҳое ҳастанд, ки онҳоро донистан хуб аст: рафиқи хубу мушфиқ ҳамроҳ доштан. Ӯро ҳурмат кардан. Некӯ ва кушодарӯй будан, ҳазлу шӯхӣ кардан. Ҳамроҳ қаламу давот, офтоба, косаву корд, микроз, сӯзан, поку, гӯгирд доштан.

**Луғат:** **табдил** – иваз.
**заиф** – нотавон, беқувват.
**микроз** – қайчӣ.

**Саволҳо:**

1. Саломатии инсон ба чӣ вобаста аст?
2. Саёҳат ба одам чӣ фоида меоварад?
3. Дар сафар кадом шартҳоро ба эътибор гирифтан зарур аст?
4. Чаро дар сафар рафиқи хубу мушфиқ доштан лозим аст?

**Супориш:**

1. Шарҳи ин калимаҳоро хонед:

**эътибор кардан** – қабул кардан, розӣ шудан.

**сокин будан** – ором будан, бехаракат.
2. Калимаҳоро нависед: **рӯй, сӯзан, поку, гӯгирд, саёҳат.**

**Машқи 1.** Матнро хонед, калимаҳоеро, ки ба саволҳои *чӣ кор кард? чӣ кор мекунад?* ҷавоб мешаванд, нависед: **рафт, хонд, гуфт, менависад.**

*Намуна*: **мехонад.**

Чӣ кор кард? – хонд, … Чӣ кор мекунад? – мехонад, …

Ҳаракат ва амали одамон ва ашёҳо ба саволҳои *чӣ кор кард?, чӣ кор мекунад?, чӣ шуд?* ҷавоб мешаванд.
*Чӣ кор кард?* – **рафт**. *Чӣ кор мекунад?* – **мехонад**. *Чӣ шуд?* – **сар шуд**.

**Супориш:**

1. Шеърро хонед, аз ёд кунед.

**Рӯи олам дидан одам дидан аст,**
**Неку бадро дар ҷаҳон санҷидан аст.**

2. Дар ин шеър муқобилмаъноии калимаи **нек** кадом аст?
3. Кадоми ин калимаҳо ба саволи «*чӣ кор кард?*», «*чӣ кор мекунад?*» ҷавоб мешавад? – **гирифт, навишт, мепазад, мерезад, хунук мешавад.**
4. Шарҳи калимаҳои матнро хонед:

**Заиф шудан** – суст, нотавон шудан.
**Одами муқаддас** – одами пок, азиз ва боэҳтиром.
**Одами бомаърифат** – шахси соҳиби илму дониш.
**Шахси мушфиқ** – одами ғамхор, меҳрубон.

5. Шарҳ ва маъноюю ҳарфҳои калимаи **сафар**-ро нависед:

С – саҳархез будани мусофир.
Ф – фоида, саҳар хестан фоида меорад.
Р – ризо будан ба ҳар чизе, ки дар сафар ба ӯ мерасад, роҳ паймудан.
А – амал, ҳаракат кардан саломатиро мустаҳкам мекунад.

**Машқи 2.** Аз рӯйи мазмуни расм ҳикояча нависед. Дар он ибораҳои **доманаи кӯҳ, манзараи зебо, галаи гӯсфандон, ҷойи оббозӣ, дӯстони наздик**-ро истифода баред.



**Супориш:** Дар зери калимаҳое, ки ба саволҳои *«чӣ кор кард?»*, *«чӣ кор мекунад?»*, *«чӣ шуд?»* ҷавоб мешаванд, хатча кашед.

## ДАРСҲОИ 3–4

## ОДОБИ ҚАБУЛИ МЕҲМОН

Одоби қабули меҳмон ва ба меҳмонӣ рафтан, ки Ҳусайн Воиз тавсия кардааст, ҳамон расму одати деринаи халқи мо мебошад, ки дар тӯли асрҳо риоя карда мешаванд. Вале дар пешниҳодоти Ҳусайн Воиз шартҳое

ҳастанд, ки на ҳамаи мизбонону меҳмонон тамоми нозукиҳои онҳоро дуруст риоя мекунанд.

Ин шартҳо чунинанд: мизбон ба меҳмон бояд таоми ҳалолу покиза диҳад. Меҳмонро хуш пешвоз гирифта, дар ҷойи озода шинонад. Бо меҳмон кушодарӯю хандон бошад. Ҳарчанд меҳмон зиёд ояд, рӯй турш накунад. Меҳмони нохондаро бештар ҳурмат кунад. Хасисӣ накунад. Ҳар неъмате, ки дар хона мавҷуд бошад, ба назди меҳмон гузорад.

**Саволҳо:**

1. Кадом расму одат асрҳо боз дар байни мардуми мо риоя карда мешаванд?
2. Имрӯз он ҳама нозукиҳои қабули меҳмон риоя карда мешаванд?
3. Меҳмонро чӣ тавр қабул кардан лозим аст?
4. Агар меҳмони даъват нашуда ояд, чӣ хел рафтор кардан лозим аст?
5. Рӯзе, ки хонаатон меҳмон ояд, шумо чӣ кор мекунед?

**Супориш:** Калимаҳоро хонед, савол гузоред: *рафт, хӯрд, хонд, овард, расид, навишт, баромад.*

*Намуна*: чӣ кор кард? – хонд, …

**Машқи 1.** Ба ин саволҳо ҷавоб диҳед ва нависед:
1. Меҳмон кист ва ӯ чӣ кор мекунад?
2. Мизбон кист?
3. Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар бораи қабули меҳмон чӣ тавсия кардааст?

*Намуна*: 1. Меҳмон чӣ кор мекунад? – ***меояд, мешинад, сӯҳбат мекунад,*** …

**Супориш:**

1. Амалҳоро муқоиса кунед:

гуфт – нагуфт, хӯрд – нахӯрд,
дид – надид, хонд – нахонд.

2. Хонед, ба амали ашёҳо диққат диҳед:

Кабӯтар чӣ кор мекунад? – мепарад, парвоз мекунад.
Мор чӣ кор мекунад? – мехазад, …
Харгӯш чӣ кор кард? – гурехт, …

**Машқи 1.** Ба ин саволҳо ҷавоб нависед:

1. Мизбон чӣ кор кард? -
2. Падар чӣ кор мекунад? –

*Намуна*: Мизбон чӣ кор кард? – пешвоз гирифт, шинонид, рӯй турш накард, …

**Супориш:**

1. Калимаҳои **гирифт, накард** ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд?
2. Ҷумлаи аввали сархати дуюми матнро хонед. Калимаҳоеро, ки, ба саволҳои «*кӣ?*», «*чӣ?*» ва «*чӣ кор мекунад?*» ҷавоб мешаванд, пайдо кунед.
3. Калимаҳои зеринро нависед, савол гузоред: **мехӯрад, месарояд, шунид, мехобад, менависад.**

**Машқи 3.** Аз мушоҳидаатон дар мавзӯи «Одоби қабули меҳмон» ҳикояча нависед.

Ҳикояи худро ин тавр сар кунед.

Рӯзи ҷумъа ба хонаи мо меҳмон омад. Меҳмон рафиқи падарам будааст …

## ДАРСҲОИ 5–6

### ЭҲТИРОМИ ПАДАРУ МОДАР

Фарзанд вазифадор аст, ки ба падару модари худ бо лутфу меҳрубонӣ сухан гӯяд. Ҳаргиз ба онҳо сухани сахту дурушт нагӯяд. Назди онҳо суханро дароз накунад. Бачаҳо ба падару модари худ густохӣ накунед. Дар миёни сухани онҳо сухан нагӯед. Гуфтаҳои падару модарро рад накунед. Нисбати онҳо раҳмдил бошед. Ба шодии онҳо шод шавед. Орзу ва майлу хоҳиши онҳоро фаҳмида барои иҷрои он кӯшиш кунед. Чун бемор шуданд, дорую даво ва табиб ёфта, роҳи шифои онҳоро пайдо намоед. Гарчанде аз онҳо сахтию душвориҳо кашед, бояд ба рӯйи онҳо ба ғазаб нанигаред. Ба ҳама рафторҳои неку бади онҳо сабр кунед. Зеро сабр камоли имон ва хирад аст.

**Савол ва супориш:**

1. Агар тарбияи падар ва модар намебуд, шумо чӣ тавр зиндагӣ мекардед?
2. Сабаб чист, ки баъзеҳо падару модари худро эҳтиром намекунанд?
3. Матнро хонед, мазмуни онро нақл кунед.

**Машқи 1.** Ба саволҳо бо як-ду калима ҷавоб нависед:

1. Чӣ хел бачаро боодоб мегӯянд? -
2. Муносибати шумо бо бачаҳои беандеша чӣ хел аст? –
3. Тозаю озодагии инсон чӣ аҳамият дорад? –
4. Ба рафтори бади баъзе бачаҳо шумо чӣ баҳо медеҳад? –

**Супориш:** 1. Шарҳи калимаҳоро хонед:

**лутф** – нармӣ, форам; **густохӣ** – бешармӣ, беадабӣ;
**мақсуд** – ниятҳо, мақсадҳо; **сабр** – тоқат.

2. Кадоме аз ин хислатҳо сабаби шодӣ ва кадомашон сабаби ранҷиши волидон мегарданд? – **софдил, покviҷдон, меҳрубон, раҳмдил, фиребгар, нопок, кинагир, дурӯя, дағал.**

*Намуна*: Хислатҳои нек: раҳмдил, …

Хислатҳои бад: дағалӣ, …

**Машқи 2.** Ба ивази калимаҳои **некӣ, зулм, сабр, меҳрубон** чӣ гуфтан мумкин аст?

*Намуна*: сабр – тоқат, …

Меҳрубон – ғамхор, …

**Супориш:** Бо калимаҳои зерин ҷумла тартиб диҳед: **некӣ, сабр, меҳрубон**. Ба ҳаракати одамон савол гузоред.

## ДАРСҲОИ 7–8

## НОНИ ИСТИҚЛОЛ БОМАЗЗА АСТ

Рӯзе як марди сарватманд шахси доноро ба назди худ хонда гуфт:

— Ту марди оқилу зирак ҳастӣ, аммо камбағалона умр ба сар мебарӣ. Ман ба ту некӣ кардан мехоҳам! Ту ба даргоҳи ман биё ва дар хизмати ман бош. Ин ҷо обу нони фаровон хоҳӣ ёфт!

Мард гуфт:

— Бале, ин ҷо неъмати фаровон хоҳам ёфт, лекин озодии худро гум хоҳам кард. Ҳеҷ неъмат аз истиқлол беҳтар нест! Нони истиқлол бомазза, ҳалол, беминнат ва зиёд аст. Нони бандагӣ ҳамеша сахту туруш аст. Аз гулӯи ман ба сахтӣ мегузарад.

**Саволҳо:**

1. Чаро марди сарватманд шахси доноро ба наздаш даъват кард?
2. Сарватманд ба марди доно чиҳо гуфт?

3. Марди оқил ба сарватманд чӣ ҷавоб дод?
4. Барои истиқлолият ва ободии Ватан чиҳо бояд кард? Ҷумлаи «Нони бандагӣ ҳамеша сахту туруш аст»-ро шарҳ диҳед.

**Супориш:** Пандҳоро хонед, ба ёд гиред.

1. **Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад,**
**Агар хоре бувад, гулдаста гардад.**

*Саъдии Шерозӣ*

2. **Аз бекор ҳама безор.**

**Саволҳо:** Ба ин саволҳо ҷавоб гӯед:
1. «Ҳеҷ неъмат аз истиқлол беҳтар нест» чӣ маъно дорад?
2. Фарқи меҳнати ҳалол аз ҳаром дар чист?

**Машқи 1.** Матнро бори дигар хонед, калимаҳоеро, ки ба саволҳои *чӣ кор кард?, чӣ кор мекунад?, чӣ шуд?* ҷавоб мешаванд, нависед.

*Намуна*: чӣ кард? – **хонд**, …
Чӣ кор кард? – **гуфт**, …

**Супориш:** Шарҳи ин калимаҳоро хонед, ба ёд гиред:
**зирак** – доно; **фаровон** – зиёд, афзун, фузун.

**Машқи 2.** Ин ибораю калимаҳоро истифода бурда, ҷавобан ба саволҳои «*чӣ кор кард?*», «*чӣ кор мекунад?*» ҷумла тартиб диҳед: **ба сар мебарӣ, гумроҳам кард, бирасем, бихонем.**

**Супориш:** Дар матн калимаҳое ҳастанд, ки ба саволҳои «*кӣ?*», «*чӣ?*» ҷавоб мешаванд, онҳоро аз матн ёбед.
*Намуна*: Кӣ? – **мард**, … Чӣ? – **даргоҳ**, …

**Машқи 3.** Ба ин саволҳо ҷавоб гӯед:
1. Сарватманд чӣ кор кард? – …
2. Ӯ киро ба наздаш даъват кард? - …
3. Доно чӣ ҷавоб дод? - …
4. Барои ободии Ватан чӣ бояд кард?

**Супориш:**

1. Шарҳ диҳед: Меҳнат кунӣ, роҳат бинӣ.
2. Аз ҳарфҳои калимаҳои **истиқлол, беминнат** калимаҳои нав созед.

*Намуна*: Истиқлол: лоиқ, қил, исто, …

## ДАРСҲОИ 9–10

### ДАР ВАСФИ ДЕҲҚОН

Он, ки ҳар соат дусад хирворро
Бар Ватан, бар халқ тақдим мекунад.
Он, ки бо ҳурмат, ба ихлоси тамом
Мепарастад зиндагиро, корро.
Саҷда меорад замину обро,
Ҳар ниҳоли пахтаи пурборро, –
Номдорӣ, номдорӣ мекунад.
Аз бузургӣ хоксорӣ мекунад!

*Мӯмин Қаноат*

**Луғат:** **хирвор** – ҳосил, чизи қиматбаҳо
**тақдим** – тӯҳфа
**ихлос** – боварӣ, эътиқод
**саҷда** – таъзим

**Савол ва супориш:**

1. Дар ин шеър сухан дар бораи кӣ меравад?
2. Барои чӣ шоир деҳқонро ин қадар васф мекунад?
3. Бо калимаҳои **деҳқон, Ватан** ҷумлаҳо созед ва нависед.

**Машқи 1.** Ба имлои калимаҳо эътибор диҳед: *деҳқон, халқ, ҳурмат, ихлос, саҷда, хоксорӣ.*

**Супориш:** Ба калимаҳои **мепарастад, пахта, пурбор, номдор, хоксор** калимаҳои ҳаммаъно ёбед.

*Намуна*: ***пурбор*** – ҳосилхез, …

**Машқи 2.** 1. Ба ин ҳаракатҳо савол гузоред: *Тақдим мекунад. Мепарастад. Саҷда меорад. Номдорӣ мекунад. Хоксорӣ мекунад.*

*Намуна:* чӣ мекунад? – хоксорӣ мекунад.

2. Аз ибораҳо истифода карда ҷумлаҳо созед: *Ҳар соат. Ихлоси тамом. Саҷда меорад. Пахтаи пурбор.*

3. Аз ҳарфҳои калимаи **номдор** калимаҳои нав созед.

**Машқи 3.** Ба ин саволҳо ҷавоб диҳед ва муқоиса кунед: Кӯҳ баланд мешавад, теппа чӣ? Осмон баланд аст, замин чӣ? Дарё сероб аст, ҷӯй чӣ? Бачаи аълохон мегӯянд, боз чӣ мегӯянд?

*Намуна:* Кӯҳ баланд аст, теппа паст.

**Супориш:** Шеъри «Дар васфи деҳқон»-ро хонед ва гӯед, ки чаро аввали ҳар як сатри матн бо ҳарфи калон навишта шудааст?

## ДАРСҲОИ 11–12

**Машқи 1.** Ба саволҳо ҷавоб диҳед ва нависед:

1. Пеш аз кӯча баромадан чӣ кор кардан лозим?
2. Аввал ба чӣ бояд назар кунем?
3. Чӣ хел бачаро боодоб мегӯянд?
4. Тозаю озодагии инсон чӣ аҳамият дорад?

**Супориш:** 1. Дар бораи амалу ҳаракати одамон ва ашёҳои шинос ҷумла тартиб диҳед:

— Ҳофиз чӣ кор мекунад? – Ҳофиз месарояд, ….

— Бо қалам чӣ кор мекунанд? – Бо қалам менависанд, …

— Рассом чӣ кор мекунад? –

2. Ба ҳаракат ва амалиёти одамон ва ашёҳо саволҳои мувофиқ гузоред:

Шодӣ ба падараш (…?) ёрӣ мерасонад.

Садбарг хонаро (…?) рӯфт.

Шолӣ даравида (….?) шуд.
Парвина ба дугонааш хат (….?) навишт.

**Машқи 2.** Матни «Боғча»-ро хонед.

## БОҒЧА

Дар боғча дарахтони мевадор мерӯянд. Дарахтони бемева хеле кам аст. Дар боғча гулҳои гуногун кошта шуд. Дар байни гулзор суфача ҳаст. Паррандагони гуногун ба дарахтон мешинанд, ба хониш медароянд. Хониши онҳо ба гӯш форам мерасад. Дар ҷӯйча оби мусаффо ҷорист.

**Супориш:** Ба ин саволҳо аз матни «Боғча» ҷавоби мувофиқ ёбед:

1. Дар боғча чӣ хел меваҳо мерӯянд?
2. Дарахтони бемева чӣ?
3. Дар боғча чӣ кошта шуд?
4. Дар байни гулзор чӣ ҳаст?
5. Паррандагон чӣ кор мекунанд?

**Машқи 3.** Ин зарбулмасалҳоро нависед, аз ёд кунед:

1. Пурдонӣ аз пурхонӣ,
   Камдонӣ аз камхонӣ.
2. Ваъда додӣ, вафо кун,
   Қавл додӣ, иҷро кун.
3. Тифли оқил беҳ зи пири ҷоҳил.

**Супориш:**

1. Ба ин амалҳо саволҳо гузоред: **ваъда додӣ, қавл додӣ, вафо кун, иҷро кун**.

*Намуна*: ваъда додӣ – чӣ додӣ?

2. Калимаҳои зеринро ҷуфт хонед: **хӯрд** – нахӯрд, **доно** – нодон, **дод** – надод, **васеъ** – танг.

## ДАРСҲОИ 13–14

## САЙЁДОН

Сайёдон дар бешазоре бо гурге вохӯрданд. Гурги гурусна ба ғор даромад. Онҳо дар лаби ғор соатҳо интизор шуданд, аммо гург дигар пайдо нашуд.

Сайёде ба хотири ба даст даровардани гург ба ғор даромад, аммо дигар барнагашт. Рафиқонаш хеле интизор шуданд, аммо аз ӯ хабаре набуд.

Ду рафиқ низ аз ақиби рафиқашон ба ғор даромаданд ва диданд, ки каллааш нест. Онҳо ба миён савол андохтанд. Оё сайёд қабл аз ба ғор даромадан калла дошт ё не? Яке мегуфт: ба хаёлам дошт, дигаре мегуфт надошт.

Тани бесарро ба авул оварданд. Воқеаро ҳикоя карданд. Як пири доно гуфт: модом, ки сайёд ба ғор назди гург даромадааст, пас вай аз модар бекалла таваллуд шудааст. Барои ҷавоби саҳеҳтаре назди зани сайёд рафтанд.

— Ман аз куҷо донам, ки шавҳарам калла дошт ё не, … Фақат ба ёдам ҳаст, ки ҳар сол барои худ кулоҳи нав мехарид.

*Расул Ғамзатов*

Луғат: **авул** – деҳа
**саҳеҳ** – аниқ, равшан, фаҳмо, дуруст.

**Саволу супоришҳо:**

I. Ба саволҳо ҷавоб диҳед:

1. Сайёдон дар беша бо чӣ вохӯрданд?
2. Яке аз сайёдон ба куҷо даромад?
3. Гург чӣ хел ҳайвон аст?

4. Ба тани бесари сайёд нигариста пири доно чӣ гуфт?
5. Чаро пир сайёдро «аз модар бекалла таваллуд шудааст» гуфт?

II. Савол ва ҷавобҳоро нависед:
Сайёдон бо чӣ вохӯрданд? – Бо гург.
Занаш дар ҳаққи сайёд чӣ гуфт? – Калла надошт, кулоҳ мехарид.

**Машқи 1.** Аз матн калимаҳоеро, ки амалу ҳаракатро ифода мекунанд, ҷудо карда нависед, савол гузоред.

**Супориш:** Номи умумии ин ашёҳои зеринро муайян кунед: **корд, табар, дос, каланд.**

**Машқи 2.** Ба имлои ин калимаҳо диққат диҳед: *сайёд, сайёдон, гурусна, соат, аммо, диданд, воқеа, ҳикоя.*

**Супориш:** 1. Ба ин иборахо савол гузоред:
**Роҳбарӣ кард. Фирор кард. Даъват намуд. Ҳамла кард.**
2. Ҳаракату амалиёти ашёҳо ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд?
Сайёд чӣ кор кард? – даромад.
3. Зарбулмасалҳоро аз ёд кунед:

I. Сабр кунӣ, аз ғӯра ҳалво мепазад.
II. Бо сухани нағз мор аз хонааш мебарояд.

**Машқи 3.** Ҳаммаънои ин калимаҳоро ёбед: **дод, гирифт, дид, вазид, тохт, ҷаҳид.**
*Намуна*: ***Дод*** – супурд,...

**Супориш:** Бо истифода аз калимаҳои **дод, супурд** ҷумлаҳо созед.
*Намуна*: Одил ба ман китобро дод.
… супурд.

## ДАРСҲОИ 15–16

### МЕҲНАТ ШАРАФ АСТ

Обрӯю шарафи инсон аз кори ӯст. Дар ин бобат мардуми кӯҳистон ҳикояте доранд. Ҷавонмарде дар сояи дарахт нишаста будааст. Аз назди ӯ пирамарде мегузарад. Ҷавонмард аз ҷой бархоста ба пирамард салом мегӯяд. Вале пирамард ба саломи ҷавонмард ҷавоб нагуфта гузашта меравад. Ҷавонмард ҳайрон мемонад. Баъди чанд соат пирамард дар роҳи бозгашт омада ба ҷавонмард салом мегӯяд. Ҷавонмард бо таҳайюр мепурсад, ки чаро аввал ба саломаш ҷавоб нагуфт ва ҳоло худаш омада ба ӯ салом дода истодааст. Пирамард мегӯяд: вақте ки вай аз роҳ мегузашт, ҷавонмард дар сояи дарахт бекор нишаста буд. Ҳоло бошад ӯ заҳмат мекашад ва то бехи дарахт ҷӯй канда истодааст. Ҳар кас, ки меҳнат кунад, ба иззату икром сазовор мешавад.

**Саволҳо:**

1. Чаро пирамард ба саломи ҷавон ҷавоб нагуфт?
2. Ҷавон аз чӣ ҳайрон шуд?
3. Бори дуюм ба чӣ сабаб пирамард ба ҷавон салом дод?
4. Пирамард ба ҷавон чӣ гуфт?
5. Чӣ гуна шахсро одамон иззату икром мекунанд?

**Супориш:** 1. Ба калимаҳои зерин савол гузоред: **нишаст, гуфт, рафт, омад, дод, пурсид, канд.**

2. Шарҳи калимаҳоро хонед:

**таҳайюр** – бо ҳайрат, бо таъаҷҷуб.

**заҳмат** – меҳнати сахт.

**икром** – иззат ва эҳтиром.

3. Шеърро аз ёд кунед.

Ба олам ҳар касе бекор гардад,
Ба чашми аҳли олам хор гардад.

*Садриддин Айнӣ*

Калимаи ҳаммаънои **олам**-ро пайдо кунед.

**Машқи 1.** Ба ин калимаҳо ҷумлаҳо тартиб дода, нависед: **рафт, нишаст, гузашт.**

**Супориш:** 1. Нақл кунед, ки шумо дар хона ба кадом корҳо машғул мешавед?
2. Ба калимаҳои **иззат, шараф, мардум** калимаҳои ҳаммаъно ёбед.

*Намуна*: **шараф** – обрӯ, номус.

3. Ба ин калимаҳо саволҳои мувофиқ гузоред: **хӯрд, хонд, мехӯрад, мехонад, расид, мерасад.**

**Машқи 2.** Ба саволҳо бо 1-2 калима ҷавоб нависед, ҷавоби саволҳоро аз матн ёбед:

1. Кӣ дар сояи дарахт нишаста буд? — *ҷавон.*
2. Аз назди ӯ кӣ гузашт? — *пирамард.*
3. Ҷавон чӣ кор кард? — ….
4. Пирамард барои чӣ ба салом ҷавоб надод? — …
5. Одаме, ки меҳнат мекунад, ба чӣ сазовор мешавад? — ….

**Машқи 3.** Худатонро санҷед. Амалу ҳаракати ашёҳо дода шудааст. Онҳоро ба ду сутун ҷудо кунед: *расм кашид, расм мекашад, суруд мехонд, гуфт, шикаст, хонд, мехонад, салом дод, хабар овард, шунид.*

*Намуна*: чӣ кор кард? – ***гуфт***, …
Чӣ кор мекунад? – ***мехонад***, …

**Супориш:** Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои мувофиқ ёфта, ҷумлаҳоро хонед ва савол гузоред: … шараф аст. …. айб нест. …. ҳама безор. …. офати ҷон аст. …. гул аст. …ганҷ бурдӣ.

Калимаҳо барои истифода: **меҳнат, аз бекор, дасти одам, пурсидан, танбалӣ, ранҷ бурдӣ.**

## ДАРСҲОИ 17–18

### ҲАҚҚИ УСТОД

Ҳаққи устод аз падар беш аст,
В-аз падар устод дар пеш аст.
Гар падар аз ҳаёт баҳра диҳад,
Устод аз наҷот баҳра диҳад.
Гар падар тарбият кунад сад сол,
Нозу неъмат туро диҳад ба камол.
Наравӣ то ба хизмати устод,
Илму ирфон куҷо бигирӣ ёд? ...

*Камолиддин Биноӣ*

**Саволу супориш:**

1. Чаро устод эътибори баланд дорад?
2. Калимаи ҳаммаънои устодро гӯед.
3. Дар васфи муаллим кадом шеърро медонед?
4. Шеърро аз ёд кунед.
5. Шарҳи калимаҳоро нависед:

**ирфон** – донистани илму ҳунар.
**неъмат** – ризқу рӯзӣ, мол, боигарӣ.
**наҷот** – халосӣ, раҳо ёфтан.

**Машқи 1.** Панду ҳикматҳои зеринро маънидод ва аз ёд кунед:

Сӯҳбати ҷонпарвар аст сӯҳбати омӯзгор.

*Саъдии Шерозӣ*

Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

**Супориш:** 1. Шарҳи калимаҳоро хонед:
**ҷонпарвар** – роҳатбахш; **тира** – торик, сиёҳ; **Ҷаҳон** – дунё.

2. Акси маънои ин калимаҳоро гӯед ва маънидод кунед:
**Сиёҳ** – сафед, **баланд** – ...., **ширин** – ..., **рост** – .....

**Машқи 2.** Чистонҳоро хонед, ҷавобашонро ёбед.

Як ҷонваре бидидам,
Аҷаб хуш месарояд.
Сари ғунча нишаста,
Шабро саҳар намояд.

(бул

Як ҷуфт кабӯтари алоянд,
Ҷуфтанд, зи якдигар ҷудоянд,
Парвоз кунанд ба рӯйи дунё,
Аз хонаашон берун наоянд.

(ча

**Супориш:** 1.Шумо боз чӣ хел чистонҳоро медонед?
2. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои мувофиқ гузоред: ... одамизод гул аст. ....чароғи ақл аст. ....офати ҷон аст. ....ҳама безор. Калимаҳо барои истифода: **дасти, дониш, танбалӣ, аз бекор.**
3. Зарбулмасалҳоро хонда маънидод ва аз ёд кунед.
4. Шумо боз чӣ хел зарбулмасалҳоро медонед?
5. Дар сӯҳбат бо рафиқон аз чистону зарбулмасалҳо истифода баред.

**Машқи 3.** Шеъри «Ҳаққи устод»-ро бори дигар хонед, дар хона ба ин саволҳо ҷавоб нависед:
1. Шоир дар бораи шинохтану донистани ҳаққи падар ва устод чӣ мегӯяд?
2. Нозу неъмат, илму ирфон: шоир кадомашро ҷонибдорӣ мекунад, шумо чӣ?
3. Баъзеҳо аз рӯйи боигарии падару модари худ фахр мекунанд, шумо чӣ фикр доред?

## ДАРСҲОИ 19 – 20

### ДАР НАСИҲАТИ ФАРЗАНД

Ҳон, эй писари азизу дилбанд,
Бишнав зи падар насиҳате чанд.
... Дарёб саҳар канори ҷӯйро,
Покиза бишӯй дасту рӯйро.
Кун поку тамиз гӯшу гардан,
К-ин кор зарурат аст кардан.
То он ки ба паҳлӯят нишинанд,
Чирку гили гӯши ту набинанд.
Бо модари хеш меҳрубон бош,
Омодаи хизматаш ба ҷон бош.
Бо чашми адаб нигар падарро,
Аз гуфтаи ӯ мапеч сарро.
Чун боадабу тамиз бошӣ,
Назди ҳама кас азиз бошӣ.

*Эраҷ Мирзо*

**Саволҳо:**

1. Падар ба писар чӣ насиҳатҳо кардааст?
2. Барои тозаю озода гаштан чӣ бояд кард?
3. Ба падару модар чӣ хел муносибат кардан лозим аст?
4. Боодоб будан чӣ аҳамият дорад?

**Супориш:**

1. Шеърро хонед, мазмуни онро нақл кунед. Мисраъҳои ба худатон маъқулро аз ёд кунед.
2. Ба шарҳи ин калимаҳо эътибор диҳед, онҳоро ба ёд гиред:
**ҳон** – огоҳ бош, хабардор бош, эй; **хеш** – худ;
**тамиз** – тоза, покиза, тартиб; **омода** – тайёр, ҳозир.
3. Пандҳоро аз ёд кунед:

I. Рӯзе, ки дар он накардаӣ кор,
Он рӯз зи умри хеш машмор.

II. Ҳар шаб зи худат бипурс агар ту мардӣ,
К-имрӯз чӣ хизмате ба мардум кардӣ?

**Машқи 1.** Ҷавоби ин саволро нависед:

Барои боодоб шудан чӣ кор кардан лозим аст?

*Ҷавоби яке аз талабагони синфи 2 чунин аст*:

Ман ҳамаи фанҳоро ба завқи зиёд мехонам. Падару модарро эҳтиром мекунам. Ба гуфтаҳои муаллим гӯш медиҳам. Ба тозагӣ риоя мекунам. Дасту рӯй, гӯшу гардан, дандон ва либосамро тоза нигоҳ медорам. Ман боодоб шудан мехоҳам.

**Саволҳо:**

1. Ба зери калимаҳое, ки ба саволҳои «*чӣ кор кард*?», «*чӣ кор мекунад*?», ҷавоб мешаванд, хат кашед.
2. Шумо барои боодоб шудан чӣ корҳоро анҷом медиҳед?

**Машқи 2.** Ба ин саволҳо ҷавоб нависед:

1. Барои тозаю озода будан чӣ корҳоро кардан лозим аст?
2. Дар кӯчаю мактаб чӣ тавр бояд рафтор кард?

## ДАРСҲОИ 21 – 22

## ДАВЛАТИ ИНСОН

Як ҷавон ҳамеша аз камабағалии худ шикоят мекард.

— Чаро ту ин қадар менолӣ? Охир ту давлати калон дорӣ-ку – гуфт ба вай пирамард Ҳайдар-бобо.

— Канӣ давлат? – Ҳайрон шуда аз вай пурсид ҷавон.

— Чашмони ту. Як чашматро ба ман деҳ, чанд пуле, ки хоҳӣ, медиҳам.

— Не, чӣ қадаре давлат диҳед, ман чашмамро намедиҳам, – ҷавоб дод ҷавон.

— Хуб. Набошад, ба ман як дастатро деҳ. Ба ивазаш аз сар то поят тилло мерезам.

— Ҳеҷ гоҳ! Агар як кӯҳ тилло бахшанд ҳам, ман дастамро намедиҳам.

— Акнун мебинӣ, ки ту чӣ хел одами бадавлат будаӣ? Инро аз хотир набарор: давлати инсон қувва ва саломатии ӯст. Ҳардуи онро ба ягон пул харида наметавонӣ. Агар онро истифода барӣ, яъне меҳнат кунӣ, бадавлат мешавӣ, - насиҳат кард мӯйсафед.

**Саволҳо:**

1. Ҷавон аз чӣ шикоят мекард?
2. Пирамард аз ин ҷавон чиҳо талаб кард?
3. Мӯйсафед ба ивази узвҳои бадан ба ҷавон чӣ доданӣ шуд?
4. Ҷавон ба пирамард чӣ ҷавоб дод?
5. Барои инсон давлати бузург чист?

**Супориш:**

1. Муколамаи ҷавону мӯйсафедро дар нақшҳо иҷро кунед.
2. Шарҳ диҳед, ки чаро чашму даст ва дигар узвҳои инсонро давлати бузург меноманд?
3. Байтро хонед, маънидод кунед:

Қимати мард на ба симу зар аст,
Қимати мард илму ҳунар аст.

*Бедил*

**Машқи 1.** Сархати охири матнро нависед. Ба зери калимаҳои ифодакунандаи ҳаракату амал хат кашед.

*Намуна*: ***мебинӣ*** (чӣ кор мекунӣ?) …

**Машқи 2.** Матнро хонед, калимаҳоеро, ки ба саволҳои «*кӣ?*, *чӣ?*, *чӣ кор кард?*, *чӣ кор мекунад?*» ҷавоб мешаванд, ёфта нависед.

*Намуна*: кӣ? – ***ҷавон***, …
чӣ? – ***чашм***, …
чӣ кор кард? – ***пурсид***, …

**Супориш:** Ҷумларо шарҳ диҳед.
1. Одам аз тахти дил кор кунад, кӯҳро зада талқон мекунад.
2. «Кӯҳро зада талқон мекунад» чӣ маъно дорад?
3. Зарбулмасалро хонед ва шарҳ диҳед.

**Ҳазор дӯст кам аст, як душман бисёр.**

**Машқи 3.** Ба ин саволҳо ҷавоб нависед:
1. Меҳнат ба одам чӣ меорад? Бекорӣ чӣ?
2. Барои инсон давлати бузург чӣ будааст?

## ДАРСҲОИ 23 – 24

## ПУШАЙМОНӢ АЗ КИРДОРИ БАД

Агар мақсаду мароми мо сидқан дӯстиву некӣ бошад, шер ҳам бо мо дӯст мешаваду мор аз сӯрохиаш бо боварӣ мебарояд.

Нақл мекунанд, ки море дар хонаи шахсе лона сохта тухм мегузорад. Соҳибхона аз ин бохабар шуда дар набудани мор ба мақсади санҷиш тухмҳои ӯро мегираду рафтори морро мушоҳида мекунад. Мор пайдо шуда мебинад, ки тухмҳояш дар лонааш нестанд. Вай дар ғазаб ба шохи дарахте, ки сатили шир овезон буд, баромада, заҳри қотилашро ба он мечаконад.

Мард ин ҳолро дида тухмҳоро ба ҷояш мегузорад. Мор баргашта тухмҳояшро мебинаду аз кардааш пушаймон мешавад ва шитобон қафо бармегардад. Ресмонро, ки дар он сатили шир овезон буд, бо дандонҳояш газида мебурад.

Сатили пур аз шири заҳрнок ба замин меафтад. Мор ором шуда, ба лонааш бармегардад.

**Саволҳо:**

1. Чаро мор аз кирдори бади худ пушаймон шуд?
2. Баъди пушаймонӣ мор чӣ кард?
3. Оё кори соҳибхона дуруст аст?

**Машқи 1.** Порчаро нависед, аз мазмунаш хулоса бароред.

Ҳар кас бояд андеша кунад, ки дар зиндагӣ ба ҳар рафтори худ мукофот хоҳад гирифт. Некӣ сазовори таҳсину офарин буда, барои бадӣ ҷазое одамро интизор мебошад. Пас аз ин ду кадоме беҳтар аст.

**Супориш:** Аз матн калимаҳои ифодакунандаи амалу ҳаракатро ёфта, ба зерашон хат кашед.

**Машқи 2.** Калимаҳоро шарҳ диҳед. Чаро калимаҳои аввал бо ҳарфи калон, дуюм бо ҳарфи хурд сар шудаанд?

**Давлат** – давлат. **Мӯъмин** – мӯъмин. **Одил** – одил.
**Товус** – товус. **Анор** – анор.

**Супориш:** Ду ҷумла тартиб диҳед, ки ба ин нақшаҳо мувофиқ оянд:

1) __ ___ ___. 2) ___ ___ ___ ___.

## ДАРСИ 25

## КИШВАРИ АЗИЗ

Тоҷикистон кишвари кӯҳҳои сар ба фалак, водиҳои шукуфон ва рӯдҳои хурӯшон аст. Рӯдҳои шӯхи он аз кӯҳҳо ҷорӣ шуда, дашту даманро шодоб мегардонанд..

Дар ҳамин сарзамини азиз ман бори аввал лаб ба сухан

ва бори аввал он курси зарҳалиро, ки офтоб ном дорад, оғӯш карданӣ будам. Дар ҳамин ҷо аллаҳониҳои равонбахши модарамро шунидам. Аввалин афсонаҳои зебоеро, ки модарам мегуфтанд, маро ҳамроҳи қаҳрамонони онҳо ба сӯйи муборизаи қувваҳои Хайр бар зидди Шарр, Некӣ бар бадӣ, Ростӣ ба муқобили дурӯғ ҳидоят мекард.

Ин кишвар – сарзамини халқи хирадманд ва заҳматкаши ман аст. Накӯкорӣ ва зебоиро мо аз халқи худ меомӯзем. Мо аз ӯ эҳтиром кардани ҳамаи он амалиётеро меомӯзем, ки гузаштаи пурифтихори моро ба хотири фардо эҳё мекунад, то ки имрӯзи мо мукаммалтар ва болиғтар шуда, хушбахтии наслҳоиояндаро фароҳам оварад.

**Луғат:** **рӯд** – наҳр, дарё, ҷӯй.
**равонбахш** – ҷонбахш, рӯҳбахш.
**мукаммал** –пурра.
**болиғ** – расида, бақувват.

**Савол ва супориш:**

1. Хонед, мазмунашро нақл кунед.
2. Ибораҳои **водиҳои шукуфон, рӯдҳои хурӯшон, сарзамини азиз, аллаҳониҳои равонбахш, афсонаҳои зебо, халқи хирадманд**-ро рӯбардор кунед.
3. Бо дутои ин ибораҳо ҷумла созед.
4. Барои ободтар шудани Ватанамон шумо чӣ кор кардан меҳоҳед?
5. Ҳаммаънои калимаи «**кишвар**»-ро ёбед.
6. Аз матн калимаҳоеро, ки амалу ҳаракатро мефаҳмонанд, ёфта нависед, савол гузоред.

*Намуна:* ***овардаанд*** – чӣ кор кардаанд?

## ДАРСИ 26

## ДУ БАРОДАР

Ду бародар буданд: яке хидмати султон кардӣ ва дигаре ба зӯри бозу нон хурдӣ. Боре бародари тавонгар ба бародари дарвеш гуфт:

— Чаро хидмати подшоҳ накунӣ, то аз машаққати кор кардан бираҳӣ.

Бародари дарвеш гуфт:

— Ту чаро кор накунӣ, то аз мазаллати хидмат раҳоӣ ёбӣ, ки хирадмандон гуфтаанд: «Нони худ хӯрдану нишастан, беҳ, ки камари заррин ба хидмат бастан».

*Саъдии Шерозӣ*

**Луғат:** **дарвеш** – камбағал, қашшоқ.
**бираҳӣ** – халос шавӣ, халос ёбӣ.
**мазаллат** – азоб, шиканҷа.

**Саволҳо:**

1. Бародарон нони худро чӣ тавр пайдо мекарданд?
2. Сӯҳбаташон дар чӣ хусус буд?
3. Бародари камабағал чӣ посух дод?
4. Мақолҳоро аз ёд кунед:

**Меҳнат бе роҳат нест.**
**Ҳар кӣ бисёртар кунад меҳнат,**
**Ҳар чӣ бисёртар барад роҳат.**

**Машқи 1.** Матнро хонед, калимаҳои ба саволҳои «*чӣ кор кард*?», «*чӣ шуд*?» ҷавоб шавандаро муайян кунед.

**Супориш:** Аз сархати охирини матн «Нони худ хӯрдану нишастан, беҳ, ки камари заррин ба хидмат бастан»-ро шарҳ диҳед.

**Машқи 2.** Калимаҳои нафаҳмидаатонро аз матни «**Ду бародар**» нависед ва шарҳ диҳед.

*Намуна:* ***хидмат*** – хизмат, …

## ДАРСҲОИ 27 – 28

## ЧӢ БЕҲТАР АСТ?

Овардаанд, ки аз Бузургмеҳр савол карданд.

— Мардумонро чӣ беҳтар аст?

Гуфт:

— Хиради модарзод.

Гуфтанд:

— Агар набошад?

Гуфт:

— Фарҳанги омӯхтанӣ, ки адаби вайро рост кунад.

Гуфтанд:

— Агар набошад?

Гуфт:

— Сарвате, ки ҳама айбҳоро бипӯшад.

Гуфтанд:

— Агар набошад?

Гуфт:

— Марг беҳ аз он зиндагонӣ, ки то роҳат ёбад аз худ ва халқ аз вай.

*Авфии Бухороӣ*

**Луғат:** **хирад** – ақл, ҳуш, зеҳн.
**фарҳанг** – адаб ва ақл, дониш, илм.
**сарват** – боигарӣ.

Хонед, хулоса бароред.

## ЧИСТОН

Ҳамдаме дорам, ки бе овоз сӯҳбат мекунад,
Бе даҳону бе забон нақлу ривоят мекунад.
Ҳушу ақлу завқ афзун мекунад гуфтори ӯ,
Аз кадомин фан, ки мехоҳӣ, ҳикоят мекунад.

(к…б)

**Супориш:**

1. Мақсад аз хондани китоб чист?
2. Дар бораи китоб боз чӣ гуна ҳикматҳоро медонед?

**Машқи 1.** Хонед, нависед:

## СӮҲБАТ

— Номи ту чист?
— Номи ман Умед аст.
— Дар синфи чандум мехонӣ?
— Дар синфи дуюм мехонам.
— Бо ту боз киҳо мехонанд?
— Бо ман Ҷамшед, Гулнора, Одина мехонанд.

**Машқи 2.** Чунин сӯҳбатро дар синф ва берун аз синф ташкил кунед.

*Намуна*: 1. Шумо чӣ хел мехонед?
2. Аз китоб чӣ хел истифода мебаред?
3. Манзараи табиат ба шумо чӣ хел таъсир мерасонад?

**Супориш:** Калимаҳоро хонед, шарҳ диҳед ва нависед:

**Умед** – умед. **Орзу** – орзу.
**Қадам** – қадам. **Майна** – майна.

**Машқи 3.** Матнро хонед:

Ин пагоҳӣ ҳарорати модар баланд шуд. Ӯ аз бистар сар бардошта наметавонист. Дилрабо, Азизмоҳ ва Марҳабо корҳои хонаро байни худ тақсим карданд.

Модар аз ҳаррӯза дертар хеста берун баромад. Дид, ки ҳамаи корҳо иҷро шудаанд. Вай ҳайрон шуда аз Азизмоҳ пурсид:

— Кӣ хонаро рӯфт?

— Ман, ҷавоб дод Дилрабо.

— Чойнику пиёларо кӣ шуст?

— Мо гуфтанд Азизмоҳ ва Марҳабо.

— Кӣ таом пухт?

— Мо, ҷавоб доданд духтарҳо.

Модар аз рафтори онҳо хурсанд шуд. Худро хеле бардам ҳис кард.

**Супориш:**

1. Сарҳати аввалро нависед, ба зери ашёҳо ва номи одамон хат кашед.
2. Ба мазмуни саволҳо диққат диҳед, вобаста ба мазмуни матн саҳнача ташкил кунед.

## ДАРСҲОИ 29 – 30

### САЙЁДИ ҲАРИС

Сайёди ҳунарманде дом ниҳода буд. Оҳуе дар он дом афтод. Сайёд хост, ки наздики дом равад. Оҳу домро канда ба саҳро гурехт. Сайёд тире ба ҷониби оҳу афканд. Оҳу аз пой афтод. Сайёд онро бардошта ба хонаи худ равон шуд. Аз роҳ хуке баромад. Сайёд ба ҷониби вай тире афканд. Хук маҷрӯҳ шуд ва аз алами дард сайёдро маҷрӯҳ карду ҳар ду ҳалок шуданд.

Гурги гуруснае аз он ҷо мегузашт ва се ҷасади мурдаро диду хеле шод шуда, ба худ гуфт:

— Ин гӯштҳои тозаро барои рӯзҳои сахти зиндагӣ

захира созаму имрӯз ба хӯрдани зиҳи камон, ки сайёд аз рӯда сохтааст, қаноат кунам.

Гург инро гуфта, ба зиҳи камон дандон зад. Камон канда шуду тири он рафта ба дили гург зад ва ҳамон замон дар ҷояш бимурд.

**Луғат:** **дом** – қапқон, асбоби шикор.
**афканд** – парронд, партофт, зад.
**маҷрӯҳ** – захмӣ.
**зиҳи камон** – торе, ки аз рӯдаи хушконида сохта мешавад, каманд.

**Супориш:**

1. Матнро хонед, нақл кунед.
2. Сайёд оҳуро чӣ тавр ба даст афтонд?
3. Ба чӣ сабаб сайёд ба хук тир андохт?
4. Ҳарисӣ ба чӣ оварда расонд?

**Бадхоҳи касон хеҷ ба мақсад нарасад**
**Як бад накунад, то ба худаш сад нарасад.**

**Машқи 1.** Сархати охирини матнро нависед.

Ба калимаҳои зерин саволҳои мувофиқ гузоред: **Ниҳод, афтод, канд, гурехт, афканд, афтод, бардошт, равон шуд, баромад, ҳалок шуданд.**

*Намуна*: **ниҳод** – чӣ кор кард?

**Супориш:**

1. Калимаҳои зеринро ҷуфт-ҷуфт хонед, маънидод кунед:

| | |
|---|---|
| **гузашт** – нагузашт | **сохт** – насохт |
| **гуфт** – нагуфт | **зад** – назад |
| **созам** – насозам | **бимурд** – намурд |

2. Гуфтаҳои гургро нависед.

**Луғат:** **ҳарис** – хасис
**хиёнат** – бевафой
**илтифот** – лутф, эътибор.

**Супориш:**

1. Аз матни «Сайёди ҳарис» калимаҳои душворфаҳмро шарҳ диҳед: **ҳарис**, **маҷрӯҳ**, **ҷасад**, ….
2. Ибораҳоро шарҳ диҳед: **алами дард, ҷасади мурда, рӯзҳои сахт.**

## ДАРСИ 31

## ҲИКОЯТ

Ҳотами Тойро гуфтанд:

— Аз худ бузургҳимматтар дар ҷаҳон (касеро) дидаӣ ё шунидаӣ?

Гуфт:

— Бале, рӯзе ба амирони араб чиҳил шутур қурбон карда будам. Пас ба гӯшаи саҳро ба ҳоҷате берун рафтам (барои коре ба саҳро баромадам). Хоркашеро дидам, ки пуштае хор фароҳам оварда (ҷамъ кардааст). Гуфтамаш:

«Ба меҳмонии Ҳотам чаро намеравӣ, ки халқе бар самоти (дастархони) ӯ гирд омадаанд?»

Гуфт:

### БАЙТ

Ҳар кӣ нон аз амали хеш хӯрад,
Миннати Ҳотами Той набарад.

Ман ӯро ба ҳиммати ҷавонмардӣ аз худ баландтар дидам.

*Саъдии Шерозӣ*

**Луғат:** **фароҳам овардан** – ҷамъ кардан, муҳайё сохтан.
**амал** – шуғл, кор, меҳнат, заҳмат.

**Супориш:**

1. Ҳотами Той киро ба ҳиммат аз худ баландтар дид?
2. Шумо чӣ гуна касро боҳиммат мешуморед?
3. Маънои ҷавонмардиро чӣ хел мефаҳмед?

**Машқи 1.** Байтро нависед, мазмунашро шарҳ диҳед.

**Супориш:**

1. Ба калимаҳо савол гузоред: **дидам, овард, рафтам, набарад, баромадам.**

*Намуна*: ***дидам*** – чӣ кор кардам?

2. Ҷумлаҳоро маънидод кунед:

Ба гӯшаи саҳро ба ҳоҷате берун рафтам.

Хоркашеро дидам, ки пуштае хор фароҳам оварда.

***ЭЗОҲ:***

**Ҳотами Той** – дар хайру саховат ҳамто надоштааст. Вай шахси таърихӣ буда, аз Той ном қабилаи араб аст.

**Хоркаш** – касе, ки дар биёбон хор мечинад (ҳезум ҷамъ меоварад).

## ДАРСИ 32

## ДУ СУРАТКАШ

Ду сураткаш дар устодӣ ва санъаткорӣ мудом бо ҳам баҳс мекарданд. Сураткаши якум сурати як хӯша ангурро чунон устодона кашид, ки дар дидан аз ангури ҳақиқӣ ҳеҷ фарқ намекард. Вақте ки он суратро ба шохи дарахте овехта монд, баъзе паррандаҳо ангури ҳақиқӣ гумон карда, ба вай нӯл мезаданд ва сураткаш ин ҳолро ба рақиби худ нишон дода баландии санъати худро исбот мекард.

Сураткаши дуюм барои нишон додани санъаташ

сураткаши якумро ба хонааш бурд ва пардаеро нишон дода гуфт:

- Санъатҳои ман дар паси ҳамин парда истодаанд, кушода бин, меписандӣ ё не?

Сураткаши якум даст бардошта мехост пардаро бардорад, лекин дид, ки он дар девори хона моҳирона кашида шудааст.

**Саволу супориш:**

1. Киҳо бо ҳам баҳс мекарданд?
2. Сураткаши якум санъаташро ба ҳамкораш чӣ гуна намоиш дод?
3. Сураткаши дуюм чӣ?

**Марди боҳунар хор намешавад,**
**Ба дӯсту душман зор намешавад.**

**Машқи 1.** Хонед, саволҳо гузоред: **баҳс мекарданд, овехта монд, нӯл мезаданд, нишон дод, исбот мекард, ба хонааш бурд, кушода бин, даст бурд, кашида шудааст, пардаро бардошт.**

*Намуна*: ***Баҳс мекарданд*** – чӣ кор мекарданд?

**Машқи 2.** Аз рӯйи нақшаи зерин нақл нависед:

1. Сураткаши якум санъаташро дар чӣ нишон дод?
2. Сураткаши дуюм чӣ?

## ДАРСИ 33

## АЗ ШИФОХОНАИ СИНО

1. Гуфтам: чӣ кунам то бар табиб ҳоҷат набошад?
Гуфт: кам хӯрдану кам хоб рафтану кам гуфтан.
2. Хоби аз ҳад зиёд танро рутубатнок ё суст карда, он

ҳароратеро, ки ҳаётбахши бадан аст, хомӯш месозад.

3. Касалии бадан ба воситаи даво нест карда шуда, минбаъд амалиёти даво ба ёрии ғизо анҷом меёбад.

4. Хондани нақшаҳои дақиқ (хурд, майда) ва навиштаҷоти душворфаҳму душворхонро бисёр давом мадеҳ.

5. Аз фароҳи зиёди бадан баҳраманд магардед ва он низ ба фарбеҳӣ бурда мерасонад.

**Луғат:** **ҳарорат** – гармӣ, тафс.
**фароҳ** – роҳат, шодӣ, хурсандӣ, хушҳолӣ.
**ҳоҷат** – зарурат, эҳтиёҷ, мӯҳтоҷ.
**рутубатнок** – тарӣ, намнокӣ.
**даво** – дору, дармон, илоҷ, чора.
**анҷом** – оқибат, охир.

**Супориш:** Матнро аз ёд кунед.

**Машқи 1.** Аз матни **«Аз шифохонаи Сино»** калимаҳоеро, ки ҳаракату амалро ифода мекунанд, нависед.

*Намуна*: меёбад, месозад, …

**Машқи 2.** Ҷумлаҳоеро созед, ки дар онҳо амалҳои зерин бошанд: **давом деҳ, мерасонад, хӯрдан, гуфта, анҷом меёбад, давом додан.**

*Намуна*: Навиштанро давом диҳед.

**Машқи 3.** Нависед, ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои мувофиқ гузоред: **Ман ҳикоя ….** **Ҳикоя бисёр аҷиб ….** **Ман хондани ҳикояро дӯст ….** **Хоҳарам шеър ….** **Вай шеърхониро дӯст ….** **Мо китобро дӯст ….** **Китоб илм ….**

Калимаҳо барои истифода: **хондам, буд, медорам, мехонад, медорад, медорем, медиҳад.**

## ДАРСИ 34

## РОҲНАМОИ ИНСОНИ НЕК

Он ки на баҳри худ ва на баҳри дигарон кор намекунад, аз Худо ҳеҷ гуна музде намегирад.

Он ки маош аз меҳнати ҳалол мегирад, Худо ӯро дӯст медорад.

Он касеро раҳмат бигӯед, ки аз меҳнати ҳалоли худ рӯз мегузаронад.

Музди коргарро пеш аз он, ки араҷи ӯ хушк шавад, бидиҳед.

**Супориш:** Матнро хонед, ҷумлаи сеюмро аз ёд кунед.

**Машқи 1.** Калима ва ибораҳоро нависед: **баҳри худ, баҳри дигарон, музд, маош, меҳнати ҳалол, қадр, ҳурмат, эътибор.**

Шарҳ диҳед:

*Намуна*: **музд** – ҳаққи меҳнат, маош – моҳона, ризқи якмоҳа.

**Машқи 2.** Нависед, ба саволҳои дар қавс буда ҷавоб диҳед.

**Кабкҳо** (чӣ кор мекарданд?) …
**Калхоти** кӯҳӣ (чӣ кор мекард?) …
**Оҳуи кӯҳӣ** (чӣ кор кард?) …
**Оби дарё** (чӣ мешуд?) ….

**Супориш:** Аз рӯйи мазмуни матни «**Роҳнамои бандаи нек**» ба саволҳо ҷавоб нависед:

1. Одами бекорро қадр кардан мумкин аст?
2. Инсон ба кӣ раҳмат мегӯяд?
3. Инсон чӣ хел меҳнат кунад, ки музд гирад?

**Машқи 3.** Матнро боз хонед, ҷумлаҳои зеринро шарҳ диҳед: «Он ки на баҳри худ ва на баҳри дигарон кор намекунад, аз Худо ҳеҷ гуна музде намегирад».

## ДАРСҲОИ 35 – 36

## ТАНБАЛӢ ВА МУФТХӮРӢ

1. Ба хӯрдан тайёру ба кор бемор.
2. Аз зиндаи бекор мурда беҳтар аст.
3. Тобистон гирди ҳавзи серсоя,
   Зимистон дар хонаи ҳамсоя.
4. Гап гӯӣ, ҷувол-ҷувол, кор гӯӣ, касали ниммурдаҳол.
5. Ҳама ҷоям сусту муст, фақат шикамам дуруст.

**Супориш:**

1. Хонед, мазмуни мақолҳоро шарҳ диҳед.
2. Мақолҳоеро, ки ба шумо маъқул шуданд, аз ёд кунед. Дар бораи танбалию бекорӣ боз чӣ медонед, илова кунед.

**Машқи 1.** Мақолҳои 1-5-ро аз матни «**Танбалӣ ва муфтхӯрӣ**» нависед, ба зери ҳаракату амали ашёҳо хат кашед.

**Машқи 2.** Хонед, нақл кунед.

Дар кӯча ду нафар мерафт. Яке асо ба даст ва дигаре дасти момо ба даст. Момо ба асо ва кӯдак ба момо такя дошт. Онҳо аз роҳи санглох мерафтанд. Ногоҳ пои набера ба санге бархӯрд. Момо дилсӯзона гуфт:

— Умедҷон, дасти маро сахт дор, мабодо наафтӣ.

Нохост пои момо ба санг бархӯрд.

Умедҷон дасти моморо сахт дошта гуфт:

— Momoҷон дасти маро сахт доред, боз наафтед.

**Супориш:**

I. Аз рӯйи ин саволҳо дар хона ҷавоб нависед.

1. Дар кӯча чанд нафар роҳ мерафт?
2. Момо ба Умед чӣ гуфт?
3. Умед чӣ гуфт?

II. Матнро рӯбардор кунед, зери ҳаракати ашёҳо хат кашед.

**Машқи 3.** Аз тиреза ба берун нигоҳ карда, ҳаракатҳои гунҷишкакеро мушоҳида кунед.

## ДАРСИ 37

## ҲИКОЯТ

Саҳроиеро дидам, ки ба писари худ мегуфт:

— Туро хоҳанд пурсид, ки ҳунарат чист, нагӯянд, ки падарат кист?

Писареро падар насиҳат кард,
К-эй ҷавонмард, ёд гир ин панд.
Ҳар кӣ бо аҳди худ вафо накунад,
Нашавад дӯстрӯю донишманд.

**Луғат:** **аҳди худ** – ваъда, шарт, паймони худ.

**Супориш:**

1. Саҳрой ба писараш чӣ гуфт?
2. Одам аз чӣ дӯстрӯи дигарон мешавад?
3. Шахси ҳунарманд чаро хор намешавад?

**Ҳунар аз дониш – дониш аз хониш**

**Машқи 1.** Пандҳоро нависед, мазмунашро нақл кунед: **дӯстрӯй** – маҳбуб, писандида.

**Машқи 2.** Андарзҳоро хонед.

1. Аз моли ҳаром хӯрокии бадтар нест.
2. Сухани ҳақ ҳамеша талх аст ва бори ҳақ бар ҳама кас сангин аст.
3. Хирадманд касест, ки аз таҷрибаи худ ва дигарон панд гирад.
4. Дӯсти душман ҳаргиз бо ту дӯст намешавад, ҳарчанд дам аз самимият занад.
5. Маънои ҳақиқии ҳаёт рӯҳи бедору дили зинда аст.

**Супориш:**

I. Калимаҳои ифодакунандаи амалу ҳаракатро гӯед, савол гузоред.

II. Бо калимаи **«Дӯстӣ»** ҷумла тартиб диҳед.

Шарҳ:

1. Панд гирад.
2. Душман дӯст нашавад.
3. Сухани ҳақ талх аст.
4. **Муқаддас** – пок.
5. **Оташ** – алов.
6. **Дӯстрӯй** – мақбул, писандида.

*Намуна*: ***Дам аз самимият занад***. – Сухан сидқан гӯяд.

## ДАРСИ 38

## ҲИКОЯТ

Султон Маҳмуд пире заифро дид, ки пуштора хор мекашид. Бар ӯ раҳмаш омад. Гуфт:

— Эй пир, ду-се динор мехоҳӣ, ё дарозгӯше, ё ду-се гӯсфанд, ё боғе, ки ба ту бидиҳам, то ки аз ин заҳмат халосӣ ёбӣ?

— Пир гуфт:

— Зар бидеҳ, то ки дар миён бандам ва ба дарозгӯше бишинам ва гӯсфанд дар пеш гирам ва ба боғ биравам ва ба давлати ту дар боқии умр он ҷо биёсоям.

Султонро хуш омад ва фармуд чунон карданд.

**Сухан бифканад минбару дорро,**
**Зи сӯрох берун кашад морро.**

**Саволҳо:**

1. Султон Маҳмуд киро дид?
2. Пир чӣ мекашонд?
3. Султон ба пир чӣ пешниҳод кард?
4. Пир чӣ хоҳиш кард?
5. Чаро Султон ҳамаи хоҳишҳои ӯро иҷро кард?

**Машқи 1.** Суханҳои пирамардро аз матн ҷудо карда нависед ва аз ёд кунед.

**Супориш:** 1. Ба калимаҳои **бандам, бинишинам, гирам, биравам, биёсоям** саволҳои мувофиқ гузоред.

2. Дар ҷумлаи «Султонро хуш омад ва фармуд чунон карданд» кадом калимаҳо ҳаракату амалро мефаҳмонанд? Имрӯз дирам дар пули давлати мо чи арзиш дорад?

**Машқи 2.** Матнро пурра хонед, ба калимаҳои ифодакунандаи амалу ҳаракат саволҳо гузоред.

*Намуна*: **дид-** (чӣ кор кард?), …

**Супориш:** Шарҳи калимаҳоро нависед:

**заиф** – нотавон, барҷомонда.
**заҳмат** – азоб, ранҷ.
**султон** – амир, шоҳ, подшоҳ.

## ДАРСҲОИ 39–40

## МӮРЧА ВА ПАШША

Дар зери айвони барҳаво рӯйи дастархони пур аз нозу неъмат пашшае аз лаълӣ ба лаълӣ нишаста шираю шарбат

мечашид. Нохост чашми пашша ба мӯрчае афтод, ки нонрезаи рӯйи дастархонро кашолакунон мебурд. Пашша лаби пиёлаи мураббо нишаста, бо ғурур гуфт:

— Эҳ, мӯрчаи бечора! Азобат зиёд! Ҳамин ҳам зиндагӣ шуд? Маро бин, ғами дунё надорам. Гули хӯрок мехӯраму шираву шарбат мечашам.

Мӯрча аз гапҳои пашша ранҷида бошад ҳам, сир бой надод.

— Чӣ илоҷ, одати мо ҳамин, - бо мулоиматӣ ҷавоб дод мӯрча, - бо меҳнати ҳалолу араҡи ҷабин ризқу рӯзиамонро ҷамъ мекунем.

Пашша акнун паридани буд, ки ногоҳ пояш лағжида ба шира часпида монд.

Ин вақт писарбачае ҳозир шуда, пашшаро аз даруни мураббо гирифта, ба замин зад.

**Саволҳо:**

1. Пашша чӣ кор мекард?
2. Вай ба чӣ вохӯрд?
3. Пашша ба мӯрча чӣ гуфт?
4. Мӯрча чӣ ҷавоб дод?
5. Оқибати воқеа ба чӣ анҷомид?

**Супориш:** 1. Шеърро хонед, шарҳ диҳед:

Бе азми дурусту саъйи комил,
Касро нашавад мурод ҳосил.

*Саъдии Шерозӣ*

2. Шарҳи калимаҳоро нависед:

**азм** – майл ва хоҳиши ҷиддӣ, ният.
**саъй** – кӯшиш, ҷидду ҷаҳд.
**комил** – беайбу нуқсон, пурра.

**Машқи 1.** Хонед. Гӯед, ки амали мӯрча ва пашшаро чӣ хел мефаҳмед?

**Супориш:**

1. Доир ба амал ва ҳаракати ашёҳо якчанд ҷумла тартиб диҳед: **Себ** мепазад, мепӯсад, мерезад, …
2. Амалу ҳаракати ашёҳоро нависед, савол гузоред: **мехӯрам, мечашам, мекунам, лағжид, часпид, гирифт.**

Чӣ кор кард? – **лағжид.**

**Машқи 2.** Ба саволҳои зерин ҷавоб нависед:

1. Дар хона чӣ кор мекунед?
2. Дар синф чӣ?
3. Дар майдони варзиш чӣ?

**Супориш:**

Аз ҳарфҳои ин калимаҳо калимаҳои нав созед:

**нонреза** – нон, зар, …
**корхона** – хон, хор, …
**писарбача** – сар, ба, …
**пурҳунар** – раҳ, пур, …

**Машқи 3.** Хонед, савол гузоред:

Духтарчае ба дугонааш гуфт:

— Ба бетартибию чиркинӣ тобам нест, озодагиро дӯст медорам. Агар дар хона ягон ҷоро чиркин кунам, дарҳол тоза мекунам.

Чӣ кор кард? – гуфт, …

Шарҳ: Калимаи «Озода»-ро шарҳ диҳед ва нависед.

**Супориш:**

Доир ба обу ҳаво, паррандаҳо, дарахтон ҷумлаҳо тартиб дода нависед.

## ДАРСҲОИ 41–42

### ОДОБИ СУХАН

Одоби сухан барои ҳар фард бағоят муҳим аст.

Одоби сухан – бомаънӣ, тоза, дуруст, равшан ва ба мавқеъ баён намудани фикр аст. Барои возеҳу буррогии фикр риояи чанд шарт зарур аст. Сухангӯ бояд тобеи вараќу ќолаб набошад, балки худаш мустақилона андеша намуда, фикрашро равшан ифода кунад. Вай бояд маънои суханашро пеш аз гуфтан ҳаматарафа фикр кунад ва донад. Агар забони сухангӯ пур аз калимаи гӯшхарош бошад, ҳама гуна сӯҳбати пурмазмун ба дил мезанад. Бикӯшед, дар сухангӯӣ овозатон баланд набошад. Фаҳмидани гуфтори бошитоб душвор аст.

Талаффузи ҳар як калима, ҳиҷо ва овоз бояд возеҳу равшан бошад. Тарзи тақлидкорона, ё мағрурона сухан гуфтан хуб нест.

Касе, ки забони модариашро дӯст медорад, сухани хуб гуфта метавонад ва эҳтиром мебинад.

**Савол ва супориш:**

1. Чаро мегӯянд, ки одоби сухан вобаста ба маърифату заковати шахс аст?
2. Ба одамоне, ки дағалона гап мезананд, шумо чӣ баҳо медиҳед?
3. Барои сухандон шудан чӣ корҳо кардан мехоҳед?
4. Шеърро аз ёд кунед.

Сухан кам гӯю нек гӯй дар кор,
Ки аз бисёр гуфтан мард шуд хор.

*Носири Хисрав*

**Машқи 1.** Калимаҳоро нависед:

**фард** – як шахс, як кас; **возеҳ** – равшан, фаҳмо;
**тақлид** – пайравӣ кардан ба дигарон, дар қолаб будан.

**Супориш:**

I. Пандҳоро интихобан аз ёд кунед:

1. Як сухан ҳам бишнавӣ аз пири доно бишнав.
2. Касе, ки бисёр қасам мехӯрад, бисёр дурӯғ мегӯяд.
3. Забонро нигоҳ дорӣ, туро нигоҳ медорад, сар додӣ, хиёнат мекунад.
4. Сухан аз сӯзан ҳам тез аст: он чиро, ки бо сухан сӯрох мекунӣ, сӯзан кора намекунад.

II. Ба саволҳо ҷавоб диҳед:

1. Забонро сар диҳӣ, хиёнат мекунад, чаро ин тавр?
2. Аз пири доно сухан шунидан чӣ маъно дорад?

III. Пандро хонед, нависед:

Гуфтанд:
— Чӣ чиз аст, ки ҳамаи хуррамӣ аз ӯст?
Гуфт:
— Сухани бузургон.

**Машқи 2.** Порчаро хонед ва нависед.

Сухани умумӣ вуҷуд надорад. Сухан ифодаи табрик, шодӣ ё ғам, муҳаббат, дурӯғ ё ҳақиқат, нур ё зулмат аст.

**Супориш:** Дар атрофи ин саволҳо фикру ақида ронед:
1. Одамиро чашму забон баҳри чист?
2. Чаро одам ду чашму ду гӯш дорад, аммо як забон?

*Ҷавоб*: Қабл аз он, ки аз даҳон ҳарфе барояд, ду чашм бояд бубинад, ду гӯш бояд бишнавад. …

## ДАРСҲОИ 43–44

## ОДАМ АЗ МОДАР ОҚИЛ БА ДУНЁ НАМЕОЯД

Одам аз модар оқил ба дунё намеояд. Баъд, чун ба сӯҳбатҳои мардум гӯш медиҳад, кору рафторашонро зеҳн мемонад, арақи ҷабин рехта меҳнат мекунад, ҳамадон мешавад. Вай оҳиста – оҳиста ба баду нек сарфаҳм меравад. Агар умри дароз насибаш гардад, албатта, бисёр чизро дониста мегирад.

Одам суханҳои хирадмандонро ба хотир гирифта, заковатманд мешавад. Лекин ҳар гуна сӯҳбат, чӣ қадаре манфиатбахш бошад ҳам, худ аз худ чизе намедиҳад.

Аз шунида, чуноне ки гандумро аз курмак тоза мекунанд, бояд чизи асосиро, ки ба фоидаи кор аст, қабул намуд. Ақли инсон ҳамин хел сайқал меёбад.

Аммо ҳолати дигаре низ ҳаст. Агар одам худдонам, бо такаббур бошаду шунидаашро, ҳамин ки аз остонаи хона баромад, аз ёд барорад, ҳаргиз оқил намешавад.

Хирадманде шояд оид ба ин гуна ашхос гуфта: «Аз таълимдиҳии одамоне, ки суханатро ба гӯш намегиранд, нигоҳубини хукҳо беҳтар аст, ки туро мешиносанд».

**Саволҳо:**

1. Ақлро чӣ хел парвариш кардан лозим?
2. Одам меҳнат кунад, чӣ мегирад?
3. Ба одами худписанд чӣ баҳо медиҳед?
4. Чаро аз одами насиҳатношунав хук беҳтар будааст?

**Супориш:** Шарҳи калимаҳоро хонед:

**зеҳн** – фаҳм, зудфаҳмӣ;
**заковат** – шахси заковатманд, одами боақл;
**ашхос** – шахсҳо, одамон; **қодир** - ӯҳдабаро, тайёр, омода.

**Машқи 1.** Аз калимаҳои **доно, нодон, далер** истифода карда ҷумла тартиб диҳед.

*Намуна*: Аз сӯҳбати доно дил равшан мешавад.

**Супориш:**

1. Кадоми ин калимаҳо ба шумо хуш омад? – **Далер, мард, хушрафтор, танбал, коргурез, дурӯғгӯй.**
2. Мақолро аз ёд кунед.

**Сухан шунидан адаб аст.**

**Машқи 2.** Калимаҳоро шарҳ диҳед:

**ниёгон** .... **химча** .... **мардум** ....
**хирман** .... **кулолӣ** .... **зарф** ....

*Намуна*: ***кулол*** – шахсе, ки аз гил коса, кӯза, чойник месозад.
***ниёгон*** – аҷдодон, гузаштагон, бобоён.

**Супориш:** Муқобилмаънои ин калимаҳоро ёбед: **бад, тоза, дароз, доно.**

*Намуна*: **бад** – нек, ...

**Машқи 3.** Ба ин саволҳо ҷавоб нависед:

1. Ба воситаи сухан одамон чиро ифода мекунанд?
2. Ба одаме, ки бемаврид сухан мегӯяд, шумо чӣ баҳо медиҳед?
3. Ба одами меҳнатӣ чӣ баҳо додан мумкин аст?

## ДАРСҲОИ 45 – 46

## КАБӮТАР

Сайёде барои рӯзгузаронӣ дом ниҳода буд.

Иттифоқо, кабӯтаре бо зоғон бар он дом нишастанд. Ҳангоме ки сайёд ҳайкали худро намудор кард, зоғон фирор карданд, аммо кабӯтари баргаштабахт ба дом афтод.

Чун сайёд ба сари дом омад, кабӯтар аз гирифтории

худ дар изтироб буд ва барои наҷоти худ узрҳо баён намуда мегуфт:

- Ман паррандаи соддаам, ҳамеша хайрхоҳи инсонам, хизмати падар ва модарро ба ҷо меорам, ҳашароти зараркунандаро нобуд менамоям. Агар аз карам ва шафқат наҷотам диҳӣ, айни навозиш аст.

Сайёд гуфт:

- Он чӣ гуфтӣ, рост гуфтӣ, вале ин гирифтории аз ҳамсӯҳбатии бадон ба ту расидааст. Агар ту насиҳати падар ва модарро гӯш карда бо бадон ҳамсӯҳбат намешудӣ, албатта, ин бало ба сарат намеомад. Ту ғофилӣ, намедонӣ, ки шараф дар сӯҳбати некон аст.



**Луғат:** **ҳайкал** – қомат, пайкара
**фирор** – гурехтан
**баргаштабахт** – бадбахт, бетолеъ

**дом** – тӯр, чела
**изтироб** – ҳаяҷон, тарс, беқарор.

**Супориш:**

I. Аз рӯйи нақша нақл нависед:

1. Дар доми сайёд кадом паррандаҳо нишастанд?
2. Чӣ ба доми сайёд афтид?
3. Кабӯтар барои наҷоти худ чӣ узрҳо баён кард?
4. Сайёд чӣ гуфт?
5. Агар шумо сайёд мебудед, кабӯтарро озод мекардед?
6. Ба ҷойи кабӯтар будан мехоҳед?

II. Ин пандҳоро аз ёд кунед:

– Аз фармонҳо кадом фармонро хор набояд дошт.
Гуфт:
– Фармони оқилон ва падару модарро.

## ДАРСҲОИ 47–48

## ДАНДОН

Дандон барои одам бисёр зарур ва фоиданок аст. Одам бо дандон нон, гӯшт ва дигар хӯрокҳоро бурида, майда карда мехӯрад.

Дандон ҳама чизҳои хӯрданиро майда мекунад.

Агар ту дандон нашӯӣ, вай чиркин шуда даҳонат бадбӯй мешавад.

Чормағз, донаки зардолу, бодом ва дигар чизҳои сахтро бо дандон шиканӣ, вай лат мехӯрад, мекафад. Ҳамин ки дар кафидагиҳо оби хунук, чой ва хӯроки гарм даромад, дандонат дард мекунад.

Чизҳои сахтро бо дандонат нашикан. Вақте ки оби хунукро хӯрдӣ, дандонат хунук мешавад. Дар ҳамин вақт зуд чой ва ё хӯроки ҷӯшонро нахӯр, чунки дандонат гарму хунук шуда мекафад.

Ана, барои ҳамин ҳам пас аз чизи хунук ё гармро хӯрдан даҳонатро бо оби ширгарм обгардон кун.

Барои он ки дандон чиркин ва даҳон бадбӯй нашавад, ҳар рӯз як бор дандонро бо хамираки дандоншӯй бишӯй.

Ҳамин тавр, агар дандонатро тоза нигоҳ дорӣ, даҳонат бадбӯй нашуда, дандонҳоят ҳам садаф барин сап-сафед ва бедард мешаванд. /

**Супориш:** Матнро хонед, хулосаатонро нақл кунед.

**Машқи 1.** Ба саволҳо ҷавоб нависед:

1. Агар дандонҳоро нашӯед чӣ мешавад?
2. Сабаби дарди дандон чист?
3. Бедардии дандонро дар чӣ мебинед?

**Машқи 2.** Гурӯҳи калимаҳои муқобилмаъноро ба дафтаратон нависед:

| | | |
|---|---|---|
| бисёр – кам | чиркин – тоза | сахт – нарм |
| сафед – сиёҳ | майда – калон | гарм – хунук |

**Машқи 3.** Ба саволҳо ҷавоб нависед:

1. Барои варзишгари хуб шудан чӣ кор кардан зарур аст?
2. Аъло хондан чиро талаб мекунад?
3. Вақти сухангӯии калонсолон чӣ кор мекунед?
4. Насиҳати бобоёнро чӣ кор кардан лозим аст?

**Супориш:** Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳо гузоред, ки ба амал мувофиқат кунанд:

1. …. қалам харидам.
2. … ба ҳаво париданд.
3. … дар ҳавлии мактаб бозӣ мекунанд.
4. …. шеърро хуб мехонанд.

## ДАРСИ 49

## ИМЛО

## ДАРСИ 50

## ҲИКОЯТИ МАРДИ ҲАРИС ВА ШЕР

Дар як шаҳр марде буд молдор ва давлатманд. Иттифоқо давлаташ рӯ ба пастӣ ниҳоду дар андак муддат қашшоқу бенаво гардид. Ночор ба сафар баромад. Рӯзе дар биёбоне расид. Дид, ки шере дар канораи чашмае хобидааст ва рӯбоҳу оҳу назди ӯ истодаанд. Мард ҳайрон шуд ва тарсону ларзон дар ҷойи худ истод.

Назари рӯбоҳу оҳу ба мард афтод. Онҳо ба якдигар гуфтанд, ки «агар шер низ ӯро бинад, бечораи мискинро хоҳад кушт. Маслиҳат он аст, ки ҳилае созем, то шер ӯро накушад ва чизе инъом диҳад».

Оҳу ва рӯбоҳ шерро дуо кардан гирифтанд:

- Саховатии ту чунон машҳур шудааст, ки имрӯз одамӣ назди ту омадааст ва умеди инъом дорад.

Шер ба мард назар кард ва ӯро назди худ талабида бисёр меҳрубонӣ намуд ва молу сарвати мардумонеро, ки то ин дам кушта буд, ба он мард бахшида рухсат дод.

Мард он сарватро бардошта ба хонаи худ бурд.

Баъди чанд рӯз он мард ба тамаъи мол боз назди шер рафт. Он рӯз гургу сагон пеши шер ҳозир буданд. Чун мардро диданд, ба шер арз карданд, ки:

– Ин одамӣ ниҳоят беадаб аст, бе рухсат назди шумо омадааст.

Шер дар ғазаб шуд ва барҷасту мардро пора-пора кард.

*Аз китоби «Гулзори Ҳикмат»*

**Луғат:** **ҳарис** – гурусначашм, хасис
**қашшоқ** – бенаво, камабағал, нодор, камабағал.

**Савол ва супориш:**

1. Кӣ ночор ба сафар баромад?

2. Мард дар биёбон чиро дид?
3. Рӯбоҳу оҳу чӣ тадбир карданд?
4. Чаро шер ба мард меҳрубонӣ намуда, ба ӯ молу сарват бахшид?
5. Чаро мард бори дуюм назди шер омад?
6. Ҳирс ва тамаъ одамро ба чӣ мерасонад?
7. Шумо худро ба ҷойи он мард, шер, рӯбоҳ ва оҳу гузоред ва илоҷи воқеаро ёбед.

**Машқи 1.** Инҳо ибора не, ҷумлаанд:

Бенаво гардид.
Ба сафар баромад.
Ба биёбон расид.
Дуо кардан гирифт.
Ба хонаи худ бурд.
Рухсат дод.
Пора-пора кард.
Чӣ кор кард? – баромад, дод,...

**Супориш:**

1. Маслиҳати рӯбоҳ ва оҳуро бори дигар хонед. Калимаҳои **мискин, тамаъ, инъом**-ро шарҳ диҳед.

   *Намуна*: ***инъом*** – тӯҳфа, ...

2. Имлои ин калимаҳоро машқ кунед: **иттифоқ, муддат, инъом, тамаъ, баъд, бад, шеър, шер.**

**Машқи 2.** Шарҳи калимаҳоро нависед:

**саховат** – кушодадастӣ, ... **сарват** – боигарӣ, дороӣ, ...
**тамаъкор** – ҳарис, гуруснаҷашм, ...

**Супориш:** Ин пандро нависед, аз ёд кунед:

- Кадом талхӣ бошад, ки он охир ширин гардад?
- Гуфт: - сабр.
- Кадом ширинӣ бошад, ки охир талх гардад?
- Шитоб.

# 8. АЛОМАТИ АШЁҲО

## ДАРСҲОИ 51 – 52

### БОҒҲОИ ДИЛКУШО

Ҳаво форам. Саҳрои васеъ, боғҳои дилкушо ва қирҳои зебо ороста гардидаанд. Рӯйи онҳо бо алафҳои кабуд, гулҳои сурх, киштҳои гуногун пӯшида шудааст. Шапалакҳои сурх, зард, сиёҳ ва сафед парида мегарданд. Паррандаҳо ба деворҳои пасту баланд, бомҳо ва ба рӯйи гулҳои рангоранг менишинанд, бо овозҳои шӯх месароянд.

*Садриддин Айнӣ*

**Супориш:**

1. Иборахои **саҳрои васеъ, боғҳои дилкушо, қирҳои зебо, алафҳои кабуд, гулҳои сурх, киштҳои гуногун, шапалакҳои сурх, зард, сиёҳ, сафед, деворҳои пасту баланд, гулҳои рангоранг, овозҳои шӯх**-ро навишта гиред ва савол гузоред.

*Намуна:* боғҳои (чӣ гуна?) **дилкушо.**

2. Бо иборахои **саҳрои васеъ, алафҳои кабуд, деворҳои пасту баланд, гулҳои рангоранг** ҷумлаҳо тартиб диҳед ва нависед.

**Машқи 1.** Ба ҷойи нуқтаҳо аломати ашёҳоро нависед:
Лолаи (чӣ гуна?)... сангҳои (чӣ хел?)... дарахтони (чӣ гуна?)...

**Супориш:**

1. Ин ашёҳоро аз ҷиҳати мазза, бӯй, ранг, ҳаҷм, масофа маънидод карда, савол гузоред: **анор, анҷир, лимӯ, афлесун,** …

*Намуна*: ***анор*** (чӣ хел?) – ширин, турш, …

2. Хонед:

| Савол: | Ҷавоб: |
|---|---|
| - нони (чӣ хел?) | - гарм, бомазза. |

- модари (чӣ хел?) - ғамхор, меҳрубон.
- дарахти (чӣ хел?) - баланд, сояафкан, соядор.
- одами (чӣ хел?) - нек, хуб, бад.

**Одамон ва ашёҳо аломат, хусусият, сифат доранд. Чӣ хел ва чӣ гуна будани ашё гуфта шавад, донистани ин осон мегардад.**

**Гарм, зебо, ғамхор, меҳрубон, баланд, паст, доно, нодон, бад, хуб** – ҳамаи ин хусусият, аломат ва ё сифати одам ё ашёанд. Аломату хусусияти ашёҳо ва одамон ба саволҳои «*чӣ хел*?», «*чӣ гуна*?», «*кадом*?» ҷавоб мешаванд.

**Машқи 2.** Ибораҳои **ҳавои форам, саҳрои васеъ, гулҳои рангоранг, овозҳои шӯх**-ро рӯбардор намуда, бо онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед ва савол гузоред.

**Супориш:**

I. Ба ин савол ҷавоб диҳед:

Баҳорон табиат либоси сабз ба бар мекунад, тирамоҳ-чӣ?

II. Ба саволҳо ҷавоб диҳед:

1. Шаб торик мешавад, рӯз чӣ?
2. Дарахт баланд мерӯяд, бутта чӣ?
3. Осмон баланд аст, замин чӣ?
4. Гург ҳайвони дарранда аст, гӯсфанд чӣ?

## ДАРСҲОИ 53 – 54

### ПОМИРИ МАН

Помири ман басо зебоманзар аст.

- Зебоии он дар чист? – шояд пурсед шумо. Помир обу ҳавои хуш, кӯҳҳои сарбафалаккашида, обҳои хунуку гарм ва шифобахш, боғу бӯстони пурмева, манзараҳои дилрабо ва дилнишин, лолазор ва гулзори хушрангу бӯю аҷибе



дорад. Ҳангоме ки бод мевазад, гулзор чун дарё мавҷ мезанад. Дар деҳаи Емчӣ ҳавзи калони гирдогирдаш марғзоре мавҷуд аст. Ҳангоми вазиши бод кас ба мавҷҳои ларзонаки об ва мавҷи рангини гулҳо нигариста, мафтун мегардад.

Дар яке аз рӯзҳои истироҳат боре ба «Гармчашма» рафтам. Баъди тамошо ба қуллаи кӯҳ баромадам. Аз баландии ин ҷо мавзеи зебое намудор аст. Хостам, ки болупар дошта бошаму парвоз карда мӯҳташамии кӯҳсорамро аз баландиҳо чун уқобони кӯҳистон мушоҳида кунам.

Ман табиати кӯҳистонамро хеле дӯст медорам, аз зебоии он меболам, мефахрам. Мисли ҳазорҳо одамон мекӯшам, ки зебоии диёрам рӯз аз рӯз афзун гардад ва ҳамеша бардавом бошад.

**Супориш:**

1. Матнро хонед, калимаҳоеро, ки ба саволҳои «*чӣ хел*?», «*чӣ гуна*?» ҷавоб мешаванд, ёфта ба дафтаратон нависед.

*Намуна*: чӣ хел? – ***хунук***, ...

2. Порчаро хонед, ба аломатҳои тирамоҳ савол гузоред:

Дасти боло, рӯи хандон, чашми сер,
Домани пурбор дорад тирамоҳ.

тирамоҳи (чӣ хел?) – **пурфайз**, ... (чӣ гуна?) – **хандон**,...

**Машқи 1.** Ба саволҳо ҷавоб диҳед:

1. Талабаеро, ки одобу ахлоқи нағз дорад, чӣ хел талаба мегӯем?
2. Талабае, ки ахлоқи бад дорад чӣ?
3. Одамеро, ки аз сояи худаш метарсад, чӣ хел одам меномем?

**Супориш:**

1. Шарҳи калимаҳои дар матн бударо хонед, ба ёд гиред:

**мавзеъ** – ҷой, макон; **мафтун** – ошиқ, дилбаста, дилдода;
**муҳиб** – дӯст; **гурӯҳ** – ҷамоат, як даста одамон.

2. Аломату хусусияти ашёҳоро муайян кунед: **шир, шамшер, забон, одам, дил, роҳ.**

*Намуна*: Забони ширин, ... Одами меҳрубон, ...

> **Ашё ва одамон бо аломату хусусияташон бо истифодаи И-и изофӣ алоқаманд мешаванд.**

*Намуна*: меваҳои шакарин

3. Ба ин иборахо савол гузоред: **боғҳои дилкушо, гулҳои сурх, шапалакҳои сурх, зард, сиёҳ, сафед, деворҳои пасту баланд.**

**Машқи 2.** Матнро хонед, аломати ашёҳоро гӯед:

Рӯзи офтобӣ буд. Осмон софу беғубор. Паррандагон нағмасароӣ мекарданд. Онҳо аз рӯзи неки офтобӣ, аз осмони соф, аз ризқу рӯзии фаровонашон шукр мегуфтанд.

**Супориш:**

1. Бо ибораҳои **рӯзи нек, осмони соф** ҷумла тартиб диҳед, ба калимаҳои ҷумлаи тартиб додаатон саволҳо гузоред.

2. Ба ин саволҳо ҷавоб нависед:

Чӣ хел пир? - … чӣ хел нутқ? - …
чӣ хел сухан? - … чӣ хел одам? - …
чӣ хел фикр? - …

*Намуна:* пири доно.

**Машқи 3.** Матни «Помири ман»-ро бори дигар хонед, ба ин иборахо савол гузоред:

*Ҳавои хуш. Кӯҳҳои сарбафалаккашида. Обҳои хунук. Боғҳои пурмева. Манзараи дилрабо.*

*Намуна*: чӣ хел ҳаво? – ***хуш***, ….

**Супориш:** Аз ҳарфҳои калимаи **сарбафалаккашида**, калимаҳои нав созед.

*Намуна*: ***Сарбафалаккашида*** – ба, сабр, барф, …

## ДАРСҲОИ 55 – 56

### БАҲОРИЯ

Баҳор омад, садои булбул омад,
Насими фораму бӯи гул омад.
Либоси сабзро саҳро ба бар кард,
Кулоҳи сап-сафед олу ба сар кард.
Пас аз боридани борони найсон,
Чӣ зебоянд дашту кӯҳсорон!
Баҳор омад, чаман гулпӯш омад,
Дили мо бачагон дар ҷӯш омад.
Давидему ба сӯи боғ рафтем,
Ҳама монанди гул болида гуфтем:
– Дарахти нав ба боғи нав шинонем,
Дарахти себу зардолу расонем.
Ба боғи мо дарахти нок рӯяд,
Анори лоларангу ток рӯяд.

*Мирзо Турсунзода*

**Супориш:**

1. Шеърро аз ёд кунед.
2. Шарҳи калимаҳои матнро хонед:

**садо** – овоз;

**найсон** – борони баҳор, маҳин;

**ҷӯш** – ҳаракат, ҷӯшу хурӯш....

**болида** – хурсандона, фахрида.

3. Дар матн кадом калимаҳо ба саволи «*чӣ?*», «*чӣ хел?*», «*чӣ кор кард?*» ҷавоб мешаванд?

*Намуна*: чӣ? – **баҳор**, ...

чӣ хел? – **сап-сафед**, ...

чӣ кор кард? – **омад**, ...

4. Ба саволҳо ҷавоб диҳед:

а). Чаро одамон дар фасли баҳор дарахт мешинонанд?

б). Дар боғи шумо кадом хели дарахт ҳаст?

в). Оё шумо ниҳол шинонидаед?

**Машқи 1.** Порчаи шеърро нависед, ифодаҳои **анори лоларанг**, **бор оранд**-ро шарҳ диҳед.

Ба боғи мо дарахти нок рӯяд,
Анори лоларангу ток рӯяд.
Ҳамон соле, ки онҳо бор оранд,
Ба мо хурсандии бисёр оранд. ...

**Супориш:**

1. Калимаҳоро шарҳ диҳед: **чаман, насим, найсон, бор.**

*Намуна*: ***чаман*** – гулзор, боғу бӯстон, ...

2. Ба ин саволҳо ҷавоб диҳед:

- чӣ омад?
- чаман чӣ кор кард? –

Чаман чӣ хел омад?–

Дили кӣ ба ҷӯш омад? –

Ба кӣ хурсандии бисёр оранд? –

*Намуна*: чӣ омад? – ***баҳор.***

**Машқи 2.** Ин ибораҳоро нависед, саволи мувофиқ гузоред:

**Либоси сабз** **Кулоҳи сафед** **Борони найсон**
**Дарахти нав** **Боғи нав** **Анори лоларанг**

*Намуна*: чӣ хел боғ? – **Боғи калон**, зебо, тоза, дилкаш.

**Супориш:**

1. Ба имлои ин калимаҳо эътибор диҳед: **бӯй, найсон, кӯҳсорон, чӣ, гулпӯш, ҷӯш, сӯй, рӯяд.**
2. Аз ҳарфҳои калимаи **лоларанг** калимаҳои нав созед.

*Намуна*: ***лоларанг*** – анор, …

**Машқи 3.** Ба ин калимаҳо саволҳои мувофиқ гузоред: **баҳор, омад, булбул, насим, форам, гул, сабз, либос, саҳро, кулоҳ, олу, борон, дашт, кӯҳсорон, давидем, рафтем.**

*Намуна*: чӣ кор кард? – **омад**, …
чӣ? – **баҳор**, … чӣ хел? – **форам**, …

**Супориш:**

1. Гӯед, ки ҳамин калимаҳо намешуданд, шоир шеър эҷод карда метавонист?
2. Дар хона дар мавзӯи «Боғи мо» ҳикояча нависед. Дар ҳикоячаатон ин калима ва ибораҳоро истифода баред: **зебо, дилкаш, дилкушо, меваҳои ширин, гулҳои зебо, хушнамуд, бӯйи гул.**

## ДАРСҲОИ 57 – 58

### ҲЕЗУМКАШ
**(Афсонаи халқӣ)**

Як ҳезумкаш табарашро гум мекунад, хуб мекобаду намеёбад. Ноумед шуда, ҷониби хонааш меравад. Як шахс (Хоҷаи Хизр) рӯ ба рӯ баромада мепурсад:

- Эй марди нек барои чӣ ғамгин ҳастӣ?
- Табарамро гум кардам, - ҷавоб медиҳад ҳузумкаш.

Ҳоҷаи Хизр ба замин хам шуда, як табари тилло мегираду мегӯяд:

- Ана ин табари шумо. Гиред.

- Не, ин табари ман нест, - мегӯяд ҳезумкаш.

Он шахс дубора хам шуда аз замин табари нуқрагин мебардорад ва мепурсад:

- Оё ин ҳам табари шумо нест.

- Не, ин табари ман нест, - мегӯяд ҳезумкаш.

Дафъаи саввум Ҳоҷаи Хизр аз замин як табари оддӣ гирифта ба ҳезумкаш дароз мекунад. Ҳезумкаш хурсанд шуда, «Ҳамин табари ман аст» мегӯяд.

Аз ин ҷавоб он шахс (Ҳоҷаи Хизр) хурсанд шуда, ба ҳезумкаш табарҳои тиллою нуқраро ҳам инъом кард.

**Саволҳо:**

1. Ҳезумкаш чиро гум кард?
2. Ба ҳезумкаш кӣ вохӯрд?
3. Ҳоҷаи Хизр ба ҳезумкаш чӣ хел табарҳо дод?
4. Ҳезумкаш кадом табарро гирифт?
5. Ҳоҷаи Хизр ба ҳезумкаш чӣ тӯҳфа кард?
6. Аз мазмуни афсона чӣ хулоса мебарояд?

## Ростиро завол нест

**Машқи 1.** Афсонаро бори дигар хонед. Ибораҳои зеринро нависед ва савол гузоред: **табари тилло, табари нуқрагин, табари оддӣ.**

**Супориш:**

1. Ба ин калимаҳо савол гузоред: **мекобад, меравад, мепурсад, медиҳад, мегирад, инъом кард.**

*Намуна*: чӣ кор мекунад? – **мекобад, …**

2. Аломату хусусияти ин ҳайвонҳоро тасвир кунед: **уштур, хирс, рӯбоҳ, гург, саг.**

*Намуна*: Ранги рӯбоҳ зард аст. Тез меравад. Фиребгар аст. ...

**Машқи 2.**

Кадом одамон ва ашёҳо ба ин аломату хусусиятҳо мувофиқанд?

хуб, нек, бараҳм, меҳрубон.
васеъ, калон
серҳосил, камҳосил
нарм, сахт
зебо, гулдор, чакан, сурх, сафед
гарм, мулоим.

*Намуна*: меҳрубон – модар.

**Супориш:**

1. Ба калимаҳои **хушрӯй, мазза** калимаҳои ҳаммаъно ёбед.
2. Бо калимаҳои **далер, ҳушёр** ҷумла тартиб диҳед.
3. Ба ҷавоби саволҳо эътибор диҳед.

**Савол**: – Кадом кас ҳар ҷо, ки равад, ӯро дӯст доранд?
**Ҷавоб**: – Соҳиби илму адаб.

**Машқи 3.** Пандҳоро хонед, нависед, ба зери калимаҳои ифодакунандаи аломату хусусият хат кашед:

1. Он чиро, ки дигарон бо меҳнати ҳалол ба даст овардаанд, ту бе меҳнат магир.
2. Ҳар кӣ нафси худ калон мекунад, бенасиб мегардад.

**Супориш:** Бори дигар афсонаи «Ҳезумкаш»-ро хонед, калимаҳоро шарҳ диҳед. Кадоме аз ин калимаҳо дар афсона мавҷуданд?

**рост** – дурӯғ
**сиёҳ** – сафед
**хушк** – тар
**тез** – кунд
**ғамгин** – шод

## ДАРСҲОИ 59 – 60

### ТАРЗИ ЛИБОСПӮШӢ

Одамони донишманд аз замонҳои қадим пеш аз ҳама ба тозагии либос диққат додаанд. Тозагиро гарави саломатӣ ва саломатиро асоси хушбахтии инсон номидаанд. Инак, ҳар рӯз на либоси наву қиматбаҳо, балки риоя намудани тозагии либоси ҳаррӯза шарти асосӣ аст. Дар ҷойҳои ҷамъиятӣ бо либоси дарида, чиркин, бадбӯй, доруолуд, ранголуд даромадан лозим нест, то ки табъи дигаронро хира, либосашонро ифлос накунед.

**Савол ва супориш:** Калимаҳоро нависед:
**ҳикмат** – дониш, доноӣ.
**маърифат** – фаҳмидан, донистан, …
**оин** – одат, қоидаи либоспӯшӣ, ….

**Машқи 1.** Ба ин калимаҳо савол гузоред: **нав, қиматбаҳо, дарида, чиркин, бадбӯй, ранголуд.**

*Намуна*: либоси (чӣ хел?) – тоза, чиркин, ….

**Супориш:**

1. Ин калимаҳоро нависед: **ҷой, ҷамъият, бадбӯй.**
2. Калимаҳоро хонед, муқоиса кунед:

| | |
|---|---|
| чиркин – тоза | нав – кӯҳна |
| хира – равшан | дароз – кӯтоҳ |

3. Ин калимаҳоро шарҳ диҳед ва ҳаммаънои онҳоро номбар кунед: **шахс, анбӯҳ, рафиқ, одат, моҳир, нафосат.**

*Намуна*: ***Нафосат*** – нозук, латиф, …

**Машқи 2.** Ҷавоби ин саволҳоро хонед, қоидаҳоро риоя кунед:
1. Чӣ хел либосро либоси рӯзмарра ва кӯча мегӯянд?

**Пироҳан, костюм, шим, тоқӣ, плаш, палторо, ки одамон дар вақти кор, кӯча, сайру гашт, ба театр, музей**

**бо рафтан пӯшида мебароянд, либоси рӯзмарраву кӯча меноманд.**

2. Либоси тӯй чӣ? Либоси тӯёнаву идона ифодакунандаи вазъияти хушу хурсандии шахс аст. Дар айёми мо ду шакли либоси арӯсу домод маълум аст. Яке миллӣ, дигаре муосир.

## ДАРСҲОИ 61 – 62

## ҶАСУРИ НАКӮКОР ВА ГУРБАИ БАДКИРДОР

(Ҳикоя)

Дар як ҳавлии васеъ ва сердолу дарахт паррандагони гуногун: мусича, кафтар, чӯр, майна ва гунҷишкакони зиёд бо шӯру шанг, бо суруду хонишҳои оҳангдору форами худ тифоқона зиндагӣ мекарданд. Онҳо ҷуфт-ҷуфт, села-села буданд ва ҳар ҷуфт лонаи худро дошт, байни онҳо гоҳ-гоҳ афту дарафт ва ҷанҷол шавад ҳам, вале ба душманӣ намерасид. Калонҳо ва обрӯмандони села зуд дар миён даромада ҷангараҳоро халос карда, танбеҳ ва оштӣ медоданд, ҳар кадом якдигарро мешинохт ва эҳтиром мекард. Ин паррандагони гуногун дар ин ҳавлии осоиштаю бабаракат ва сердону ризқ мисли як хонадон буданд. Ба ин ҳавлӣ гурбаи Зарде низ гоҳ-гоҳ аз ҳавлии ҳамсоя меомад. Ҳамаи паррандагон гурбаро бад медиданд ва тифоқан ба ӯ дармеафтиданд. Ин гурба пайти мувофиқ ёфта ба чӯҷаҳои навболу камқуввати паррандагон ҳамла мекард, баъзан ягонто аз онҳоро луқмаи худ месохт. Ҳатто баъзан ба лонаҳои паррандагон бо чашми тамаъ менигарист. Ин гурба ҳам фиребгар буд, ҳам бераҳм.

Як рӯзи баҳорӣ гурба, ки сер буд, лавандона дар офтобрӯя дароз кашида роҳат мекард. На хоб буданаш маълум буд, на бедориаш, гӯё ҳила мекард. Паррандагон, ки аз ҳиллаю найранги гурбаи бадкирдор борҳо огоҳ шуда

буданд, эҳтиёткорона аз пайи ҷустуҷӯи доне, мағзу ризқи худ мешуданд, чашми эҳтиёту ҳазар аз гурба намеканданд.

Дар миёни гунҷишкакон гунҷишкаке буд, ки хеле зӯрманд ва накӯкор. Вай накӯкорӣ, боқувватӣ ва далериашро дар чандин задухӯрдҳо, халоскунӣ ва танбеҳу оштидиҳиҳо исбот намуда, обрӯ пайдо карда буд. Бинобар ин паррандагон боэҳтиром ӯро Ҷасур меномиданд. Ана ҳамин Ҷасур бо занаш дар навдаи дарахт нишаста рафтори гурбаро назора мекард, то ки аз нияти бади ӯ дӯстонашро сари вақт огоҳ намояд. Дар ин вақт малахаке паридаю ҷаҳида омад ва дар пеши гурба нишаст ва гӯё Ҷасурро мазоқ мекарда бошад, парҳояшро ҷунбондаю афшонда тоза мекард ва офтоб медод. Чашмони Ҷасур аз дидани сайди хуштаъму луқмаи лазиз дурахшиданд ва ба занаш орзумандона гуфт:
- ҳамин ҳоло малахаки ширину нармак мехоҳӣ?



- Занаш, ки дар кучо будани малахро ҳанӯз надида буд, гуфт: - Бале, мехоҳам, кайҳо боз малах нахӯрдаам. Вале ҳамин лаҳза дар кучо будани малахро дид ва гапашро гардонда гирифт: - Не, не, Ҷасурҷон, ин хеле хавфи зиёд дорад, нобуд мешавӣ, ман ҳеҷ малах намехоҳам…

Вале дер шуда буд. Ҷасур фиррӣ карда мисли калхот худро ба малах расонд ва онро фавран нӯл зада гирифт ва фиррӣ парвоз карда ба паҳлӯи занаш баргашт ва ба тановули ӯ малахро наздаш гузошт. Ҳамаи ин шикори пурхатар дар як мижжа задан воқеъ гардид, ки аз он ҳам гурбаи дар ғафлатмонда ва ҳам дӯстони Ҷасур моту маҳбут шуданд. Гурбаи бадкирдори ғофил мяв-мявкунон ва фарёдзанон думи худро гоҳ сих мекард, гоҳ бо шаст меҷунбонду бо хашми шерона ба Ҷасур бо чашмони хунгирифтааш таҳдид менамуд. Ҷасури ғолиб ба ҳоли душмани мағлубаш қоҳ-қоҳ механдид ва ӯро бо думликконӣ ва сарҷунбонӣ мазоқ мекард. Паррандагон аз ин далерии густохонаи дӯсти худ завқ мебурданд, садоҳои аҳсану офарин мебароварданд: Ҷасури доно, Ҷасури тавоно, Ҷасури нотарсу чолок, Ҷасури тезкор. Ба ин тариқ чанд рӯз қаҳрамонии Ҷасур, ғалабаи гӯшношуниди ӯ ва шармандагии гурбаи Зард вирди забонҳо буд…. Ҷасури мо аз ин корнамоию таърифҳои дӯстон фахрид, ҳаво гирифту манӣ кард.

Аз шармсории худ гурбаи Зард як ҳафта, шояд бештар ба ин ҳавлӣ наомад. Аммо вай тайёрӣ медид. Мехост қасосашро аз Ҷасур ё ягон паррандаи дигар бигирад.

**Савол ва супориш:**

1. Ҳикояро хонед ва мазмунашро нақл кунед.
2. Дар ҳавлӣ чиҳо зиндагӣ мекарданд?

3. Нависед, ки Ҷасур чӣ хел гунҷишк буд?
4. Гурбаи Зард чӣ хислатҳо дошт?
5. Ҷасур бо кадом сабаб аз худ фахрид?
6. Фахр кардан аз кори худ оё хуб аст?
7. Сарҳати пеш аз ҷумлаи охиринро ба нақшаҳо тақсим карда хонед.

**Машқи 1.** Ин ибораҳоро хонед, ба имлои калимаҳо диққат диҳед: **гурбаи бадкирдор, малахи хушрӯй, чӯҷаҳои навбол, луқмаи лазиз, чашми тамаъ, Ҷасури доно, гунҷишки зӯрманд, гурбаи шарманда.**

**Супориш:** 1. Шарҳи калимаҳоро хонед:
**ҳазм** – ҳал кардани таом дар меъда;
**машом** – димоғ, бинӣ.
2. Аз ин ибораҳо ҷумла тартиб диҳед:
**гунҷишки зӯр** **нияти бад** **малахаки нармак**
*Намуна*: Нияти бад ба бадӣ мебарад.

**Машқи 2.**

Дар сутуни якум ашёҳо, дар сутуни дуюм аломатҳои онҳо дода шудааст, онҳоро алоқаманд кунед:

| | |
|---|---|
| пиёла | хунук |
| даст | тоза |
| ранг | тира |
| об | хунук |

*Намуна*: оби тоза, …

**Супориш:**
1. Ҷумларо хонед, он ҷо, ки аломати вергул (,) аст, каме ист кунед:
Онҳо ҷуфт-ҷуфт, села-села буданд ва ҳар ҷуфт лонаи худро дошт, байни онҳо гоҳ-гоҳ афту дарафт ва ҷанҷол шавад ҳам, вале ба душманӣ намерасид.
2. Ба имлои ин калимаҳо эътибор диҳед: **Танбеҳ, осоишта, мазоқ, луқма, хуштаъм, хавф, бадкирдор.**

3. Ибораҳои **нӯши ҷон шавад, нури дида, умри ҷовид**-ро шарҳ диҳед.

*Намуна*: **умри ҷовид** – умри абадӣ.

## ДАРСҲОИ 63–64

## ҲИЛАИ ГУРБА

Рӯзе гурба пораи нони ёфтаашро махсус нонреза кард ва дар ҷойи аввала пошида, худро ба хоб зад. Вай нимхобу нимбедор буд. Мепоид, ки ягон паррандаи содда барои нонрезахӯрӣ поён фуроянд. Паррандаҳо ин ҳилаи гурбаро медиданд ва мефаҳмиданд. Ин ҳилларо Ҷасур ҳам диду фаҳмид, вале вай аз таърифҳои беҳади дӯстон ҳаво гирифта буд, ба тезпарвозии худ аз будаш зиёд боварӣ дошт. Пайти мувофиқ ёфта, ба занаш оҳиста гӯшакӣ кард: ҳамин дам ба ту нонреза меорам. Занаш фурсати эътироз кардан ва монеъ шудан наёфт. Ҷасур беовоз парвоз карда пеши нонрезаҳо тавре нишаст, ки гурба нашунид ва надид. Ҷасур метавонист номаълумакак нонрезаи аз ҳама калонро гирифта парвоз кунад, зеро гурба дар ғафлат буд. Вале Ҷасур худписандонаю намоишкорона аз пеши як нонреза ба дигараш ҷаҳид, гӯё, ки аз ҳеҷ чиз наметарсид ва гӯё гурбаи ғаддор дар ҳамин ҷо набошад… Гурба якбора хез зада бо дасти росташ Ҷасурро доштанӣ шуд… Ҷасур бо тамоми суръату қувваташ дар ҳавли ҷон парвоз кард…. Фиғони гурбаю зани Ҷасур ва дигар паррандагон гӯё ҳавлиро ба осмон бардошт…. Ҷасур бо ҳазор машаққат ва бо шарофати чолокӣ худро аз чанголи гурба халос кард, вале думи зебои ӯ дар дасти гурба монда буд. Шиддати дарду тарс бадану вуҷуди Ҷасурро ба ларза оварда буд. Ӯ ҳам аз дард, ҳам аз тарс ва ҳам аз шарм меларзид… Аксари

паррандаҳо ба дарди Ҷасуру зани ӯ шарик буданд. Вале як қисми онҳо нотавонбин ҳам буданд, мазоқ мекарданд:

-Ҷасури бедум, Ҷасури шарманда, Ҷасури безеб... Аз дарди ҷонкоҳ, аз мағлубият, аз ин мазоқҳо Ҷасур хеле лоғар шуд, бо касе гап намезад, аз дӯстон мегурехт, ғамгин буд. Ин вазъияти Ҷасур ду-се ҳафта давом дод. Гурба ҳам аз тарси ғавғо ва ҳуҷумҳои бошиддати паррандагон ба ин ҳавлӣ дигар намеомад.

Рӯзе ҳамсояи Ҷасур чӯҷаҳои навболи худро парвоз меомӯхт. Ҳама бо шавқу завқ парвозҳои ноӯҳдабароёнаи навболҳоро тамошо мекарданд, бо чириқ-чириқи рӯҳбаландкунанда онҳоро сафарбар менамуданд.

Якбора яке аз навболон, ки хеле хаста шуда буд, ба рӯйи ҳавлӣ нишаст, дигар парвоз кардан наметавонист. Ҳама ӯро ба парвоз даъват мекарданд, тела медоданд, вале ӯ аз ҷой ду-се қадам мемонду парвоз кардан намехост, гиря мекард: очаҷон-очаҷон, монда шудам, мегуфт... Дар ин асно дар болои бом гурба намоён шуд. Паррандаҳо ба вай дарафтиданд, вале ӯ ҳамоно чашм ба сӯйи навбол поин мефуромад, ба навдаҳои дарахтони зери бом буда часпида-часпида поин мефуромад... Гурба хеле наздик шуда буд. Паррандаҳо ду тақсим шуданд. Гурӯҳи зиёдтар ба гурба дармеафтиданд, гурӯҳи хурд бо ҳамроҳии падару модари навбол гирди ӯ парвоз мекарданд, хез, мегуфтанд, парвоз кун, мегуфтанд, бардоштанӣ мешуданд. Вале ҳайҳот, зӯри ягонтаи онҳо намерасид, ки навболро боло бардорад. Ана, дар ҳамин лаҳзаи мудҳишу хатарнок Ҷасур наъра зад: як тараф истед! Роҳ диҳед! Ҳама аз навбол дуртар шуданд, ҳайрон буданд, ки Ҷасур чӣ кор мекарда бошад? Ҷасур боз корнамоӣ кард! Худро ба навбол бо суръати баланд расонда

аз пушти гарданаш бо панҷаҳои боқуваташ маҳкам қапид ва бо шаст боло бардошт ва парида ба шохи дарахти баланд нишаст. Навбол бо панҷачаҳои худ навдаеро сахт дошта нишаст. Ҳамин лаҳза падару модари навбол расиданд, ӯро оғӯш карданд, бӯсиданд... Тамоми паррандаҳо аз ин ғалабаю корнамоӣ ва накӯкории Ҷасур фарёди шодмонӣ, фарёди зафар бардоштанд. Ҳамин лаҳза зани Ҷасур фарёди баландтари шодӣ баровард: Ҷасурҷон, Ҷасурҷон, бин, ту дум баровардӣ, боз думдор шудӣ! Паррандаҳо бо шодии боз ҳам зиёдтар Ҷасурро ҳам бо ғалабааш ва ҳам бо думи наваш табрик мекарданд... Дар ҳавлӣ як базму тантана, базми ғалабаи некӣ бар бадӣ идома дошт. Ба шарофати некӣ навбол зинда монд. Ҷасур думдор шуд...

Нек дарёбу бад макун зинҳор,
Ки баду нек боз хоҳӣ дид.

*Файзулло Шарифов*

**Луғат:**

**сердол** – бутта, алаф
**пайт** – лаҳза, вақт
**ҳазар** – дурӣ, нафрат
**хуштаъм** – бомаза, ширин
**луқма** – пораи хӯрданӣ, чизи хӯрданӣ
**ҳаво гирифтан** – мағрур шудан, худписандӣ
**навбол** – навпарвоз, паррончак
**наъра** – фарёд, дод.

**Супориш:**

1. Сифатҳои Ҷасур ва гурбаро дар ду сутун нависед.
2. Хонед. Мазмуни ҳикояро нақл кунед.
3. Матнро ба нақшҳо тақсим карда хонед.

**Машқи 1.** а) Аз матн суханҳои зани Ҷасурро ёфта нависед.

б) Ифодаҳои: **як мижжа задан, моту маҳбут, Чашмони хунгирифта, гӯшакӣ кард**-ро шарҳ диҳед.

**Машқи 2.** Луғатҳоро аз ёд кунед, бо онҳо даҳонӣ ҷумлаҳо созед.

**Машқи 3.** Бо ибораҳои: **лаҳзаи хавфнок, панҷаҳои боқувват, ҳавои баҳор** ҷумлаҳо тартиб диҳед, нависед.

## ДАРСҲОИ 65–66

## БӮЙИ ХУШИ СУМАНАК

Аз мактаб ба хона омадам. Дар рӯйи ҳавлиамон касе набуд, аммо аз ошхона дуд мебаромад. Либосҳоямро иваз карда ба даҳлез баромадам. Акнун бӯйи хуше ба машомам расид. Ба ошхона давидам. Бибиам дар деги болои танӯр чизеро бо кафгир тагу рӯ мекард.

Вай чунон ба шавқ ҷунбуҷӯл дошт, ки ҳатто омадани маро пай набурд.

- Чӣ мепазед, бибӣ?

- Суманак, духтарам. Охир суманак таоми идонаи наврӯзӣ аст, гуфт бибиам.

Ман ба ӯ ёрӣ расондам. То аз кор омадани падару модарам суманак ҳам пухт. Аз он ҳам худамон хӯрдем ва ҳам ба ҳамсояҳо додем.

Бӯйи хуши суманак ба шарофати бибии ҳунармандам ҳар баҳор аввал дар ҳавлии мо паҳн мегардад. Гӯё бо тароватӣ гуворои суманак ба хонадони мо баҳор меҳмон мешавад.

**Супориш:** Матнро хонед. Нақл кунед, ки шумо чӣ тавр Наврӯзро пешвоз мегиред. Мазмуни калимаҳои: **машом, даҳлез, таровати гуворо**-ро шарҳ диҳед.

**Машқи 1.** Аломату хусусияти ашёҳоро аз матн ёфта нависед ва савол гузоред:

*Намуна*: бўйи хуш – чӣ хел бўй?

**Супориш:**

1. Муколамаи набераю бибиро аз матн ҷудо карда нависед.
2. Аломати ин ашёҳоро муайян кунед:

бибӣ... ҳавлӣ... суманак ...
бўй... баҳор ...

*Намуна*: **бибӣ** – меҳрубон, ширинзабон, ҳунарманд, ғамхор, дилсўз, ...

**Рўзи наврўз аст, айёми баҳор,**
**Гул шукуфту гашт олам лолазор.**

**Супориш:**

1. Дар бораи Наврўз шеър хонед.
2. Расми ягон гули баҳориро дар дафтаратон кашед.

**Машқи 2.** Мазмуни расмро нақл кунед. Оид ба амали бачаҳо яктоӣ ҷумла нависед.

**Супориш:** Ба бачаҳо ном монед. Ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоред. Онҳоро ба гурўҳҳо тақсим кунед, 1-2 ҷумла созед.

**Машқи 3.** Калимаҳо ва шарҳи онҳоро нависед:

**Шарофат** – бошарофат, обрўманд.
**ҷунбуҷўл** – ҳаракат, машғули кор.
**кафгир** – асбобе, ки бо вай хўрокҳои ғайриобакиро мекашанд.
**таъом** – ғизо, хўрок.
**тароват** – тозагӣ, шодобӣ.
**гуворо** – форам, хуш.

**Супориш:** Бо калимаҳои **гуворо, форам** ду ҷумла нависед ва нақшаи онҳоро кашед.

## ДАРСҲОИ 67 – 68

### НАВРӮЗ

Наврӯз иди солинавии мо – тоҷикон ва як қатор халқҳои дигар мебошад. 21-уми март шабу рӯз баробар шуда, ҳаво мӯътадил мегардад. Аз барфу хунукиҳои зимистон осоре намемонад.

Дар ин вақт деҳқонон ба киштукор сар мекунанд. Бобоёни мо баробаршавии шабу рӯз ва саршавии соли деҳқониро аз замонҳои хеле қадим Наврӯз номида, ид мекунанд.

Одамон шаби 21-уми март бо дӯстони худ ҷамъ шуда, хонаҳоро бо кабудию гулҳои гуногун зинат медоданд, дастурхони наврӯзӣ ороста, соли навро истиқбол менамуданд.

Ҳоло дар Ватани мо соли навро ҳамин тавр ҷашн мегиранд.



Азбаски Наврӯз дар фасли баҳор меояд, кӯҳу саҳро, дашту биёбон ҳама сабзу гулпӯш мешавад. Ба доманаи кӯҳу водиҳои зебои диёрамон баромада сайру гашт кардан ба кас рӯҳи тоза ва шодӣ мебахшад.

Бинобар ин бисёр шоирон дар васфи Наврӯз суруду таронаҳо гуфтаанд. Халқ низ дар бораи Наврӯз суруду таронаҳои бисёре эҷод кардааст.

**Супориш:** Ин таронаро аз ёд кунед:

Расад аз кӯҳсорон бӯйи Наврӯз,
Ҳама олам ба гуфтугӯйи Наврӯз.
Ҳаво дар пуштаҳо борон гирифтаст,
Равон аст аз заминҳо ҷӯйи Наврӯз.

**Луғат:** **мӯътадил** – мулоим, форам.
**истиқбол** – пешвоз.
**ҷашн** – ид.

**Саволҳо:**

1. Наврӯзро кай ид мекунанд?
2. Мардум дар кучаҳо сайру гашт мекунад?
3. Дар ҷойҳои шумо кай Наврӯз мешавад?

**Супориш:** Сарҳати охири матнро аз ёд кунед.

**Машқи 1.** Сарҳати аввали матни «Наврӯз»-ро нависед.

**Супориш:**

1. Ҷумлаи «Аз барфу хунукиҳои зимистон осоре намемонад»-ро шарҳ диҳед.
2. Акси маънои калимаҳоро гӯед ва монанди ин намуна нависед: *шаб – рӯз*

| | | | |
|---|---|---|---|
| хунукӣ – | зимистон – | бисёр – | нав – |
| зебо – | тоза – | шодӣ – | |

Наврӯзи навбаҳорон ҳам мавсими гул омад,
Аз кӯҳу дашту саҳро овози булбул омад.
Мо кӯдакони хушбахт мурғони хушнавоем,
Аз шавқу шодии мо атроф ба ғул-ғул омад.

**Машқи 2.** Барои калимаҳои сутунҳои якуму дуюм аз сутунҳои сеюму чорум калимаҳои мувофиқ ёфта хонед:

| | | | |
|---|---|---|---|
| мамлакати... | иморати ... | хушбӯй | сиёҳ |
| гули... | мавизи.... | бузург | хиштин |
| табари... | харбузаи.... | васеъ | баланд |
| кӯчаи... | кӯҳӣ... | тез | ширин |

**Супориш:** Аз машқи 2 сифатҳоро интихоб карда ду ҷумла нависед.

## ДАРСҲОИ 69 – 70

## МАН ИНСОНИ КОМИЛ НЕСТАМ, АГАР...

- ба дигарон ҳасад барам;
- дар вақти хӯрдани ғизо фақиронро ёд накунам;
- мунтазир шавам, ки дигарон ба ман салом диҳанд;
- чизеро надонаму аммо аз савол кардан ор кунам;
- ба ваъдаам вафо накунам;
- некии ночизе карда миннат кунам;
- тоби шунидани сухани ҳақ надошта бошам;
- рози дигаронро фош кунам;
- чизеро, ки барои худ announced написандам, барои дигарон раво бинам;
- ғайбати касеро карданду ман аз он хушҳол шавам;
- вақтамро беҳуда талаф кунам;
- дар амонат хиёнат намоям;
- сер бошаму аз ҳоли гуруснагон бехабар бимонам.

**Саволҳо:**

1. Кадом хислатҳо қадри инсонро паст мекунад?

2. Чаро мегӯянд, ки фалон одам хислатҳои бад дорад?
3. Кадоми ин калимаҳо ба шумо наздик аст? – : **ҳасад, хашм, ғайбат, хиёнат,** ***покӣ, ростӣ, сабр, муҳаббат, хоксорӣ.***

**Машқи 1.** Хислатҳои хубу бади ҳамсинфонатонро нависед:
Неъмат, тунд, танбал, …  Комил: оқил, хоксор, …

**Машқи 2.** Аз рӯйи аломату хусусиятҳо ҳайвонҳоро муайян кунед.


**Чаққон, тарсончак, фоиданок.**


**Дарранда, калон, зӯр.**


**Ҳилагар, зард, фарбеҳ.**


**Майдаяк, хордор, фоиданок.**

**Супориш:** 1. Калимаҳоро нависед: **аммо, ваъда, баъд, миннат, талаф, хиёнат.**
2. Шарҳи калимаҳоро хонед: **хиёнат** – бевафоӣ, фиреб; **талаф** – нобуд кардан; **миннат** – ба касе некие карда онро ба ёди вай овардан; **бебок** – нотарс, далер, ҷасур; **кӯмак** – ёрӣ; **наҷот** – халосӣ.

**Машқи 3.** Боз кадом ҳайвонҳоро медонед, хислатҳои онҳоро аввал нақл кунед, баъд бо 2-3 калима нависед.

## ДАРСҲОИ 71 – 72

### ЭЙ КАБӮТАР

Туро ман мепарастам, эй кабӯтар,
Нигаҳбони ту ҳастам, эй кабӯтар!
Пару боли сафедатро бибӯсам,
Биё биншин, ба дастам, эй кабӯтар!
Туӣ рамзи баҳори зиндагонӣ,
Туӣ пайки зафарҳои амонӣ.
Дар ин субҳи сафои иди фирӯз,
Ту ҷавлонгар ба авҷи осмонӣ.
Ба монанди насими шӯху форам,
Бирав озод ба ҳар як кунҷи олам.
Туро ҳамчун навиди шодии нав,
Бигирад пешвоз авлоди одам.
Туро ман мепарастам, эй кабӯтар,
Нигаҳбони ту ҳастам, эй кабӯтар!
Пару боли сафедатро бибӯсам,
Биё биншин, ба дастам, эй кабӯтар!

*Алӣ Бобоҷон*

**Супориш:** Кабӯтар ва мусичаро бо ҳам муқоиса намоед.

**Машқи 1.** Калимаҳои зеринро шарҳ диҳед: **мепарастам, сафо, навид, авлод.** *Намуна*: **Авлод** - хешу табор, аҳлу ақрабо.

**Супориш:**

1. Калимаҳои **насим, форам, олам, шӯх, навид**-ро эзоҳ диҳед: *Намуна*: насим - бод, ...
2. Ба калимаҳои **насим, форам,** калимаҳои ҳаммаъно ёбед.

**Машқи 2.** Банди дуюми шеърро нависед, мазмуни ҳар як мисраъро шарҳ диҳед.

**Супориш:**

1. Ин калимаҳоро ба гурӯҳҳои ҳаммаъно ҷудо кунед: **кабӯтар, кафтар, бол, қаноат, субҳ, саҳар, сафо, пок, тоза, соф, осмон, само, насим, бод, шамол, форам, мулоим, мӯътадил, олам, дунё, ҷаҳон, гетӣ, давр, шодӣ, хурсандӣ, фараҳ.**

*Намуна*: **осмон** – само.

2. Ба ин калимаҳо чӣ хел савол мегузоред?: – **сафед, сафо, шӯх, нав, тоза, нағз, форам.**

*Намуна*: сафед - чӣ хел?

3. Ибораҳоро нависед:

**Субҳи сафо** – покӣ, тозагӣ, равшанӣ,...
**Насими шӯх** – зебо,...
**Навиди шодӣ** – хабари хуш, хабари тоза
**Авҷи осмон** – баландтарин нуқта.

**Машқи 3.** Матнро хонед, калимаҳоеро, ки ба саволҳои «*чӣ хел?*», «*чӣ гуна?*» ҷавоб мешаванд, гӯед:

Дар болои гули сафед шапалаки сафед нишаст. Дар болои гули зард шапалаки зард нишаст. Шапалаки сиёҳ ба болои гули сурх нишаст. Фароштурук омад. Ӯ шапалаки сиёҳро дид. Дар як лаҳза ӯро дошт.

**Супориш:**

**1.** Ба ин калимаҳо савол гузоред ва ба ёд оваред, ки амал ва ҳаракати ашёҳо ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд?
**нишаст, омад, дид, дошт.**

*Намуна*: чӣ кор кард? - дошт, ...

2. Ба ин ибораҳо савол гузоред.

Шапалаки сафед. Шапалаки сиёҳ. Гули сурх. Гули сафед.

*Намуна*: чӣ? - **гул**; чӣ хел? - **сафед**.

3. Ба ёд оред, ки номи ашёҳо ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд?

*Намуна*: кӣ? - **талаба**, ... киҳо? - **талабаҳо**, ...
чӣ? - **кӯҳ**, ... чиҳо? - **кӯҳҳо**, ...

## ДАРСҲОИ 73–74

## ДАР ГИРДИ МИЗИ ХӮРОКХӮРӢ

Нонро бо чангак не, бо даст гир. Нонро пора карда хӯр. Нони бутунро нагаз. Ба нони бутун маска намол. Ба пораи хурди нон маска молида хӯр. Бо нӯги корд чизе нахӯр. Кордро ҳеҷ гоҳ сӯйи даҳон набар. Бо ёрии корд ба чангак хӯрданӣ нагузор. Луқмаро он қадар андоза кун, ки безаҳмат ба воситаи худи чангак гирифтан мумкин бошад.

Тез-тез хӯрок нахӯр. Калон-калон луқма нагир. Оринҷро рӯйи миз намон, ба паҳлӯ ҷафс намо. Пиёларо бисёр баланд набардор. Чизеро, ки бо чангак хӯрдан мумкин бошад, бо қошуқ нахӯр.



Бахри хӯрдани охирин қошуқи шӯрбо ва дигар намуди хӯрок ё пораи охирини гӯшт ҷадал нанамо. Устухонро ба коса туф накун, чангак, ки лозим нашуд, онро ба даҳонат нагир ва ба тақсимча гузор. Донаи меваро ноаён ба қошуқ андоз.

Ба дастпоккунак, чангак ва дигар чизҳои рӯйи дастархон бозӣ накун.

Рӯятро бо дастпоккунаки дар сари мизи хӯрокхӯрӣ буда пок накун. Бо он танҳо лабонро тоза кардан мумкин аст.

Агар ба ҳамшафат чизе гуфтан хоҳӣ, пуштатро ба каси дигар нагардон. Ба сӯҳбати шахсони аз ҳамшафат он тараф нишаста ҳамроҳ нашав.

Бо даҳони пур аз хӯрок гап мазан. Худро дар курсии нишаст озод нигоҳ дор, ҳам нашав, такякунон ба пушт нанишин. Корду чангак ва қошуқро наафтон. Лекин агар афтонӣ, ҳайрон шуда наист, эътибор надеҳу дигарашро талаб карда гир.

**Супориш:** I. Ба саволҳо ба як калима ҷавоб диҳед:

1. Нонро бо чӣ мегиранд?
2. Кордро сӯйи даҳон мебаранд?
3. Тез-тез хӯрок хӯрдан мумкин аст?
4. Бо дастпоккунак ва дигар чизҳои болои дастархон бозӣ кардан мумкин аст?
5. Бо дастпоккунак рӯй тоза мекунанд ё даст?
6. Бо даҳони пур аз хӯрок гап задан мумкин аст?
7. Аз пеши дигарон пораи нонро гирифтан мумкин аст?

II. Ин калимаҳоро нависед: **пиёла, луқма, оринҷ, ҷафс, устухон, қошуқ, дастпоккунак, эътибор, шӯрбо, сӯҳбат, муқаддас,такя.**

III. Хонед, ба ёд гиред:

**ҷадал** – саъю кӯшиш; **эътибор** - аҳамият.

**Машқи 1.** Матнро бори дигар хонед, калимаҳоеро, ки ба саволҳои *«чӣ кор мекунад?»*, *«чӣ кор кард?»* ҷавоб мешаванд, нависед.

*Намуна*: чӣ кор кард? - гирифт,...
чӣ кор мекунад? - мехӯрад,...

**Супориш:** Бо калимаҳои **дастархон, дастпоккунак** ҷумла созед.

Пандҳоро хонед,аз ёд кунед:

– Чӣ чиз аст, ки мардро айб бошад?

– Гуфт - пурхӯрӣ.

– Кадом душман аст, ки аз дӯст азизтар?

– Гуфт - нафс.

Аз ҳарфҳои калимаи **хирадмандона** калимаҳои нав созед.
*Намуна*: хирадмандона: дона, хон,...

**Машқи 2.** Худатонро санҷед: ибораҳои: **буттаҳои сабз, хазинаи шеър, буттаҳои гул, суханҳои оқилона** -ро бо ҳамдигар муқоиса кунед ва гӯед, ки дар кадоми он сифат аст.

**Супориш:**

1. Калимаҳои **неку бад, сиёҳу сафед**-ро бо якдигар муқоиса кунед. Ба хотир биёред, ки боз кадом калимаҳоро муқоиса карда будем?
2. Калимаҳои: **даст, корд, баланд, паст, фурсат, гӯсфанд**-ро буррою равшан талаффуз кунед ва гӯед, ки дар охири онҳо кадом ҳамсадҳо омадаанд?
3. Ба ин савол дар хона ҷавоб нависед. Ҳангоми хӯрокхӯрӣ кадом амалҳо аз рӯйи одоб нест?

*Намуна*: Бо даҳони пур гап назан,...

## ДАРСҲОИ 75–76

### ЛАТИФА

Он рӯз Хоҷа Насриддин ба шаҳри Навобод омад ва рост ба бозор рафт. «Бозори шаҳр - оинаи шаҳр!» - ҳамеша мегуфт Хоҷа. Ва ҳақ ба ҷониби ӯст! Мардуми беҳунар бозор надорад, охир ӯ чӣ ҳам пешкаш мекунад, вакте ки...

Нохост ду навкар аз пас расиданду аз дасти Хоҷа гирифтанд ва сахт тоб доданд.

- Ту, аблаҳ, кистӣ, ки ба мири шаҳри мо салом надодӣ?- хитоб кард яке.

Дигаре дод зад:

- Агар аз худ рафта бошӣ, ба худ меоремат!

Хоҷаро ба назди мири шаҳр оварданд. Вай рӯйи зини Саманд бовиқору тантана менишаст. Дар ҳақиқат Хоҷа Насриддин ӯро ягон ду дақиқа қабл дар чорраҳа дида буд.

- Ту кистӣ? - пурсид мири шаҳр.

- Ман Хоҷа Насриддин, меҳмони шаҳри шумо, тақсир, ҷавоб дод Хоҷа.

- Чаро салом надодӣ? - боз пурсид мири шаҳр.

- Салом додам, аммо шумо ҷавоб надодед, - гуфт Хоҷа Насриддин.

- Чӣ? Ту маро беадаб гумон мекунӣ? - ғазаб кард мири шаҳр.

- Инаш ба шумо равшантар аст, тақсир...

***Гузоштани саҳнача:***

1. Баранда - Абдулло.
2. Хоҷа Насриддин - Неъмат.
3. Ду навкар - Саид, Давлат.
4. Мири шаҳр - Далер.

## ДАРСҲОИ 77–78

### ДАР НАСИҲАТИ ФАРЗАНД

Биё, эй ҷигаргӯша фарзанди ман,
Бинеҳ гӯш бар гавҳари панди ман.
Садафвор биншин даме лабхамӯш,
Чун гавҳар фишонам, ба ман дор гӯш!
Шунав панди дониш ба он ёр кун,
Чу донистӣ, он гоҳ ба он кор кун!
Чу бояд бузургит пирона сар,
Ба чашми бузургӣ ба пирон нигар.
Ҳамекун ба пирони бекас касӣ,
К-аз ин шева донам, ба пирӣ расӣ...

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

**Луғат:** **панд** – насиҳат
**садафвор** – садафмонанд
**касӣ кардан** – одамгарӣ кардан, некӣ кардан, ёрӣ расонидан.

**Супориш:** Ҳаммаънои калимаҳои: **бузург, пир, дониш**-ро нависед.

**Машқи 1.** Калимаҳои ҳаммаъноро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед, нависед: **ғайрат, офтоб, мулоим, кӯшиш, рӯй, хуршед, ғам, нарм, қомат, сайъ, само, ғусса , меҳр, ҳаракат, рух, андӯҳ, қад, чеҳра, шамс, ҳалим.**

*Намуна*: **нарм** - мулоим, **нозук**, ҳалим.

**Машқи 2.** Ҷумлаҳоро хонед,аз ёд кунед:

Ҳар пагоҳ ва ҳар бегоҳ шустушӯй кардан. Пеш аз ҳама дастҳоро шустан. Рӯй, гӯш, гарданро бо дасти тоза шустан.

Пас аз он бо сачоқ пок кардан. Дандонҳоро бо хамираи дандон ҳар пагоҳ ва ҳар бегоҳ тоза кардан. Аз ҳавои тоза нафас гирифтан, хонаро тоза кардан, шамол додан, ҷойхобро тоза нигоҳ доштан. Мо варзиш мекунем. Мо варзишро дӯст медорем. Варзиш моро пухта ва саломат нигоҳ медорад.

**Супориш:** Шоир ба воситаи мисраъҳои:

«Ҳамекун ба пирони бекас касӣ,
К-аз ин шева донам, ба пирӣ расӣ...»

кадом хислатҳоро ба кӯдакон парваронидан мехоҳад?

**Машқи 3.** Ҷумлаҳоро нависед:

**Пурсиданд**: - Бехтарин шахс кист?
**Ҷавоб**: - Он кас,ки умраш тӯлонӣ ва аъмолаш некӯ бошад.
**Пурсиданд**: - Пас, бадтарин кас кист?
**Ҷавоб**: Он кас, ки умраш тӯлонӣ ва аъмолаш бад бошад.

**Луғат:** **аъмол** – амал
**некӯ** – хубӣ,кори нек

## ДАРСҲОИ 79 – 80
## ТАКРОР ВА ИМЛО

## ЧОРЯКИ – IV –

## 9. ҶУМЛА

### ДАРСҲОИ 1–2

Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст.
Ба забони худ содиқ будан шарафи бузург аст.
Забони худро чун сарвати миллӣ бояд дифоъ намоем.
Забон дар паноҳи давлат ва давлат дар паноҳи забон аст.

*Эмомалӣ Раҳмонов*

**Савол ва супориш:**

1. Ҷумлаҳоро нависед, гӯед, ки дар онҳо сухан дар чӣ хусус меравад? Аввали ҳар як ҷумла бо кадом ҳарф сар шудааст? Дар охири ҷумла чӣ гузошта мешавад?
2. Шарҳи калимаҳоро нависед: **содиқ** – бовафо, вафодор,... **дифоъ** – ҳимоя, ... **сарват** - боигарӣ, ...
3. Калимаҳоро ба ҳам алоқаманд намуда ҷумла созед.
4. Забони, модарии, тоҷикӣ, забони, мост.
5. Душанбе, давлати,пойтахти, тоҷикон,аст.
6. Ман, модарам, забони худро, дӯст медорам, чун.

**Машқи 1.** Калима ва ҷумлаҳои зеринро муқоиса намоед:

| Калимаҳо | Ҷумлаҳо |
|---|---|
| Душанбе, давлат,<br>Пойтахт,<br>тоҷикон, мебошад | Душанбе пойтахти давлати тоҷикон мебошад.<br>Ҳар кас бояд забони худро донад. |

Калимаҳои алоқаманд ҷумларо ташкил медиҳанд. Дар ҷумла фикр ба охир мерасад. Ҷумларо бо ин аломат ишора мекунанд: ____________________ .

**Супориш:** 1. Пандҳоро хонед, мазмунашонро нақл кунед:

I. Ҳар кӣ ба забони худ сухандон гардад,
Донистани сад забон осон гардад.

II. Забони модариро пос доред,
В-аз модар варо мерос доред.

2. Шарҳи калимаҳоро маънидод кунед: **сухандон, пос, мерос.**

3. Ҷумлаҳоро таҳлил кунед:

а) Дилшод дар синф иншо менависад.

| | |
|---|---|
| Чӣ кор мекунад? | Кӣ? - Дилшод. |
| Чӣ менависад? - иншо | Дар куҷо? - дар синф. |

б) Модар хӯрок овард.

Кӣ? - модар. Чӣ? - хӯрок. Чӣ кор кард? - овард.

4. Ҷумлаҳоро таҳлил кунед:

Садбарг месарояд.
Садбарг бо най ва тор месарояд.
а) (Кӣ месарояд?) - Садбарг (чӣ кор мекунад?)...
б) (Кӣ месарояд?) - Садбарг (бо чӣ месарояд?)...
Най асбоби мусиқӣ.
Най боз чӣ бошад?
Маънои калимаи **тор** -ро шарҳ диҳед.

**Ҷумла бо ҳарфи калон сар мешавад.**
**Дар охири ҷумла нуқта гузошта мешавад.**

**Машқи 2.** Ба таҳлили ҷумла диққат диҳед, ба хотир гиред:

Салим китоби шавқовар хонд.

| | |
|---|---|
| Чӣ кор кард? - хонд. | Кӣ хонд? - Салим. |
| Чӣ хонд? - китоб. | Чӣ хел китоб? - шавқовар. |

**Супориш:** Ин ҷумлаҳоро мисли машқи 2 таҳлил кунед: **Олим куртаро ба тор овехт. Мо дар Тоҷикистон зиндагӣ мекунем.**

**Саволҳо:**

1. Ҷумлаи якум аз чанд калима иборат аст? Ҷумлаи дуюм чӣ?
2. Ҷумла бо чӣ хел ҳарф сар мешавад?
3. Дар охири ҷумла чӣ хел аломат гузоштан лозим аст?
4. Дар бораи ҷумла чӣ медонед?

## ДАРСҲОИ 3–4

**Машқи 1.** Калимаҳоро ба ҳам алоқаманд карда, ҷумла созед ва нависед:

1. Офтоб, дурахшон, оламро, равшан, кард.
2. Бачагон, ба, чиндани, гулҳо, баромаданд.
3. Ҳалима, даста, гул, лоларо, як, ба муаллим тӯҳфа кард.

**Супориш:**

1. Калимаҳои ҷумлаи якумро шуморед, имлои дурусти калимаҳои: **муаллим, тӯҳфа, дурахшон**-ро машқ кунед.
2. Калимаҳои парокандаро истифода бурда, ҷумла созед: **Суханҳои, муаллим, бемаънӣ, мураббӣ, нагӯй, ва, устод, аст, то, охир, суханро, гӯш, кун.**
3. Тарзи дуруст навиштани калимаҳои: **мураббӣ, гӯш, маънӣ**-ро машқ кунед.
4. Ҷумлаҳое фикр карда ёбед, ки аз ду, се, чор калима иборат бошанд.

*Намуна*: Номи модар азиз аст.

**Машқи 2.** Нависед. Ба ҷойи нуктаҳо калимаҳои мувофиқ гузоред:

....духтари боодоб аст. Ӯ дар .... аълохон аст. Дугонаҳояш аз вай ... мегиранд. Шахси боодобро ҳама дӯст ...

**Супориш:**

1. Ба калимаҳои **шахс, осоиш, пок** калимаҳои ҳаммаъно ёбед.

*Намуна*: осоиш - оромӣ,...

2. Ин мақолҳоро хонед, бо ёрии муаллим маъноящро фаҳмида гиред:

1) Дониш чароғи ақл аст.

2) Худписандӣ далели нодонист,
Охири вай фақат пушаймонист.

3) Шумо боз чӣ хел мақолҳоро медонед?

Ҳангоми сӯҳбат бо рафиқонатон аз мақолҳо истифода баред.

**Машқи 3.** Матнро хонед. Чаро дар чор ҷой нуқта гузошта шудааст.

Падарам то синни чилсолагиаш паҳлавон будааст. Вай қадбаланд, коматаш рост, ришаш сип-сиёҳ, пӯсти рӯяш сиёҳтоб, нигоҳаш тез буд. Дастони сахти пурқувват дошт. Пойҳои бисёр калонашро бошитоб, вазнин-вазнин монда роҳ мерафт.

*Сотим Улуғзода*

**Супориш:**

1. Аз матн калимаҳои ҳамсадоҳои такрордорро ёфта, дар тахтаи синф нависед.
2. Калимаҳои : **падар, паҳлавон** ва **қахролуд**-ро ба ҳиссаҳо ҷудо кунед.
3. Гӯед, ки чаро дар байни ифодаҳои ҷумлаи дуюм вергул (,) гузошта шудааст?
4. Аз матн калимаҳоеро нависед, ки ба саволҳои «*кӣ*?», «*чӣ*?», «*чӣ кор мекард*?», «*чӣ хел*?» ҷавоб шаванд.

*Намуна*: Кӣ? падарам, ... Чӣ? - пӯст,...
Чӣ хел? - сиёҳ,... Чӣ кор мекард? - мерафт,....

## ДАРСҲОИ 5–6

## ПОДШОҲ, УҚОБ ВА ПИРАЗАН

Буд набуд як подшоҳ буд. Подшоҳ як уқоб дошт. Вай уқобашро бисёр дўст медошт, ҳар ҷо ки мерафт, ўро низ бо худ мебурд.

Як пагоҳӣ уқоб аз дарбор парида, дар рўйи ҳавлии пиразане қарор гирифт. Пиразан уқобро ба даст гирифта, тамошо карду ба худ гуфт:

- Мурғаки аҷоиб будааст!

Лекин минқораш каҷ шудааст. бо ин хел минқор дону об хўрда наметавонад. Биё, як кори савоб кунам, ҳамин мурғакро аз ранҷу азоб воραҳонам.

Пиразан инро гуфту қайчӣ гирифт ва минқори уқобро бурид. Баъд боз уқобро тамошо кард ва панҷаҳои ўро дида ба худ гуфт:

- Нохунҳояш ҳам дароз шудаанд. Ин айб аст. Бечора қайчӣ надоштааст. Бо ин хел нохуни дароз аз ҳамҷинсонаш шарм мекардагист.

Сонӣ қайчиро дубора ба даст гирифту нохунҳои уқобро кўтоҳ кард ва гуфт:

- Акнун минқорат дуруст шуд, ҳам нохунҳоят.

Уқоб парида боз ба дарбор омад ва сари дасти подшоҳ нишаст. Подшоҳ бошад, уқоби худро базўр шинохт, шинохту дуд аз димоғаш баромад. Вай фаҳмид, ки мурғаки бадбахт ба дасти кадом одами нодон афтида, ба ин ҳол гирифтор шудааст. Подшоҳ гуфт:

- Ҳар кас, ки қадру қимати худро надониста, бо ҷоҳилон ҳамнишин шавад, ба чунин рўз гирифтор хоҳад шуд.

**Саволҳо:**

1. Уқоб чӣ гуна парранда аст?
2. Ба чӣ сабаб пиразан минқор ва нохунҳои уқобро қайчӣ кард?
3. Подшоҳ ҳоли уқобро дида чӣ гуфт?

**Машқи 1.** Ҷумлаҳои сархати сеюми матнро такроран хонед. Ин калимаҳоро нависед: **уқоб, подшоҳ, пиразан, минқор, савоб, ранҷ, азоб, панҷаҳо, нохун, ҳамҷинсон, ҷоҳил, ҳамнишин.**

**Супориш:** Шарҳи калимаҳоро хонед:

**уқоб** – мурғ, парранда **минқор** – нӯл **панҷа** – нохун

**Машқи 2.** Ба ин саволҳо ҷавоб нависед:

1. Уқоб аз дарбор парида куҷо рафт?
2. Чаро пиразан кори савоб мекунам гуфта кори увол кард?

Паррандаҳои шикориро медонед? Номи онҳоро нависед.

**Супориш:** 1. Пандро нависед, аз ёд кунед:

а). Бо мардуми доною хушфеъл ҳамсӯҳбат бош.

б). Сӯҳбати некон давлат аст.

**хушфеъл** – хушахлоқ, боодоб.

2. Гуфтаҳои подшоҳро нависед. Ба ҷоҳилон ҳамнишин шудан чӣ оқибат доштааст?

**Машқи 3.** Ҷумлаҳоро нависед ва таҳлил кунед:

1. Мактаби мо гӯшаи «Табиати зинда» дорад.
2. Мо ба паррандаҳо ғамхорӣ мекунем.

## ДАРСҲОИ 7–8

## ХАНДАИ ГУЛҲО

Дар ҳавлии мо олуяке пеши дар аст,
Имрӯз баҳор омаду вай гулбасар аст.
Аз хандаи гулҳои тару тозаи ӯ,

Бар ҳавлии мо шукӯҳу ранги дигар аст.
Наздаш шудаму бар гулакаш гуфтам ман:
Умри ту басо кӯтаҳу андар гузар аст.
Бо умри ду-се рӯзаяку дар гузарат,
Баргӯй, чаро хандаи ту бешумар аст?
Андар назарам дубора хандиду ба ман,
Гуфто, ки намебинӣ зи пуштам самар аст.

*Ашӯр Сафар*

**Савол ва супориш:**

1. Шеърро аз ёд кунед.
2. Дарахтон кай гул мекунанд?
3. Чаро гули онҳо мерезад?
4. Кадом дарахтони мевадиҳанда дар боғи шумо ҳаст?
5. Оё гули ҳамаи дарахтон якхелаанд?

**Супориш:**

1. Гӯед, ки дар кадом банди шеър, шоир ба гул савол медиҳад ва аз кадом банди шеъраш ба саволаш ҷавоб мегирад.
2. Калимаҳоро нависед:

**Дарахти гулбасар** – дарахти пур аз гул, сергул
**шукӯҳ** – бузург, калон **самар** – ҳосил

**Машқи 1.** Шарҳи калимаҳои ҳаммаъноро хонед.

1. Дар баёни сухан ба ҷойи калимаи **тааҷҷуб** шумо метавонед гӯед, ки ман дар **ҳайрат** мондаам.
2. Ё ин ки ба ҷойи **инъом, тӯҳфа** ё **ҳадя кардаам,** мегӯянд.

**Супориш:**

1. Аз матн калимаҳои: **баҳор, гул, ҳавлӣ**-ро навишта, бо онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Дар ҷумлаҳои тартиб додаи шумо кадом калимаҳо ба саволҳои «*чӣ хел?*», «*чӣ гуна?*» ҷавоб мешаванд?

2. Ба саволҳо ҷавоб диҳед.

3. Ҷойи хушманзара мегӯем? Боз чӣ мегӯем?
4. Ҳавои форам мегӯем? Боз чӣ мегӯем?
5. Дилрабо чӣ?...
*Намуна*: хушманзара – зебо, дилкаш.
4. Аз ҳарфҳои калимаи **хушманзара** калимаҳои нав созед.
*Намуна*: хушманзара: ман, ....

**Машқи 2.** Шеърро бори дигар хонед, ба саволҳо ҷавоб диҳед:
1. Дар ҳавлӣ чӣ буд?
2. Баҳор ба ӯ чӣ таъсир расонд?
3. Чаро ҳавлӣ зебо шуд?
4. Шоир ба гул чӣ гуфт?
5. Олуяк хандида ба шоир чӣ гуфт?

**Супориш:**
1. Дар матн кадом калимаҳо ба саволҳои «*чӣ хел?*», «*чӣ гуна?*» ҷавоб мешаванд?
2. Калимаҳои: **гулбасар, дубора**-ро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед, садонокҳоро ба ёд оваред. Дар нақша ғунҷонед.

**Машқи 3.** Матнро беғалат рӯнавис кунед, аломатҳои китобатӣ гузоред. Нақшаи ҷумлаи сеюмро кашед.

Баҳор омад. Барфҳо об шуданд, дар дашт гулҳо шукуфтанд. Занбӯри асал дар гирди гулҳо виз-визкунон мегашт. Рӯбоҳ харгӯшро мепоид. Хирсак дар таги буттаҳо чизе кофта мехӯрд.

**Супориш:** Ба ин саволҳо ҷавоб нависед:
1. Чӣ омад?
2. Чиҳо об шуданд?
3. Дар дашт чиҳо шукуфтанд?
4. Чӣ виз-виз мекард?
5. Рӯбоҳ чиро мепоид?
6. Хирсак чӣ мекард?

## ДАРСҲОИ 9–10

## ЗАБОН ДОНӢ – ҶАҲОН ДОНӢ

Марди саховатманде ба чор кас як дирам пул медиҳад. Ин чор мард аз чор шаҳри дунё буданд. Онҳо мехостанд, ки хӯрдание харанд.

Форс мегӯяд: - Бо ин дирам ангур мехарем.

Араб мегӯяд: - Не, инаб мехарем.

Турк мегӯяд: - Ба ман узум харед

Румӣ мегӯяд: - Ман истофил мехоҳам.

Аз назди онҳо хирадманде мегузашт, ки чанд забон медонист. Забондон аз онҳо дирам хост ва барояшон ангур харид. Вақте ки онҳо ангурро диданд, ҳама розӣ ва хурсанд шуданд.

**Луғат:** **саховатманд** – шахси сахӣ, одами эҳсонкор
**инаб** – ангур
**узум** – ангур
**истифол** – ангур

**Саволҳо:**

1. Хонед, нақл кунед.
2. Чор нафар дар хусуси чӣ баҳс карданд?
3. Шахси забондон чӣ кор кард?
4. Калимаи ангур ба дигар забонҳо чӣ ном доштааст?

**Машқи 1.** Сархати аввали матнро нависед. Калимаҳои: **саховатманд, хирадманд**-ро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.

**Супориш:** Аз рӯйи мазмуни матн саҳнача ташкил кунед:

**ИҶРОКУНАНДАГОН:**

**1.** Марди саховатманд
**2.** Марди форс
**3.** Марди турк
**4.** Марди румӣ
**5.** Марди араб
**6.** Марди забондон

**Машқи 2.** Аз чанд ҳарфи калимаи **саховатманд** калимаи **тавоно** созед. Калимаҳои муқобилмаънои **тавоно** ва **саховатмандро** нависед.

## ДАРСҲОИ 11–12

## ҲИКОЯТ

Мегӯянд, ки амир Наср Аҳмади Сомонӣ як муаллиме дошт. Муаллим ӯро таълим медод ва гоҳо чӯб мезад. Наср ба худ мегуфт, ки ҳар гоҳ ба султонӣ расам, ҷазояшро медиҳам. Вакте Наср султон шуд, ба ёдаш расид. Субҳ шуд. Ходимеро бифармуд, ки аз боғ даҳ чӯби тар биёрад ва дигареро гуфт: «Муаллимро ҳозир кун»

Ходим рафт то муаллимро биёрад.

Муаллим аз ходим пурсид: – Султон чӣ мекард, ки маро ёд кард? Гуфт:– Ғуломеро фармуд, ки биравад аз боғ даҳ чӯб биёварад.

Муаллим фаҳмид, ки султон ӯро ҷазо доданӣ аст. Аз дӯкони сари роҳ мева харид ва дар остин кард.

Чун пеши Наср омад, амир чӯбе баргирифт ва гуфт: – Дар ин чӣ мегӯи? Гуфт: – Саҳл аст.

Даст бар остин кард ва он мева берун овард ва гуфт: – Ин мева ба ин латифӣ ва ширинӣ зодаи ин чӯб аст.

Султон ин ҷавобро хеле писандид ва ба муаллим то зинда будан маош таъин кард.

*Муҳаммад Авфӣ*

**Супориш:** Калимаҳоро нависед:

**ҷазо** – азоб додан;
**латиф** – хушрӯ, ширин;
**чӯби тар** – химча, навдаи тар.
**саҳл** – осон, кам, андак;
**ходим** – хидматгор;

**Савол ва супориш:**

1. Чаро Наср хост, ки муаллимашро ҷазо диҳад?
2. Наср Аҳмади Сомонӣ ба ходим чӣ фармон дод?
3. Муаллим чӣ хел фаҳмид, ки амир дар қасди ҷазои вай аст?
4. Чаро муаллим аз дӯкон мева харид?
5. Чаро Аҳмади Сомонӣ аз ҷазои устоди худ даст кашид?
6. Вобаста ба мазмуни матн саҳнача ташкил кунед.

**ИШТИРОКЧИЁН:**

1. Шоҳ - Наср. 2. Хизматгори амир. 3. Устоди шоҳ.

То ин ки тифл хонаду соҳибҳунар шавад,
Устоди меҳрубони ӯ хуни ҷигар шавад.

*Ибни Ямин*

**Машқи 1.** Ин ҷумлаҳоро бе хато рӯбардор кунед:

Чун пеши Наср омад, амир чӯбе баргирифт ва гуфт: – Дар ин чӣ мегӯӣ? Гуфт: – Саҳл аст.

Даст бар остин кард ва он мева берун овард ва гуфт: – Ин мева ба ин латифӣ ва ширинӣ зодаи ин чӯб аст.

**Машқи 2.** Калимаҳоро нависед: **таълим**, **муаллим, ҷазо, бӯстон**, **бо, чӯб**, **химча, обӣ**, **тар**.

**Супориш:** Ҷойи ҳарфи аввали калимаи **бӯстон** ҳарфи «Д» гузошта ҳар ду калимаро рӯнавис кунед.

## ДАРСҲОИ 13 – 14

## БОҒИ ПАДАР

Як одами неку одил зиндагӣ мекард. Вай боғбони ҳунарманд буд. Бисёр меҳнат мекард. Ӯ боғи хурраму зебо парвариш карда расонид. Рафта-рафта пирӣ ба ӯ таъсир кард. Боғбон боғашро ба ихтиёри писараш Ҳамдам супурд. Писар мисли падар нек буд, ба гулу дарахтон бо меҳру

муҳаббати зиёд нигоҳубин мекард.

Рӯзе боғбон писарашро наздаш хонд ва насиҳат кард:

– Писари азизам! Бо дили соф меҳнат кун, накӯкору одил шав. Ҳеҷ гоҳ ҳақи мардумро нахӯр. Ана, васияти ман ҳамин аст.

**Савол ва супориш:**

1. Пирамард чӣ хел боғ дошт?
2. Чаро боғбон боғашро ба писараш супорид?
3. Писари боғбон чӣ гуна одам буд?
4. Боғбон чӣ насиҳат кард?
5. Пандро нависед ва аз ёд кунед:

**Фарзанди нағз - боғи падар,**
**Фарзанди бад - доғи падар.**

**Супориш:**

1. Бо истифода аз ибораҳои: **одами нек, дили соф** ҷумла созед.
2. Ин калимаҳоро нависед: **хуррам, муҳаббат.**
3. Муқобилмаънои калимаҳои ** obod** ва **нек**-ро ёбед.
4. Шумо кадоме аз ин маъниҳоро меписандед?

**Машқи 1.** Ибораҳоро хонед:

**Дили соф** **Оби соф** **Одами нек** **Кори нек**

**Супориш:** 1. Калимаҳои ҳаммаънои : **хуб, одил, соф, меҳр, дӯст**-ро ёбед:

*Намуна*: **одил** – боинсоф, боадолат; **хуб** – нек, нағз.

2. Ба ин калимаҳо калимаҳои муқобилмаъно ёбед:

**зиёд –** **пир –** **калон –** **дур –**

*Намуна*: **хуб** – бад

3. Ба ҷойи нуктаҳо калимаҳои мувофиқ гузоред, ба калимаи дилхоҳатон як ҷумла созед:

Осмони... Кӯдакони ... Лонаи .... Дарахтони ...

**Машқи 2.** Дар бораи оилаи худ 3 – 4 ҷумла нависед. Сарлавҳаашро «Хонаводаи мо» гузоред.

**ХОНАВОДАИ МО**

Хонаводаи мо аз чор нафар иборат аст. Модарам муаллима аст. Падарам ...

**Супориш:** Нақлро давом диҳед.

## ДАРСҲОИ 15–16

## ИМЛО

### САРВАТИ БЕБАҲО

Қадру қимати китоб ҳамеша баланд аст. Китоб хазинаи дониш аст. Бачаҳо бояд бештар китоб бихонанд. Мақсад аз хондани китоб омӯхтан аст. Одаме, ки бисёр мехонад, бисёр медонад.

Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.

*Фирдавсӣ*

Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,
Дар ғамкадаи замона ғамхоре нест.

*Ҷомӣ*

**Савол ва супориш:**

1. Чаро бузургон сарвати бебаҳо будани китобро таъкид кардаанд?
2. Дар зиндагӣ чӣ шуморо ба мақсади олӣ мерасонад?
3. Касе, ки бисёр мехонад, бисёр медонад – чӣ маъно дорад?

**Машқи 1.** Калимаҳоро нависед:

**ҳикмат** - доноӣ,хирад, дониш **сарват** - боигарӣ, ...

**Супориш:**

1. Дуруст навиштани калимаҳоро машқ кунед: **омӯзиш, бозӣ,**

олӣ, бурро, баъд, аввал.**

2. Бо калимаи **сарчашма** ҷумла созед ва нақшаи онро кашед.

**Машқи 2.** Ҷумлаҳои зеринро мехонем ва таҳлил мекунем:

Ман ва дӯстам китобхониро дӯст медорем.

Китоб моро бо роҳи дуруст мебарад.

| | |
|---|---|
| Чӣ? **-китоб** | Чӣ кор мекунад? - **мебарад** |
| Киро? - **моро** | Бо чӣ хел роҳ? - **бо роҳи дуруст.** |

## ДАРСҲОИ 17–18

## ҲИКОЯТИ ЧӮПОН

Марде буд давлатманд ва чорводор. Ӯро чӯпоне буд ҳалолкор ва хушахлоқ. Ҳар рӯз шири гӯсфандон меҷӯшид ва бе каму кост назди хоҷа мебурд. Соҳиби мол ба он шир об ҳамроҳ мекард ва ба чӯпон медод, ки бифурӯшад. Чӯпон ҳар рӯз он мардро насиҳат мекард ва мегуфт:

- Эй Хоҷа, ба мардум хиёнат макун, ки ҳар кӣ хиёнат кунад, ба ҷазои он гирифтор гардад.

Он мард ба сухани чӯпон илтифот намекард ва кори худро давом медод. Шабе чӯпон гӯсфандонро дар сойе хобонда, худ барои нигаҳбонӣ болои теппае хуфт. Фасли баҳор буд. Иттифоқо дар кӯҳ борони азиме борид ва сели бузурге ҷорӣ шуд ва аз роҳи сой биёмаду ҳамаи гӯсфандонро ба якборагӣ бибурд.

Гуфтӣ он оби қатра-қатра ҳама,
Ҷамъ шуд ногаҳу бибурд рама.

Рӯзи дигар чӯпон ба шаҳр омад. Соҳиби мол аз ӯ пурсид:

- Чаро шир наовардӣ?

Чӯпон гуфт:

- Шир чӣ тавр биёрам, ки гӯсфандон намондаанд.

- Гуфт:

- Гӯсфандонро чӣ шудааст?

Чӯпон гуфт:

- Он обҳо, ки ҳамроҳи шир ба мардумон фурӯхтӣ, ҳама якҷо шуданд, дишаб ҳамла оварданд ва гӯсфандонро бибурданд.

**Саволҳо:**

1. Чӯпони ҳалолкор марди давлатмандро чӣ насиҳат мекард?
2. Оқибати кори бад ба чӣ анҷомид?
3. Ба хиёнати давлатманд чӣ баҳо медиҳед?
4. Ба мардум хиёнат макун, ки хиёнаткунанда ба ҷазо гирифтор гардад, чӣ маъно дорад?

**Супориш:**

1. Шарҳи калимаҳоро нависед, ба имлои онҳо диққат диҳед: **илтифот** – ба назар гирифтан, **хиёнат** – макру фиреб, **азим** – хеле калон.
2. Ба имлои калимаҳо эътибор диҳед: **мечӯшид, хиёнат, чӯпон, фурӯхт, гӯсфанд.**

**Машқи 1.** Суханҳои чӯпон ва сарватмандро нависед, ба аломатҳои китобатӣ диққат диҳед.

**Супориш:**

1. Маънои калимаҳои **қатра, хуфт, сой**-ро чӣ тавр мефаҳмед?
2. Бо истифодаи калимаҳои **кӯҳ, чӯпон, сухан** ҷумлаҳо тартиб диҳед, яке аз ҷумлаҳоатонро мувофиқи саволҳои зерин таҳлил кунед.

*Намуна*: Дар кӯҳ борони сахт борид.

**Машқи 2.** Матнро бори дигар хонед. Аз ҷумлаи дуюм калимаҳоеро, ки ба саволи ***чӣ хел***? ҷавоб мешаванд, навишта гиред.

**Супориш:** Шарҳи калимаҳоро ба ёд гиред:

Шахсеро **хирадманд** мегӯянд. Шумо ба ҷойи хирадманд,

метавонед **оқил, доно, донишманд** гӯед.

Ё ки ба ҷойи **ифтихор дорам, фахр мекунам, меболам** ва ғайра ва истифода баред.

## ДАРСҲОИ 19–20

### ТАБРИКУ ТАҲНИЯТ

**...** Ба муносибати ходисаҳои оилавию ҷамъиятӣ - рӯзи таваллуд, ҷашни арӯсӣ, таваллуди тифл табрику таҳният намудан расм шудааст.

Мувофиқи расму одати ҳозира ба ин муносибат ҳамкорон, ёру рафиқони наздик ба хонаи дӯсташон ташриф оварда гул ё тӯҳфа гирифта, ба ӯ тақдим менамоянд. Агар масофа дур бошад, телеграмма, мактуб ё рӯшодия (открытка) мефиристонанд. Дар ин мавридҳо набояд, ки тӯҳфа ғаразнок бошад. Ҳангоми табрик аз хазинаи ғании забони тоҷикӣ иборахои зеринро метавонед истифода кунед. Агар рӯзи таваллуд бошад:

«Шуморо ба муносибати зодрӯзи муборакатон табрик гуфта, бароятон аз самими қалб умри дароз ва бахту саодат орзу менамоям!»

Агар ба ифтихори ҷоиза ё унвони фахрӣ бошад:

«Дӯсти мӯҳтарам! Шуморо ба муносибати сазовори ҷоиза шудан табрик намуда, ба корҳоиояндаатон муваффақиятҳои нав ба нав орзу менамоям» ва ғайра...

**Саволҳо:**

1. Ба кадом муносибатҳо табрик намудан расм шудааст?
2. Дӯстонро бо чӣ табрик мекунанд?
3. Агар масофа дур бошад чӣ?
4. Шумо дар кадом рӯзҳо муаллим ва рафиқонатонро табрик мекунед?

**Супориш:**

1. Ин калимаҳоро нависед: **таваллуд, ҷамъият, мукофот, мувофиқ, тақдим, тӯҳфа, мӯҳтарам, муваффақ.**
2. Шарҳи калимаҳоро хонед:

**малул** – хафа, ғамгин
**таманно** – хоҳиш, орзу
**дастовез** – тӯҳфа, савғо
**зодрӯз** – рӯзи таваллуд

**Машқи 1.** Ҷумлаҳоро хонед, ҳангоми муборакбодӣ ба расму русуми зерин эътибор диҳед.

Шодии бисёр изҳор кунед. Гирифтарӯй ва малул набошед. Дуои нек гӯед. Сиҳативу умри дароз хоҳед. Хайру баракат таманно кунед.

**Супориш:**

1. Шарҳи ифодаи **дуои нек** -ро хонед.

Дуои нек: Дуокунанда, он ки дар ҳаққи касе некӣ ва хайр металабад, хайрхоҳ.

2. Ба калимаҳои зерин кадом калимаҳо ҳаммаъно мебошанд: **ҳадя, ҷашн, табрик, манзил, хасис.**

*Намуна*: **манзил** – хона

**Машқи 2.** Матнро бори дигар хонед, калимаҳои **ба, то, зи, дар**-ро навишта гиред.

**Супориш:** Ҷумларо нависед, дар зери калимаҳои **ба, бо** хат кашед. Шуморо **ба** муносибати сазовори ҷоиза шуданатон табрик мекунам.

## ДАРСҲОИ 21 + 22

## ХИРАДИ ФАРЗАНД

Бидон, эй писар, ки хиради фарзанд дар ҳурмат ва нигаҳбонии худ ва асли худ, яъне падару модар аст. Зеро онҳо аз баҳри ту хештанро ба куштан диҳанд. Он фарзанд,

ки хирад раҳнамои ӯ бувад, аз меҳри падару модар холӣ нест.

Зинҳор, эй писар, падару модарро хор мадор. Падару модар бунёдгузори некӣ ва нафси туанд. Агар дар ҳаққи эшон гунаҳгор бошӣ, сазои ҳеҷ некӣ нестӣ...

Бо падару модари худ накӯ бош, то рӯзе фарзандонат низ бо ту накӯ бошанд. Зеро он ки аз ту зояд, ҳамон тамаъ дорад, ки аз падару модар дорӣ. Зеро ба масал одамӣ ҳамчун мева аст ва падар ҳамчун дарахт. Ҳарчанд дарахтро нигоҳубин беш кунӣ, мева аз ӯ накӯтару беҳтар ёбӣ. Ва чун падару модарро ҳурмату шафқат кунӣ, дуову офарини эшон дар ту асари бештар кунад ва бештар қабул шавад ва бо хушнудии онҳо наздиктар бошӣ.

*Унсурулмаолии Кайковус*

**Саволҳо:**

1. Хиради фарзанд дар чӣ будааст?
2. Падару модар бунёдгузори кӣ будааст?
3. Дар масал мегӯянд, ки падару модар - дарахт, фарзанд - мева. Ин маъноро чӣ хел мефаҳмӣ?
4. Хушнудии падару модар бештар ба чӣ вобаста аст?

**Супориш:** Шарҳи калимаҳоро аввал хонед, баъд нависед:

**бунёд** - поя, асоси ҳар чиз
**сазо** - лоиқ ва шоён
**хирад** - ақл, зеҳн, дониш.
**накӯ** - кори хуб
**шафқат** - раҳм, лутф

**Машқи 1.** Ин пандҳоро аз ёд кунед.

**Одамӣ мева аст, падару модар дарахт.**

**Ҷаннат, ки ризои мо дар он аст,**
**Дар зери қудуми модарон аст.**

**Супориш:**

1. Ҷумлаи дуюм аз чанд калима иборат аст. Кадом калимаҳои

ҷумла ба саволҳои «*кӣ?*», «*чӣ?*» ҷавоб мешаванд?

2. Ибораҳоро хонед, савол гузоред ва нависед:

Падари меҳрубон. Модари ғамхор.

Фарзанди боодоб. Дуои падар.

*Намуна*: Кӣ? - **фарзанд**. Чӣ хел? - **боодоб**.

**Машқи 2.** Ба саволҳои зерин ҷавоб нависед:

1. Фарзанди боодобро чаро ҳама дӯст медоранд?
2. Ба бачае, ки нисбат ба падару модар беҳурматӣ мекунад, чӣ хел баҳо медиҳанд?
3. Нисбат ба падару модар накӯ буданро чӣ тавр мефаҳмед?

**Супориш:** Ин калимаҳоро нависед: **некӣ, бадӣ, накӯ, қувва.**

## ДАРСҲОИ 23 – 24

## ҲИКОЯТ

Марде буд машҳур. Рӯзе он мард қасди зиёрати Маккаи Муаззама намуд. Модаре дошт. Иҷозат талабид. Модараш розӣ нашуд. Ӯ илтифоте накарда, равонаи сафар гардид. Ба шаҳре расид. Дар масҷиде машғули намозхонӣ буд. Дар он шаб дузде ба хонаи шахсе даромад. Соҳибхона дуздро пеш кард. Дузд ба тарафи масҷид омаду ғоиб гардид. Мардумон ҷамъ шуда, чароғ равшан карда, ба даруни масҷид даромада диданд, ки шахсе намоз мехонад. Ӯро дузд хаёл карда, назди подшоҳи он шаҳр бурданд. Подшоҳ фармуд дастони ӯро буранд. Мардум, ки ӯро мешинохтанд, воқеаро ба подшоҳ изҳор карданд. Подшоҳ пушаймон шуда узр хост. Мард гуфт: Шумо ҳеҷ гуноҳе надоред. Дуои бади модарам буд, ки бе ризои ӯ ба сафар баромадам ва ба ин бало гирифтор шудам.

**Саволҳо:**

1. Мард чӣ орзу кард?
2. Ӯ аз кӣ рухсат пурсид?
3. Модар ба вай чӣ гуфт?
4. Мард дар сафар ба чӣ бадбахтӣ гирифтор шуд?
5. Чаро подшоҳ аз ӯ узр пурсид?
6. Мард ба подшоҳ чӣ гуфт?
7. Агар ба ҷойи он мард шумо мешудед, чӣ кор мекардед?

**Супориш:** Ба саволи шашум ҷавоб нависед.

**Машқи 1.** Аз ин ибораҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед: **шаҳри зебо, модари меҳрубон, ҷавони қобил, чароғи равшан.**

**Супориш:** Матнро бори дигар хонед, аз матн калимаҳои **ба, бо, дар, аз**-ро ёфта нависед.

**Калимаҳои *ба, аз, дар, бо* пешоянд мебошанд.**

Ҷумлаҳоро нависед:

1. Дасти одам аз ӯҳдаи ҳама кор мебарояд.
3. Онро бо корҳои нек одат кунонидан лозим аст.

**Машқи 2.** Пандҳоро хонед, аз ёд кунед:

Гуфтанд:
- Чӣ чиз аст, ки ҳамаи шодию осудагӣ аз ӯст?

Гуфт: Панди падару модар

Гуфтанд:
- Аз фармонҳо кадом фармонро хор набояд дошт?

Гуфт:
- Фармони падару модарро.

**Супориш:**

1. Тарзи дуруст гузоштани аломати саволро (?) машқ кунед.
2. Вақти хондан ба оҳанги ҷумлаҳои саволӣ риоя кунед:

– Кӣ омад? – Чӣ гуфт? – Чӣ ҷавоб дод?

## ДАРСҲОИ 25 – 26

## ҲИКОЯТ

Ҳакиме писаронро панд ҳамедод, ки ҷони падар, ҳунар омӯзед, ки мулку давлати дунё абадӣ нест ва симу зар дар сафар хатар аст: ё дузд ба якбор бибарад ё хоҷа тақсим карда бихӯрад. Аммо ҳунар давлати поянда аст ва агар ҳунарманд аз давлат бияфтад, ғам набошад, ки ҳунар худ давлат аст: ҳар ҷо ки равад, қадр бинаду садр нишинад ва беҳунар луқма чинаду сахтӣ бинад!

*Саъдии Шерозӣ*

**Саволҳо:**

1. Ҳаким ба писар чӣ панд медод?
2. Ҳунар беҳтар аст, ё ки давлати дунё?
3. Чаро соҳибҳунар садрнишин аст, беҳунар луқмачин?

**Супориш:**

1. Калимаҳоро нависед:

**панд** – насиҳат
**эътимод** – бовар кардан ба чизе
**садр** – боло, пешгоҳ
**ҳаким** – доно

2. Ин калимаҳоро шарҳ диҳед ва имлои онҳоро муқоиса кунед:

ҳаким – **Ҳаким** давлат – **Давлат** сафар – **Сафар**

**Машқи 1.** Ин ҷумларо нависед, ибораҳои: **ганҷи бебаҳо, макони илму дониш**-ро шарҳ диҳед:

Китоб ганҷи бебаҳо ва макони илму дониш аст.

**Супориш:**

1. Ҷумларо хонед. Гӯед, ки ғайр аз китобҳои дарсӣ боз кадом китобҳоро доред?
2. Шарҳ диҳед:

**Ҳунарманд ҳар куҷо, ки равад, қадр бинаду дар садр нишинад ва беҳунар лукма чинаду сахтӣ бинад.**

**Машқи 2.** Бо калимаҳои **сухан, ҳунар, беҳунар, илм** ҷумла созед. Сухани нек одамро рӯҳ мебахшад.

Чӣ? - сухан; Чӣ хел? - нек;
Киро? - одамро; Чӣ кор мекунад? - рӯҳ мебахшад.

**Супориш:** Пандро аз ёд кунед:

Сухан бисёр дону андаке гӯй,
Якеро сад магӯ, садро яке гӯй.

**Машқи 3.** Ин саволҳоро дуруст хонед, баъд нависед:

1. Ҳунар чӣ натиҷа медиҳад?
2. Некбахт кӣ аст?
3. Нектарин корҳо кадомҳоянд?

*Намуна*: Нектарин кор: **хондан, далерӣ, мардӣ, некӣ, ростӣ, ҳунаромӯзӣ, сахигӣ, меҳрубонӣ,...**

## ДАРСҲОИ 27 – 28

## РАМЗИ СУЛҲ

Борон қатъ гардид. Шамоли форам вазида ба димоғ бӯйи гулу сабзаҳоро овард. Навдаҳои дарахтони себу шафтолу, ноку зардолу алвонҷ хӯрда, ҳишир-ҳишир садои дилнавоз мебароварданд. Оби ҷӯйча аз ҳарвақта дида тезтар ҷорӣ мешуд. Ман ин манзараро тамошо мекардам, ки тирезаро бод пӯшонду аз гӯшаи ҳавз чизе парида ба шохи дарахти нок нишаст. Ин кабӯтар буд. Аз паси ӯ кабӯтари дигаре парида омаду дар паҳлӯяш нишаст. Онҳо бозикунон аз як шохча ба шохчаи дигар мепариданд. Манзара боз ҳам хушрӯй шуд.

Тирезаро кушодам. Ин дафъа кабӯтарон ба сӯйи осмони софу беғубор парвоз карданд. Майлаш, бигузор онҳо баландтар парвоз кунанд! Бигузор аз парвози онҳо осмон ҳусн гирад!

**Савол ва супориш:**

1. Матнро хонед, мазмунашро нақл кунед.
2. Дар ҷумлаи сеюм чаро баъди калимаҳои **шафтолу** ва **хӯрда** аломати вергул гузошта шудааст?
3. Калимаҳоро нависед ва ба имлои онҳо эътибор диҳед: **қатъ, алвонҷ, ҷӯйча, хӯшрӯй, дафъа, паҳлӯ.**

**Машқи 1.** Калимаҳои матнро мувофиқи саволҳо ба гурӯҳҳо ҷудо кунед: **борон, форам, вазид, димоғ, гул, дилнавоз, парид, нишаст, хушрӯй, кабӯтар, осмон.**

Ашё -чӣ? - ***кабӯтар***.

*Намуна*: Аломати ашё - Чӣ хел? - **форам**

Ҳаракати ашё - Чӣ кор кард? - **парид.**

**Супориш:**

1. Калимаҳои ҳаммаъноро ба гурӯҳҳо ҷудо карда нависед: **бод, ҳусн, шамол, хушрӯй, базеб, садо, овоз, гап, сухан, нур, шуо, ранҷ, азоб**

*Намуна*: ***хушрӯй*** - базеб,...

2. Ҷумлаҳоро таҳлил кунед:

Шамоли форам вазид.

| | | |
|---|---|---|
| Чӣ? | Чӣ хел? | Чӣ кор кард? |

**Машқи 2.** Сархати охири матнро нависед, шумораи ҷумлаҳоро муайян карда, ба зери аломати ашёҳо хат кашед.

**Супориш:** Калимаҳои заруриро илова карда ҷумла созед:

| | | |
|---|---|---|
| **Борон**.... | **Шамол**..... | **Офтоб**...... |
| **Осмон**.... | **Ҷӯйча**.... | **Дарахт**,... |

Калимаҳо барои истифода: **мевазад, баромад, борид, ҷорӣ, шукуфтанд, соф шуд.**

## ДАРСҲОИ 29 – 30

### ПАНДҲОИ РАНГОРАНГ

Агар ба бадбахтӣ дучор шавӣ, туро фақат се кас: модар, падар ва дӯстат раҳо кунад.

Касе, ки дӯсти ҷониро аз дӯсти забонӣ фарқ карда наметавонад, ба аҳволи ногуворе дучор мешавад.

Касе, ки соҳиби ақлу хирад аст, зӯру тавоност. Аз он пурзӯре , ки аҳмақ аст, чӣ фоида.

Хоҳӣ, ки ба фалокат дучор нашавӣ, дар вақти қаҳру ғазаб коре макун.

**Супориш:**

1. Пандҳоро хонед, мазмуни онҳоро шарҳ диҳед. Панди дилхоҳатонро аз ёд кунед.
2. Калимаҳоро нависед:

**ногувор** – хабари ногувор, хабари бад, нофорам.
**тавоно** – боқувват, пурзӯр.
**фалокат** – бадбахтӣ, фоҷиа...

**Машқи 1.** Панди охирро рӯбардор карда, калимаи **фалокат**-ро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед ва ба қолаби нақша ғунҷонед.

**Супориш:** Ҳарфҳои калимаи **фалокат**-ро мувофиқи тартиби алфавит нависед.

**Машқи 1.** Хусусият ва аломати ин калимаҳоро аз калимаҳои дар қавс додашуда ёбед: **дӯст, ақл, забон, одам, модар, падар.**

(*ҷонӣ, ширин, меҳрубон, солим, доно, ғамхор*).

*Намуна*: Дӯсти ҷонӣ,...

**Супориш:** Калимаҳои зеринро мувофиқи саволҳои *«кӣ?»*, *«чӣ?»*, *«чӣ хел?»*, *«чӣ гуна?»*, *«чӣ кор мекунад?»*, *«чӣ кор кард?»* ба гурӯҳҳо ҷудо карда нависед: **сухан, писта, бемағз, лаб, тавоно, зӯр, мешавад, мекунад, овард,гуфт, хонд, шунид, оқил, доно.**

*Намуна*: Чӣ? – **сухан**. Чӣ хел? – **тавоно**. Чӣ кор кард? – **гуфт**.

**Саволҳо:**

1. Ашёҳо ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд?
2. Аломату хусусиятҳои ашёҳо чӣ?
3. Ҳаракат ва амали ашёҳо ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд?

## ДАРСҲОИ 31 – 32

## ҲИКОЯТ

Дар як деҳа пирамарде мезист. Ӯ писаре дошт. Боре падар ба писар гуфт:

- Гӯш кун, писарам! Чунон зиндагӣ бикун, ки дар ҳар як деҳа ҳавлӣ дошта бошӣ. Ҳар рӯз як мӯзаи нав бипӯшӣ ва ҳама ба ту таъзим бикунанд.

Писар суханони падарро шунида ба андеша рафт ва пурсид:

- Падар, охир чӣ тавр ман дар ҳар деҳа ҳавлӣ месозам? Ҳар рӯз як мӯзаи нав мехарам ва одамонро ба таъзим маҷбур мекунам?

- Падар хандиду гуфт:

- Писарам, ин кори хеле осон аст. Агар дар ҳар деҳа дӯст дошта бошӣ, ҳавлии вай ҳавлии туст. Агар хоҳӣ, ки ҳар рӯз мӯзаи нав бипӯшӣ, мӯзаатро ҳар бегоҳ тоза бикун, пагоҳӣ музаат нав метобад.

Дигар ин, ки писарам, субҳ надамида аз хоб бархез. Ба саҳро аз ҳама пештар бираву машғули кор шав. Он гоҳ,

ҳар касе, ки аз назди ту гузарад, салом мегӯяд ва таъзим мекунад.

**Саволҳо:**

1. Пирамард ба писараш чӣ гуфт?
2. Писар ба падар чӣ савол дод?
3. Пирамард насиҳаташро чӣ гуна маънидод кард?
4. Чаро падар субҳ хестани писарашро таъкид кардааст. Насиҳати пирамардро дар гӯш гиред.

**Машқи 1.** Ба калимаҳои додашуда савол гузоред ва интихобан ҷумла **созед:**

| | | |
|---|---|---|
| рӯз - шаб | пагоҳ - бегоҳ | наздик - дур |
| осон - душвор | нав - кӯҳна | тоза - чиркин. |

**Супориш:**

1. Ба шарҳи калимаҳо эътибор диҳед:

**саҳро** - дашт | **андеша** - фикр, мулоҳиза

**таъзим** - ҳурмат | **ҳавлӣ** - хона

2. Калимаҳоро нависед: **таъзим, мӯза, пӯш, ҳавлӣ, дӯст, рӯз.**

**Машқи 2.** Сарҳати охирини матнро нависед. Дар он чанд ҷумла ҳаст?

**Супориш:**

1. Аз ҷумлаҳо калимаҳои 1- 4 ҳиҷодорро ҷудо кунед ва дар нақша ғунҷонед.

*Намуна*: хоб, ... салом, ... ме-гу-за-рад, ...

2. Дар матн кадом калимаҳо ба саволи **чӣ хел?** ҷавоб мешаванд.

*Намуна*: Чӣ хел? - **нав**, ...

**Машқи 3.** Ба ибораҳои зерин савол гузоред, бо яке аз онҳо ҷумла созед ва таҳлил кунед: **Осмони соф. Мӯзаи нав. Пирамарди доно. Писари бераҳм.**

*Намуна*: Дар осмони соф ситораҳо медурахшанд.
Дар кучо? - **дар осмон**; Чӣ хел осмон? - **соф**;
Чиҳо? - **ситораҳо**; Чӣ кор мекунанд? - **медурахшанд**.

## ДАРСҲОИ 33–34

### МОРИ ДУЗДУ МУРҒОНИ ҚАСОСГИР

Холаи Ҳалима гов мечӯшиду ширро дар хона, дар хумчаҳо ҷо мекард. Пагоҳии барвақт онҳоро холӣ дармеёфт. Оид ба ин ҳодиса ба шавҳараш шикоят кард. Холмурод - амак «Сагу гурба кардагист, нигоҳ кунед онҳоро», гӯён ҷавоб медод ба арзи зан. Рафта-рафта тухми мурғҳо ҳам гум мешуданд. Вакте ки чӯҷаҳои навбаромадаи мурғҳо нест шудан гирифт, соҳибхонаҳо ба ин диққат медодагӣ шуданд.

Холмурод-амак аз садои баланду изтиробонаи қут-қути мурғҳо рӯйи ҳавлӣ баромад. Безобита гаштани онҳоро дида, наздиктар шуд ва мори дар даҳон чӯҷадоштаро дид. Мурғҳо ҳамоно аз ин хатар бонг мезаданд, мор бошад тӯъмаи худро аз даст додани набуд, фашшосзанон паррандаҳоро метарсонду ба пеш мехазид. Ӯ дар лонааш ғайб зад. Мор чанд муддат нанамуд. Ӯ тухм гузошта будааст, морбачаҳои зиёде баровард. Мурғҳо зери боми



хона омода, ҳаракати морбачаҳоро назора менамуданд. Нияти онҳо маълум буд: ба мор «ҷанг» эълон карда, ҳамарӯза зери лонааш бонги изтироб мезананд, ӯро даъват мекарданд ба ҷанги «тан ба тан». Фарзанд ширин аст ҳамаро: ҳам инсону ҳам ҷонварони рӯйи заминро. Мор, ки чӯҷаҳои мурғҳоро нест карда буд, мурғҳо аз ӯ қасос гирифтанӣ буданд.

Нисфирӯзӣ буд, морбачаҳо дар дастакҳои бом хазида, ба замин афтиданд. Мурғҳо бо ҳамлаи ногаҳонӣ ба сари морбачаҳо омада, бадани онҳоро нул мезананд. Мормодар ба ғазаб омада, худро ба замин зад. Вале мурғҳо тарсе надоштанд аз он. Морбачаҳро як сӯ гузошта, ба душмани асосии худ ҳуҷум оварданд. Мори бадҳайбат чунин зарбаҳоро интизор набуд, роҳи гурезро пеш гирифт, аммо мурғҳо морро ҳалқа гирифта, бо навбат нӯл мезананд. Мор аз «даст»-и мурғони ба ғазабомада дур рафта натавонист, онҳо баданашро лахт-лахт намуданд.

**Саволу супориш:**

1. Хонед ва мазмуни ҳикояро нақл кунед.
2. Дар ҳавлии Ҳалима-хола ва Холмурод-амак чӣ ширу тухмдуздӣ мекард?
3. Мурғони ҳавлӣ аз чӣ безобита шудаанд?
4. Мурғҳо чаро ба мор ҷанг эълон карданд?
5. Мурғҳо чӣ хел аз мор қасос гирифтанд ва барои чӣ?
6. Хислатҳои мурғон ва морро алоҳида-алоҳида нависед.
7. Калимаҳои **безобита, тан ба тан, тӯъма** ва **бонг**-ро шарҳ диҳед ва нависед.
8. Чаро баъзе калимаҳоро бо ҳарфи калон менависем?

**Машқи 1.** Ҷумлаҳоро таҳлил кунед:

1. Мурғҳо аз ин хатар бонг мезананд.

2. Мор дар лонааш ғайб зад.

**Супориш:**

1. Дар ҳикоя кадом калимаҳо бо саволи «*чӣ хел*?» ҷавоб мешаванд?

*Намуна*: чӣ хел? - **навбароварда, ширин**...

2. Бо истифода аз ин саволҳо ҷумла тартиб диҳед, яке аз онҳоро таҳлил кунед:

| | | |
|---|---|---|
| чӣ? | чиҳо? | чӣ хел? |
| чӣ хел? | чӣ кор кард? | чӣ кор карданд? |

**Машқи 2.** Калимаҳоро ба ҳам алоқаманд карда, ҷумла созед.

**Супориш:**

1. Аз ҳарфҳои калимаи «**нисфирӯзӣ**» истифода карда, калимаҳои нав созед.

*Намуна*: ***нисфирӯзӣ*** – фирӯз, синф,...

2. Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед:

| | | |
|---|---|---|
| ҳамарӯза - | меҷӯшид- | изтиробона - |
| нисфирӯзӣ - | интизор - | |

*Намуна*: ин-ти-зор,...

3. Ба имлои ин калимаҳо эътибор диҳед: **тӯъма, бағазабомада, бадҳайбат, фашшосзанон, бонг, ғайб, даъват, изтироб, эълон, дастакҳо.**

## ДАРСҲОИ 35 – 36

## ОФТОБИ ҶАҲОНТОБ

Айёми тобистон офтоби ҷаҳонтоб бар болои сар рост баромада, кӯҳу биёбонро баробар равшан ва гарм намуда буд. Лекин ҳарчанд рӯзи тобистон бошад ҳам, ҳавои кӯҳсор монанди айёми баҳор миёна ва форам буд. Кабкҳои дарӣ гоҳо дар теппа ва гоҳо дар камар сайру гашт мекарданд. Мурғони хушилҳом бар шохаҳои дарахтони кӯҳӣ нишаста,



нағмасарой мекарданд. Ҷӯйчаҳои оби соф, ки аз фарози кӯҳ ба нишеб, аз санге ба санге ҷастухез карда мефаромаданд, ба шилдир-шилдири оҳангдори худ бо мурғони нағмасаро ҳамовозӣ мекарданд.

Гӯсфандон дар хоби ноз, бузғолагон дар тохтутоз, чӯпонбачагон дар давидан,оҳубаррагон дар рамидан, хулоса ҳар кас, ҳар чиз ва ҳамаи табиат дар олами худ хурсанд ва шодмон буд.

*С. Айнӣ*

**Саволҳо:**

1. Айёми тобистон ҳавои кӯҳсор чӣ хел буд?
2. Мурғони хушилҳом чӣ кор мекарданд?
3. Шилдир-шилдири обҳо бо чиҳо ҳамовоз буданд?
4. Дар табиат кӣ? ва чӣ? хурсанду шодмон буданд?

**Супориш:** Калимаҳоро нависед:
**ҷаҳон** - олам, дунё
**ҷаҳонтоб** - равшанкунандаи дунё
**фароз** - баландӣ, боло, рӯйи чизе
**айём** - замон, вақт
**хушилҳом** - мурғони хушовоз, хушсадо, хушхон.

**Машқи 1.** 1. Аз иборахо ҷумла созед, яке аз ҷумлаҳои сохтаатонро таҳлил кунед:
**Оби соф. Ҳавои кӯҳсор. Мурғони хушилҳом. Кабкҳои дарӣ.**
*Намуна*: Офтоби ҷаҳонтоб баромад.
Чӣ? - **Офтоб**. Чӣ хел? - **ҷаҳонтоб**. Чӣ кор кард? - **баромад**.
2. Ба ёд гиред:
**Кабки дарӣ** - навъе аз кабки кӯҳӣ.
**Рамидан** - тарсидан (бештар доир ба ҳайвонот, паррандаҳо).

**Машқи 2**. Ба саволҳои зерин ҷавоб гӯед:
1. Чӣ кӯҳу биёбонро равшан мекард?
2. Чаро ҳавои кӯҳсор форам буд?
3. Мурғони хушилҳом чӣ кор мекарданд?
4. Чиҳо дар табиат хурсанду шодмон буданд?
*Намуна*: Ҷавоби саволи охир: **гӯсфандон, бузғолагон, чӯпонбачагон, оҳубаррагон, ҳар кас ва ҳар чиз**...

**Супориш:**
1. Калимаҳои дилхоҳатонро аз намуна ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.
*Мисол*: чӯ-пон-ба-ча-гон,...
2. Чаро ин калима аз панҷ ҳиҷо иборат аст?
3. Аз ҳарфҳои калимаи **чӯпонбачагон** калимаҳои нав созед.
*Намуна*: ***чӯпонбачагон*** – ба, чӯб,...

**Машқи 3.** Муқобилмаънои ин калимаҳоро ёбед:
равшан – боло – гарм – соф –
*Намуна*: равшан - торик,...

**Супориш:**

1. Ин калимаҳоро нависед: **айём, теппа, кӯҳӣ, ҷӯй, ҷастухез, фароз, бузғола.**

2. Дар хона бо ин ибораҳо ҷумла созед, яке аз ҷумлаҳои сохтаатонро таҳлил кунед:

**Ҳавои кӯҳсор. Мурғони хушилҳом. Кабкҳои дарӣ.**

*Намуна*: Ҷӯйчаҳои оби соф ҷорӣ мешуданд.

Чиҳо? - **оби соф**.

Чӣ кор мекарданд? - **ҷорӣ мешуданд**.

## ДАРСҲОИ 37 – 38

### ЗАХМИ ЗАБОН

Одаму хирс бо ҳам дӯст шуданд. Одам боре хирсро ба меҳмонӣ даъват карда, зиёфати калон дод. Вақти рафтани хирс одам ӯро гуселонида истода, бародарвор ба оғуш кашида бӯсид. Ин ҳолро дида, зани ӯ рӯй турш кард ва ба замин туф карда ба шавҳараш гуфт:

– Чӣ хел табъат кашид, ки ин меҳмони бадбӯйро бӯсидӣ?

Хирс рафт. Чанде пас одам ба хабаргирии ӯ рафт ва ба мақсади он, ки дар бозгашт ҳезум карда ояд, табарашро ҳамроҳи худ гирифт.

Хирс дӯсташро бо чеҳраи кушод истиқбол кард. Ҳар ду гарму ҷӯшон вохӯрӣ ва пурсупос карданд.

Ҳангоми бозгаштани мард хирс аз ӯ чунин хоҳиш кард:

- Дӯстам, илтимос, ба сарам бо табарат якто зан.

- Чаро бегуноҳ туро мезадам? - ҳайрон шуд мард.

- Сабабашро баъд мефаҳмӣ, илтиҷо мекунам.

Мард розӣ нашуд. Хирс ӯро ба ҷону ҳолаш намонда, зорию тавалло мекард, ки занад.

Ниҳоят мард бо табар ба сари хирс зад. Хирс маҷрӯҳ шуд ва чизе нагуфта ба ҷангал даромада рафт. Мард ба хонааш баргашт.

Аз байн хеле вақт гузашт. Рӯзе онҳо боз вохӯрданд. Ҷароҳати сари хирс тамоман сиҳат ёфта, асли қадима барин шуда буд.

- Дидӣ, дӯстам, - гуфт хирс ба мард, захми табаре, ки ту ба сарам задӣ, кайҳо шифо ёфт, аммо ҷароҳати дилам, ки аз теғи забони занат пайдо шудааст, ҳанӯз боқист.

**Саволҳо:**

1. Одам баъди зиёфат хирсро чӣ кор кард?
2. Зани одам чаро рӯй турш кард?
3. Хирс ҳангоми бори дуюм вохӯрдан аз одам чӣ хоҳиш кард?
4. Захми забон вазнин ё захми табар?

**Супориш:**

1. Ин калимаҳоро нависед: **бадбӯй, табъ, ҷӯшон, турш, баъд, тавалло.**
2. Садонокҳои ин калимаҳоро муайян кунед:

| | | |
|---|---|---|
| дӯст – | гарм– | калон – |
| рӯз – | кушод – | сиҳат – |

3. Садонокҳои ин калимаҳоро муайян кунед: **гуселонид, бадбӯй, истиқбол, тавалло, ҷароҳат, аммо.**

**Машқи 1.** Ду ҷумлаи охири матнро нависед ва ба аломатҳои китобатӣ эътибор диҳед.

**Супориш:**

1. Ин калимаҳои матн ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд? – **калон, рӯйи турш, бадбӯй, кушод, гарм, ҷӯшон.**

*Намуна*: Чӣ хел? – **бадбӯй**, ...

2. Ин калимаҳо чӣ?

**бӯсид, гирифт, зад, рафт, баргашт, вохӯрданд.**

**Чӣ кор кард? – баргашт**.

**Машқи 2.** Кадом калимаҳои матн ба ин саволҳо ҷавоб мешаванд?

Кӣ? , Чӣ?, Чӣ хел?, Чӣ гуна?, Чӣ кор кард?, Чӣ шуд?

*Намуна*: Кӣ? - **Одам**,... Чӣ? - **хирс**,...Чӣ кор кард? **-зад**, ...

**Супориш:**

1. Яке аз ҷумлаҳои матнро таҳлил кунед.

*Намуна*: Хирс дӯсташро бо чеҳраи кушод истиқбол кард.

Чӣ? - **хирс**. Киро? - **дӯсташро**.

Чӣ хел? - **бо чеҳраи кушод**. Чӣ кор кард? - **истиқбол кард**.

2. Ҳаммаънои ин калимаҳоро ёбед:

**чеҳра**... **ҷароҳат**,... **илтимос**,...

*Намуна*: ***ҷароҳат*** – захм.

**Машқи 3.** Ба саволҳои зерин ҷавобҳои хаттӣ нависед:

1. Чаро зани одам рӯй турш кард?
2. Хирс аз одам чӣ хоҳиш кард?
3. Хирс баъди шифо ёфтан ба одам чӣ гуфт?

**Супориш:** Шарҳи калимаҳоро хонед:

**турш** - бадқаҳр шудан.

**истиқбол**- пешвоз гирифтан.

**тавалло** - илтимос.

**маҷрӯҳ** - захмин.

## ДАРСҲОИ 39–40

### ФАЗИЛАТИ НУТҚ

Фарқи инсон аз ҳайвон дар нутқ аст. Агар сухан намебуд, одам ба мисли ҳайвон мебуд. Ҳушёрро аз девона ва ошноро аз бегона танҳо ба воситаи сухан фарқ карда мешавад.

Бисёре аз донишмандон забонро ба теғ монанд кардаанд. Яъне, одоби муошират он аст, ки дар баъзе маврид аз сухан гуфтан дида, хомӯш будан беҳтар аст.

Ҳикоят: Бузургмеҳрро гуфтанд, ки чӣ чиз аст, ки Худои таъоло ба банда диҳад, ки ҳеҷ чиз беҳ аз он набошад?

Гуфт: - Хиради табиӣ.

Гуфтанд: - Агар набошад?

Гуфт: - Хулқи хуш

Гуфтанд: - Агар ин ҳам набошад?

Гуфт: - Хомӯшӣ, ки пӯшонандаи айбҳо аст.

Мо бояд дониста сухан гӯем, то дили ҳамсӯҳбатро наранҷонем, чунки беҳуда нагуфтаанд:

Сухан дониста гӯй, то дӯстро душман нагардонӣ,
Зи ҳарфи бетааммул ошно бегона мегардад.

**Саволҳо:**

1. Донишмандон суханро ба чӣ монанд кардаанд?
2. Чаро мегӯянд, ки сухан беҳтарин тӯҳфаи Парвардигор ба инсон аст?
3. Чаро мегӯянд, ки захми табар меравад, захми забон не?

**Супориш:**

1. **хирад** - ақл
2. **хулқ** - одоби нек,...

3. Шеърро аз ёд кунед.

**Машқи 1.** Ҳикояти Бузургмеҳрро хонед ва тарзи навиштанашро машқ кунед.

**Супориш:**

I. Ба ҷойи саволҳо калимаҳои мувофиқ ёфта нависед:

1. Забонро (ба чӣ?) монанд мекунанд?
2. Ба бачаи (чӣ хел?) ҳама раҳмат мегӯянд?
3. Одами (чӣ хел) ҳамеша хор аст?
4. Одами (чӣ хел) доимо хоксор аст?

II. Бо калимаҳои **теғ, боақл** ҷумла созед, яке аз ҷумлаҳои сохтаатонро таҳлил кунед.

*Намуна*: Хислати дурӯғгӯӣ одамро бадбахт мекунад.

**Машқи 2.** Ба ин саволҳо аз рӯйи мазмуни матн бо як ё ду калима ҷавоб диҳед:

1. Фарқи инсон аз ҳайвон дар чист?
2. Ҳушёр аз девона чӣ фарқ дорад?
3. Аз сухан гуфтан баъзан чӣ беҳтар аст?

*Намуна*: Аз сухан гуфтан баъзан чӣ беҳтар аст? - **хомӯшӣ.**

**Супориш:** Аз ин панд ашё, аломату хусусият ва ҳаракату амалиётро ёфта, саволи мувофиқ гузоред. Пандро аз ёд кунед:

Дар сухан дурр бибоядат суфтан,
Варна гунгӣ беҳ аз сухан гуфтан.

**Машқи 3.** Ин васиятҳоро, ки Луқмони Ҳаким ба писараш кардааст, хонед:

1. Магӯ он чӣ намедонӣ.
2. Оҳ макаш, уф магӯй.
3. Ҳасад мабар.
4. Гург омӯзгор, хук парҳезгор нашавад.
5. Ҳақро инкор макун.

**Супориш:** Дар мавзӯи насиҳати падар ҳикояча нависед. Ҳикояро ин тавр сар кунед:

Ман падарамро дӯст медорам, вай хислатҳои хуб дорад...

## ДАРСҲОИ 41 – 42

### ФИРЕБИ КАБК

Баҳор. Ҳама ҷо каб-кабуд, пур аз лолаю савсан, сиёҳгӯшу гулҳои наврӯзӣ. Аз ҳар тараф хониши кабк, чирик-чирики гунҷишкон ба гӯш мерасад. Офтоб саховатмандона нурафшонӣ мекунад ва гармияш ба кас чунон форам мерасад, ки ихтиёр менамоед соате дар зери шӯоъҳои тиллоранги он ба рӯйи сабза ғел занед, ё дароз кашида дам гиред. Насими форам бошад, ҳазору як хел бӯйи муаттарро ба машоми кас мерасонад.

Ману духтарчаам - Мунаввара соатеро дар саҳро ба истироҳат ва гулчинӣ гузарондем. Баногоҳ назари Мунаввара ба паррандачаҳои хурд-хурди хокистаранге афтод, ки онҳо бештар бо гунҷишк монандӣ доштанд. Мунаввара зуд гулҳоро ба замин партофта, аз пушти паррандагон давид. Онҳо ҳанӯз парида наметавонистанд ва тез-тез по монда ба ин сӯю он сӯ медавиданд.

Мунаввара чӯҷаеро дошта гирифт. Дар ҳамин вакт дид, ки модари онҳо ғалтону хезон рафта истодааст. Духтарам чӯҷаро сар доду кабкро доштанӣ шуд. Кабк бошад, аввал оҳиста-оҳиста, баъд тез-тез по монда, як ба ақибаш нигоҳ карда гирифт: чӯҷаҳо кайҳо ба таги буттаҳо даромада пинҳон шуда буданд. Ногоҳ кабк ба ҳаво парвоз карду зуд аз назар ғоиб шуд.

Мунаввара ноумед шуда гиря кард.

- Чаро чӯҷаро сар додӣ? - пурсидам аз ӯ

- Ман... ман... калонашро доштанӣ будам, - гуфт Мунаввара маъюсона.

**Саволхо:**

1. Мунаввара бо падараш дар саҳро чӣ кор мекард?
2. Мунаввара ногоҳ чиро дид ва чӣ кард?
3. Чаро кабк худро ланг нишон дод?
4. Мунаввара чаро маъюс шуд?

**Супориш:** Шарҳи калимаҳоро хонед:

**шӯоъ** – нури офтоб;
**муаттар** – хушбӯ;
**машом** – димоғ, бинӣ.

**Машқи 1.** Матнро ба қисмҳо ҷудо карда, сӯҳбат гузаронед.

**Супориш:**

1. Аз матн аломату нишонаҳои фасли баҳорро нависед.
   *Намуна*: Пур аз лолаю савсан ...
2. Кадом аломату хусусиятҳои фаслҳои солро медонед?
3. Калимаҳои ҳаммаъноро нависед:

**хушнамуд** – зебо, хубрӯ, базеб.
**марғзор** – алафзор, сабзазор.

**Машқи 2.** Ба ин иборахо саволҳои мувофиқ гузоред, гӯед, ки ашё бо аломати ашё ба воситаи чӣ алоқаманд шудаанд?

**Офтоби нурафшон.**
**Насими форам.**
**Паррандачаҳои хокистарранг.**
**Шӯоъҳои тиллоранг.**
**Бӯйи муаттар.**

*Намуна*: **офтоб** (чӣ?) - ашё. **Нурафшон** (чӣ хел?) - аломати ашё. **И** - бандаки изофӣ.

**Машқи 3.** Ба саволҳои зерин ҷавоб нависед:

1. Мунаввара дар саҳро чӣ мекард?
2. Мунаввара чаро гулҳои чиндаашро ба замин партофт?
3. Барои чӣ Мунаввара ноумед шуда гиря кард?

**Супориш:**

1. Калимаҳоро нависед: **Мунаввара, парранда, тез-тез, оҳиста-оҳиста, бутта, сиёҳгӯш, гунҷишк, аввал.**
2. Кадоми ин калимаҳо ба саволҳои «*кӣ?*», «*чӣ?*», «*чӣ хел?*», «*чӣ кор мекунад?*», ҷавоб мешаванд?

**Мунаввара, кабк, баҳор, лола, сабза, офтоб, мекунад, мерасад, мебарояд, меҷӯяд, форам, хокистарранг, кабуд, гарм.**

*Намуна*: Кӣ? - **Мунаввара**. Чӣ? - **лола**, ...
Чӣ кор мекунад? - **мечинад**,... Чӣ хел? - **форам**,...

3. Аз ҳарфҳои калимаи **саховат** калимаҳои нав созед:
*Намуна*: ***саховат*** – сахт,...

## ДАРСҲОИ 43–44

## ДӮСТӢ
**(Афсона)**

– Оҳуе дар баландии хушбоду ҳаво ва сералафе мечарид. Чашми вай ба гунҷишке, ки ҳар сӯ меҷаҳид, афтод. Оҳу ба вай нигоҳ карда гуфт:

– Чӣ ин қадар ҷасту хез дорӣ, магар ба саёҳат омадӣ?

– Не, ман ба назди ту омадам, мехоҳам бо ту ошно шавам, - ҷавоб дод гунҷишк.

– Парво накун, аз дасти ман бисёр корҳои хуб меояд. Худат дида баъд қоил мешавӣ.

Оҳу ин пешниҳоди гунҷишкро қабул кард. Онҳо аз ҳамон рӯз эътиборан дӯстона зиндагӣ ба сар мебурдагӣ шуданд. Баъд бо онҳо муш ошноӣ кард.

Рӯзе ногоҳ оҳу аз рафиқонаш ҷудо шуда монда, ба доми сайёд афтод. Сайёд хост, ки оҳуро зинда ба хонааш барад. Бинобар ин ӯро ба дарахт сахт баста, худаш ба лаби ҷӯй рафт.

Гунҷишк ба ҷустуҷӯи вай баромад. Ногоҳ гунҷишк дид, ки оҳу дар як дарахт сахт баста шудааст. Вай зуд ба назди муш рафт, воқеаро нақл кард.

Ҳар дуяшон ба назди оҳу омаданд. Муш бо дандончаҳои тезаш бандро зуд бурид.

Оҳу аз доми сайёд озод шуда, бо дӯстони хурдтараки бовафои худ ба даштҳои дилкушо баромада рафт.



**Саволҳо:**

1. Оҳу чиро дид?
2. Гунҷишк ба оҳу чӣ гуфт?

3. Оху ва гунҷишк боз бо кӣ дӯст шуданд?
4. Сайёд охуро ба дом андохта чӣ кор кард?
5. Дӯстон охуро аз дом чӣ хел озод карданд?

**Супориш:**

1. Ҳангоми нақли мазмуни матн ба оҳанги ҷумлаҳо диққат диҳед?
2. Шарҳи калимаҳоро ба эътибор гиред.

**дом** – банд, ресмон;
**сайёд** – шикорчӣ;
**дилкушо** – дилкаш.

**Машқи 1.** Сархати 2-3-юми матнро нависед, тарзи гузоштани аломати саволро омӯзед.

**Машқи 2.** Аз матн калимаҳоеро ёбед, ки ба саволҳои ***чӣ хел***?, ***чӣ гуна***? ҷавоб шаванд.

*Намуна*: Чӣ хел? - **хушбоду ҳаво, сералаф**,...

**Супориш:**

1. Ҷумлаи зеринро таҳлил кунед:

Оху аз доми сайёд озод шуд.

Чӣ? - **оху**,
Аз чӣ? - **аз дом**,
Чӣ шуд? - **озод шуд**,
Аз доми кӣ? - **аз доми сайёд**.

2. Калимаҳоро нависед: **сайёд, дӯстон, ҷустуҷӯ, сералаф, саёҳат, баъд.**

**Машқи 3.** Ба ин саволҳо ҷавоб нависед:

1. Чашми чӣ ба гунҷишк афтод?
2. Ӯ ба гунҷишк чӣ савол дод?
3. Гунҷишк чӣ ҷавоб дод?
4. Оху ба доми кӣ афтод?
5. Дӯстон чӣ тадбир ҷустанд?

## ДАРСҲОИ 45–46

### ҶАҲОН ВА АҚЛ

Дарахт аст ин ҷаҳону мева моем,
Ки хуррам бар дарахти ӯ бароем.
Дигар ҳастанд баргу мо ҳама бар,
Туфайли мо шуданд инҳо саросар.
Шараф дорад дарахт аз меваорӣ,
Кӣ бошад то набошад ҳеҷ боре?
Зи бӯю лаззати хуш меваҳоро,
Шараф бошад чунон к-аз ақл моро.

*Носири Хусрав*

**Луғат:** **хуррам** – шод, хурсанд
**бар** – ҳосил, мева
**шараф** – нанг, номус, сарбаландӣ

**Супориш:**

1. Шеър дар бораи чиҳо гуфта шудааст?
2. Дар шеър дар васфи дарахтҳо ва ақл чиҳо гуфта шудааст?
3. Чаро шоир меваро шарафи дарахт номидааст?
4. Ақл шарафи кӣ аст?
5. Шеърро аз ёд кунед.

**Машқи 1.** Ду мисраи охири шеърро бо ҷумлаи худ нависед.

**Машқи 2.** Ба ин саволҳо ҷавоб диҳед ва онҳоро нависед:
Кӣ шеър хонд? Саид чӣ кор кард? Саид чӣ хел?

**Супориш:**

1. Аз калимаҳои пароканда ҷумлаҳо созед: **дарахт, ҷаҳон, мева, хуррам, бароем, мо, аст, ин, мебошем, шараф, меваор, туфайл, бӯю лаззат, ақл.**

2. Ба шарҳи калимаҳо эътибор диҳед:
**ҷовидон** – абадӣ, ҳамешазинда.
**баён** – гуфтор, ифода.
**ифтихор** – фахр кардан.
**озодӣ** – мутеъ набудан.
3. Ба имлои ин калимаҳо диққат диҳед: **соҳибистиқлол, соҳибихтиёр, истиқлолият, мустақилият.**
– Ба Ватани мо - Тоҷикистон ин калимаҳо чӣ дахл доранд?
4. Аз ин калимаҳои пароканда ҷумла созед: **буд, шоир, Рӯдакӣ, форам, дошт, овози.**
5. Ба шарҳи калимаҳои зерин эътибор диҳед:
**кишоварз** - деҳқон; **оғоз** - сар кардан, шурӯъ намудан.
6. Ба имлои калимаҳо эътибор диҳед:
**Абӯабдуллои Рӯдакӣ, Панҷрӯд, эътироф, даъват, Сомониён, классикӣ.**

## ДАРСҲОИ 47 – 48

### ДОНИШМАНДИ ҶАҲОНГАРД

Ӯ марде буд, ки дар як ҷо нишаста наметавонист. Аз сармою гармии табиат парвое надошт. Ин мардро имрӯз дар ин деҳа бинанд, пагоҳ дар деҳаи дигар медиданд. Ӯ гӯё шабу рӯз дар сафар буд. Вай овози баланд, вале фораму гӯшнавоз дошт. Суханонаш хеле зебо ва пурмазмун буданд. Вай ба одамон мегуфт, ки якдигарро озор надиҳанд. Ба якдигар некӣ кунанд. Рафиқ ва дӯст бошанд.

Суханони вай одамро ба роҳи рост равона менамуд. Ҳар касе, ки суханони ӯро як бор шунавад, орзу мекард, ки бори дигар шунавад. Олимону шоирон аз сӯҳбати ӯ баҳраманд буданд.

Ҳамин тавр ин донишманд ҷаҳонгардӣ мекард. Оламу одам медид. Таҷрибаи рӯзгор ва илму дониш ҷамъ мекард.

Ин марди ҷаҳонгард шоир ва нависандаи бузург Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ буд.

Ақидаҳои инсонпарастонаи Саъдиро одамони тамоми олам меписанданд ва қабул мекунанд.

**Саволҳо:**

1. Кӣ шабу рӯз дар сафар буд?
2. Вай ба одамон чӣ мегуфт?
3. Чаро одамон орзу мекарданд, ки ӯро боз бинанд?
4. Ӯ чаро ҷаҳонгардӣ мекард?
5. Ин донишманд кӣ будааст?

**Супориш:** Ба ин калима ва ибораҳо саволҳо гузоред: **сардӣ, гармӣ, овози баланд, форам, зебо, пурмазмун, чашми бад, роҳи рост, нависандаи бузург.**

*Намуна*: Чӣ? - **овоз**; Чӣ хел? - **баланд, форам**.

**Машқи 1.** Ин ҳикояро хонед, аз ёд кунед:

Луқмонро гуфтанд:

- Адаб аз кӣ омухтӣ?

Гуфт:

- Аз беадабон: ҳар чӣ аз эшон, дар назарам нописанд омад, аз он парҳез кардам.

**Машқи 2.** Калимаҳоро нависед:

**эшон** - онҳо

**парҳез** - дур истодан аз кори бад, даст кашидан, худдорӣ кардан.

**Машқи 3.** Матни «Донишманди ҷаҳонгард»-ро бори дигар хонда бинед, ки калимаҳои **бо, ба, аз, дар**, чӣ тавр навишта шудаанд.

**Супориш:** Гӯед, ки чаро ин калимаҳо аз калимаҳои дигар ҷудо навишта мешаванд?

**Ба** мактаб, **дар** мактаб, **то** мактаб, **аз** мактаб, **бо** хоҳарам,...

## ДАРСҲОИ 49 – 50

### ТАБИАТ ЧИСТ?

Дар дунё касе нест, ки табиат, манзараҳои нотакрори онро дӯст надорад. Аз тамошо, аз сайру саёҳати он ҳузуру ҳаловат набарад, дилаш ба шавқ ва ҷӯшу хурӯш наояд. Табиат чист? Табиат муҳите аст, ки моро иҳота мекунад. Табиат тамоми боигариҳои худро ба инсон, ба мо мебахшад. Мо чӣ? Дар ивази ҳамаи ин некиву саховатҳояш ба табиат чӣ додаему чӣ медиҳем?

Як ҳикояи ибратбахше ҳаст. Пирамарде бо қомати хамида ва дастони ларзон ниҳол мешинондааст. Раҳгузаре ба ӯ гуфтааст, ки ту пирӣ, то мева додани ниҳол зинда



монданат гумон аст... Аз ин ниҳол шинонидаат ба ту чӣ фоида? Мӯйсафед ҷавоб додааст: «Дигарон ниҳол шинонданд, меваашро мо хӯрдем, акнун мо шинонем, то ҳосилашро дигарон хӯранд».

**Саволҳо:** Матнро хонед, ба ин саволҳо ҷавоб диҳед:

1. Табиат чист?
2. Табиат ба инсон чӣ медиҳад?
3. Мо ба дунё барои чӣ омадаем?
4. Роҳгузаре ба пирамард чӣ гуфт?
5. Мӯйсафед чӣ ҷавоб дод?

**Машқи 1.** Матнро хонед ва нависед, ба зери калимаҳое, ки ба саволи «***чӣ хел?***» ҷавоб мешаванд, хат кашед.

Дар лаби ҷӯйи серобе як бех Маҷнунбед қад кашида буд. Бисёр зебо, боби тамошо! Шохаҳои сабз, маҳину ҳамоилаш ба чилкокули арӯси шармгин монанд буд. Роҳгузарони хаста дар сояи ин Маҷнунбед нишаста, нафас рост мекарданд. Сояи салқинаш ҷойи бозиҳои кӯдакони шӯху беқарор буд...

**Машқи 2.** Ин ду ҷумларо таҳлил кунед:

1. Дигарон ниҳол шинонданд, меваашро мо хӯрдем.
2. Пирамард бо қомати хам ниҳол мешинонид.

*Намуна*: Киҳо? - **дигарон**. Чӣ? - **ниҳол**. Чӣ кор карданд?- **шинониданд**. Чӣ? - **мева**. Кӣ? - **мо**. Чӣ кор кардем? - **хӯрдем**. Кӣ? - ....     Чӣ хел?- ...     Чӣ? ....     Чӣ кор мекард?....

**Супориш:**

1. Шарҳи калимаҳоро хонед:

**муҳит** - дунёе, ки моро фаро гирифтааст
**фаровон** - бисёр, зиёд
**ҳамоил** - овезон

шӯх - беқарор, серҳаракат

2. Ин калимаҳоро нависед: **сайр, саёҳат, ҳузур, ҷӯш, ҷӯй, Маҷнунбед, чилкокул.**

**Машқи 3**. Ин тарзи саволгузориро ёд гиред:

1. Бародари ман (дар куҷо?) кор мекунад.
2. Муаллимон (ба кӣ?) мурочиат менамоянд.
3. Ман (чиро?) дӯст медорам.
4. (Кай?) паррандагон (аз куҷо?) бармегарданд.
5. Мавзуна (чӣ тавр?) рақс мекунад.

**Супориш:** Хонед. Рӯбардор кунед, ба ҷойи саволҳо калимаҳои мувофиқро гузоред:

1. Маҷнунбед дарахти (чӣ хел?) аст.
2. Ман (чиро?) мехонам.
3. (Кай?) (ба куҷо?) меҳмон омад.
4. Обид (ба кӣ?) мактуб навишт.
5. (Аз куҷо?)дарёи (чӣ хел?) мегузарад.

## ДАРСҲОИ 51 – 52

## УСТОДИ МИЛЛАТИ ТОҶИК

Садриддин Айнӣ олим ва нависандаи бузурги халқи тоҷик аст. Падари Садриддин шахси босавод буд. Ӯ насиҳат мекард, ки хону хону хон! Баъди вафоти падар ба сари Садриддини хурдсол душвориҳои зиёд омад. Вале ӯ хонданро тарк накард, зеро ба хондан завқи зиёд дошт. Вай барои таҳсили илм ба Бухоро меояд. Дар он ҷо барои бачаи камбағал илму дониш омӯхтан душвор буд. Ӯ дарс мехонд. Ҷомашӯӣ, фаррошӣ мекард, то ки луқмаи нон ёбад. Вай вақти холиашро ба китобхонӣ сарф мекард. Кӯшиш

за меҳнати ӯ беҳуда нарафт. Дар 18 солагӣ ба шеъргӯӣ шурӯъ намуд. Дар байни аҳли илму адаби Бухоро ном баровард.

С. Айнӣ дар яке аз асарҳои худ «Мактаби кӯҳна» дар бораи айёми бачагиаш нақл кардааст.

**Саволҳо:**

1. Айнӣ дар кадом лаҳзаҳо васияти падарро ба ёд меовард?
2. Ҳангоми таҳсили илм дар Бухоро ӯ чӣ гуна корҳоро ичро мекард?
3. Кӯшиш ва меҳнати ӯ чӣ натиҷа дод?

**Супориш:**

1. Ба ин саволҳо бо 1-2 калима ҷавоб диҳед ва нависед.
2. Падар ба Садриддин чӣ насиҳат кард?- ....
3. Вай барои таҳсил ба куҷо омад? - .....
4. Ӯ дарс мехонд, боз чӣ кор мекард? - ...
5. Дар чандсолагӣ ба шеъргӯӣ сар кард? - ...
6. Айнӣ аёми бачагиашро дар кадом асараш нақл мекунад? - ...

**Машқи 1.** Матнро бори дигар хонед, калима ва ибораҳоеро, ки ба саволҳои «*кӣ*?», «*киҳо*?», «*чӣ хел*?», «*чӣ кор мекунад*?», «*чӣ шуд*?» ҷавоб мешаванд, муайян кунед:

*Намуна*: Кӣ? - **Айнӣ**, ...
Чӣ хел? - **вазнин**, ...
Чӣ кор мекунад? - **меоварад**, ...

**Супориш:** Дуруст навиштани калимаҳоро машқ кунед: **Садриддин, Айнӣ, ҷомашӯӣ, фаррошӣ.**

**Машқи 2.** Зарбулмасалҳоро хонед:

1. Олим бошӣ - такрор кун,
Деҳқон бошӣ - шудгор кун.

2. То худат меҳнат накунӣ,
Ба қадри меҳнати кас нарасӣ.

**Супориш:** Дар охири ҷумлаҳо кадом аломат омадааст? Маънои зарбулмасалро гӯед.

## ДАРСИ 53

### ЛАТИФА

Афандӣ як ғоз дошт. Онро кушта, пухта ба подшоҳ пешкаш карданӣ шуд. Азбаски худаш гурусна буд, дар роҳ як пои ғозро хӯрд ва ғози якпояро бурда пеши подшоҳ рӯйи дастурхон гузошт.

Подшоҳ ғози яклухт пухтагиро дида пурсид:

- Афандӣ, як пои дигари ғоз чӣ шуд?

Афандӣ зуд ҷавоб ёфта натавониста, ба ҳар тараф нигоҳ карду чашмаш ба ғозҳои подшоҳ афтод, ки дар сояи сарҳавз якпоя истодаанд. Аз ин ҳолат истифода карда гуфт:

- Имсол ҳамаи ғозҳо аз тухм якпоя баромадаанд, намебинед, ки ғозҳои шумо низ ҳама якпояанд..

Подшоҳ ба хизматгори худ амр дод, ки чӯбдасташро ба тарафи ғозҳо ҳаво диҳад. Хизматгор чӯбдасташро ҳамин ки ҳаво дод, ғозҳо якбора рамида, дупоя гурехтанд. Подшоҳ инро ба Афандӣ нишон дода гуфт:

- Чаро дурӯғ мегӯӣ, Афандӣ? Дида истодаӣ, ки ғозҳои мо дупояанд.

Афандӣ фавран ҷавоб гардонд:

- Агар он чӯбдаст ба сари шумо ҳам меомад, шумо низ чорпо шуда мегурехтед!

**Луғат:** **рамида** - тарсида, ваҳмида, ҳаросида.

**Савол супориш:**

1. Латифаро хонед.
2. Ба ҳозирҷавобии Афандӣ шумо чӣ баҳо медиҳед?
3. Агар дар бораи Афандӣ нақлу ривояте донед, нақл кунед.

**Машқи 1.** Сархати аввали матнро нависед, ба калимаҳо саволҳои мувофиқ гузоред.

**Машқи 2.** Хонед:

Биёед, эй рафиқон дарс хонем,
Ба бекорию нодонӣ намонем.

Ба олам ҳар касе бекор гардад,
Ба чашми аҳли олам хор гардад.

*Садриддин Айнӣ*

**Супориш:** Гурӯҳи калимаҳои ҳаммаъноро нависед:

**касб**, ҳунар
**олам**, ҷаҳон
**рафиқ**, дӯст, бародар
**хор** – бадбахт, бечора
**хор** – хори сари роҳ, харе, ки ба по мехалад.

## ДАРСИ 54

## ОДАМРО АЗ ОДОБАШ МЕШИНОСАНД

– Хислати аз ҳама хуби инсон чист?

Падар гуфт:

– Одоби ӯ. Чунки одамро аз одобаш мешиносанд. Баъд дӯст медоранду ҳурмат мекунанд. Дар вақти сӯҳбат бо дӯст ва рафиқ ибораю ифодаҳои «суханони бемаънӣ», «гапи намешудагӣ», «ҳамин ҳам гап шуд»-ро кор нафармо, ки

ба онҳо сахт мерасад.

Ҳаргиз миёни сухани ҳамсӯҳбататро набур. Гуфтаи ӯро то охир гӯш кун. Агар ягон сухани ӯро нафаҳмида монӣ, аввал узр хоҳ, мебахшед, чӣ гуфтед, нафаҳмидам, гуфта такрори он суханро илтимос намо.

Агар дар бораи воқеаи ба ту маълум нақл кунад, сир бой надеҳ, сабр кун, ки суханашро тамом кунад.

Аз паси касе ғайбат накун, ки одати бад аст. Агар донӣ, ки рафиқат кори нағз накардааст, ё хусусиятҳои бад дорад, онро далерона, вале нарм карда ба рӯяш гӯй.

Ҳазлу шӯхӣ сӯҳбатро оро медиҳад. Аммо дар вақти ҳазл касеро наранҷон, ки оқибати хуб надорад.

Абдуллоҷон ҳама суханҳои падарашро гӯш карда истоду дар охир гуфт:

– Ташаккур, падар, ман ин гуфтаҳоятонро фаромӯш намекунам.

**Забони покро ҳайф аст бисёр,**
**Ки бо лафзи дурӯғ олуда созӣ.**

**Савол ва супориш:**

Хонед, нақл кунед, ба саволҳо ҷавоб диҳед:

1. Дар миёни дӯсту рафиқон чӣ тавр будан лозим?
2. Одатҳои бади одам кадомҳоянд?
3. Кори хубу бади рафиқро дар рӯяш чӣ тавр бояд гуфт?
4. Дар ҳазлу шӯхӣ рафиқро ранҷондан чӣ оқибат дорад?

Иборaҳои «Ман гуфтаатонро фаромӯш намекунам», «Ҳазлу шӯхӣ сӯҳбатро оро медиҳад»-ро шарҳ диҳед.

**Машқи 1.** Ҷумлаҳои аввали ҳикояи «Одамро аз одобаш шиносанд»-ро нависед, ба ашёҳо саволи мувофиқ гузоред.

*Намуна*: Кӣ? - инсон, ...
Чӣ? - одоб, ...

**Супориш:** Ба калимаҳои зерин калимаҳои ҳаммаъно ёбед: **рафиқ, нағз, далер, дӯст, ҳурмат, сабр.**

*Намуна*: ***сабр*** - тоқат, ...

**Машқи 2.** Ба саволҳо ҷавоб нависед:
Як ҳафта аз чанд рӯз иборат аст?
Рӯзҳоро номбар кунед.
Дар як сол чанд фасл ҳаст?
Кадомҳо?
Кадом фасли сол ба шумо маъқул аст?
Тирамоҳ: Меваҳо мепазанд, ...
Зимистон: Ҳаво хунук, ...
Баҳор: Мавсими гулу лола,...
Тобистон : Офтоби дурахшон, ...

**Супориш:** Дар хона оид ба фасли ба шумо маъқул 2-3 ҷумла нависед.

## ДАРСИ 55

### ОДАМ
### (Ҳикоя)

Соати Абӯтолиб вайрон шуда буд. Ӯ барои дуруст кардани соаташ ба назди усто рафт. Усто он дам соати ҷавонеро, ки дар дӯкон менишаст, дуруст мекард.

- Биншин! - гуфт усто ба Абӯтолиб.

- Хайр. Дар наздат одам будааст, дафъаи дигар меоям, - гуфт Абӯтолиб.

- Канӣ одам? Дар куҷо дидӣ? - ҳайрон шуда пурсид усто.

- Ин ҷавон чӣ? - ҷавоб дод Абӯтолиб.

Усто гуфт:

- Агар ин одам мебуд, ту даромадан замон хеста ҷояшро медод.

*Расул Ғамзатов*

**Супориш:** Матнро хонед, мазмунашро нақл кунед.

**Кӯҳ бо қуллаи баландаш машҳур аст, одам бо хирадаш.**

**Супориш:**

1. Шарҳ диҳед:
2. **Сари кӯҳ** – қуллаи кӯҳ, болои кӯҳ.
3. **Хирад парваридан** – ақл ба кор бурдан, аз рӯйи ақл кор кардан.

**Машқи 1.** Матнро хонед ва тарзи қироати муколамаро ёд гиред.

*Намуна*: Кӣ? - **Одам**, ...

**Машқи 2.** Ба ин саволҳо ҷавоб диҳед ва нависед:

1. Ту киро дӯст медорӣ?
2. Рафиқи ту кист?
3. Беҳтарин рафиқ кист?
4. Ту ва дӯстат ба чӣ кор машғулед?

*Намуна*: Ту киро дӯст медорӣ? - **Модарамро**.

## ДАРСҲОИ 56 – 57

### ДАРДИ ДАНДОН

Бачаҳои азиз, шумо медонед, ки бисёр дугона ва ҷӯраҳоятон дарди дандон мешаванд. Сабаби дард кардани дандон бисёр аст, лекин асоситаринаш таъсири гармӣ, хунукӣ ё кафидани сирри болои дандон аст. Ман ба шумо давоҳои дарди дандонро баён мекунам:

Барги тари сафедорро ба дандон бимолед, милкро мустаҳкам мекунад ва дандон ҷунбонак намешавад.

Агар дандонатон ҷунбонак шуда бошад, чор-панҷ гули анорро дар об ҷӯшонида, он обро дар даҳон гардонед.

Найро, ки қамиш ҳам мегӯянд, сӯхта, ба дандонатон бимолед, онро аз чирк пок мегардонад.

Реша ё барги зуфро дар об ҷӯшонида, он обро дар даҳон гардонед, ба дарди дандон шифо мебахшад.

Хамиртурушро ба дандон бигузоред, дардро таскин медиҳад.

Тухми растании гули хайриро дар об ҷӯшонида, дар он об камтар сирко андозед, ки таъмаш туршак гардад. Баъд аз он моеъро дар даҳон гардонед, дарди дандонро, агар аз гармӣ бошад, рафъ мекунад.

**Машқи 1.** Гиёҳҳои шифобахшро нависед: **барги тари сафедор, гули анор, най, реша ё барги зуф, гули хайрӣ, пӯстлохи бед** (сафедор).

**Супориш:** Най - номи растанӣ, боз номи чӣ?

**Машқи 2.** Матнро хонед, калимаҳоеро, ки ба саволҳои *«кӣ?», «киҳо?», «чӣ хел?», «чӣ гуна?», «чӣ кор кард?», «чӣ*

*шуд?*» ҷавоб мешаванд, гӯед.

**Супориш:**

1. Калимаҳои **бузург, дӯст, бисёр, сурат, доно** бо кадом калимаҳо ҳаммаъноянд?
2. Мустақилона калимаҳои ҳамоҳанг фикр карда ёбед:
Мӯй-рӯй, лола-хола, ... санг..., роз,... зӯр...

Ба саволҳо ҷавоб диҳед:

- Дар бораи ҷумла чӣ медонед?
- Ҷумларо бо чӣ хел аломат ишора мекунед?
- Дар бораи калимаҳо чӣ медонед?
- Саволҳои *кӣ?*, *чӣ?*, *чӣ хел?*, *чӣ кор мекунад?* ба кадом калимаҳо гузошта мешаванд?
- Дар бораи овоз ва ҳарфҳо чӣ медонед?
- Алфавит чист?
- Барои чӣ калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо мекунед?
- Садонокҳоро номбар намоед!

## ДАРСИ 57

## ИМЛО ВА ҶАМЪБАСТИ СОЛИ ТАҲСИЛ

# МУНДАРИЧА

ЧОРЯКИ I ........................................ 4 – 57
ЧОРЯКИ II ........................................ 58 – 104
ЧОРЯКИ III ........................................ 105 – 183
ЧОРЯКИ IV ........................................ 184 – 238

**Ф. ШАРИФОВ, Р. МИРЗОЕВ**

# ЗАБОНИ МОДАРӢ

## КИТОБИ ДАРСӢ БАРОИ СИНФИ 2

Муҳаррир *Розиқ Ҳамидов*

Мудири редаксия *Шухрат Гафаров*

Тарроҳ, муҳаррири техникӣ ва расмӣ *Орзу Ғарибов*

Ба матбаа 05.05.2005 супурда шуд. Ба чопаш 06.06.2005 имзо шуд. Андозаи 70x90 1/16. Когази офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 15,0. Адади нашр 30 000. Супориши № 3, 11505. ООО «Х.К.ФАРАС», Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Айнӣ, 17.



FARAS